**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

*ТДУ:891.550*
*ББК:83.3(тоҷ)*
*С-32*

**САТТОРОВ ҲАБИБУЛЛО ҶАББОРОВИЧ**

# МАҚОМИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ ДАР ТАШАККУЛИ НАСРИ ИРФОНИИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК (МАСЪАЛАҲОИ САРЧАШМАШИНОСӢ ВА ПОЭТИКА)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илми филология, профессор,** муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Қурбонзода Рухшона Қурбон**

**Душанбе – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА** ............................................................................3-11
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ** .....................................................12- 21
**БОБИ I. РӮЗГОР ВА ОСОРИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ**...........22- 43
1.1.Баррасии зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ ..........................22- 30
1.2.Тавсифи мухтасари мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ.....................................................................................31- 43

**БОБИ II. САРЧАШМАШИНОСӢ, МУНДАРИҶА ВА СОХТОРИ РИСОЛАҲОИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ**..................44-101
2.1. Нусхашиносӣ ва нашрҳои рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ.....................................................................................44-56
2.2Сарчашмашиносии осори Азизуддини Насафӣ ва сохтору мундариҷаи рисолаҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ» .....................................................................................57- 88
2.3.Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» ва сохтору муҳтавои он .................89- 101

**БОБИ III. САБКИ ТАЪЛИФ ВА АРЗИШҲОИ АДАБИИ РИСОЛАҲОИ ИРФОНИИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ**..............102-146
3.1.Шеваи нигориши насри сӯфиёна ва таҷассуми он дар осори Азизуддини Насафӣ..........................................................102-114
3.2.Вижагиҳои сабкии насри Азизуддини Насафӣ.........................115-125
3.3.Шеваҳои истифодаи ашъор, амсол ва ҳикоёти тамсилӣ дар осори Азизуддини Насафӣ ..........................................................126-146

**ХУЛОСА** ..........................................................................147-154
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶА-ҲОИ ТАҲҚИҚОТ** ..........................................................155-156
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ..........................................................157-174
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ............175-176

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули улуми иҷтимоие, ки аз инкишофи ахлоқи ҷамъияти инсонӣ баҳс намуда, пешрафтҳои назарраси онро ифода мекунад, аз таърихи пурдомана ва таҳаввули андешаҳои фалсафиву ирфонии гузаштагони мо шаҳодат медиҳад. Дар қуруни вусто дар баробари рушди ҷанбаҳои муҳимми афкори фалсафӣ, ирфонӣ ва ахлоқӣ адибону мутафаккирон роҷеъ ба офариниши ҷаҳон ва асолату рисолати инсон дар ҷаҳон андеша рондаанд, ки ин амр нубуғи фикрии эшонро дар амри эҷод ва таълифи осори бузурги фалсафӣ ва ирфонӣ бозгӯӣ мекунад, ки бегумон ҳар яке аз онҳо дар пешрафти фикриву маънавии андешамандони баъдӣ таъсири бузург мегузорад.

Агар вуҷуди орифоне чун Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Зунуни Мисрӣ, Абубакри Шиблӣ, Молики Динор, Суфиёни Саврӣ ва дигарон барои таҳаввул ва ташаккули тасаввуфи амалӣ омили муҳим гардида бошад, афкору ақоиди Абулҳасани Харақонӣ, Алии Ҳуҷвирӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Шаҳобиддини Суҳравардӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Наҷмиддини Кубро, Авҳадиддини Кирмонӣ, Авҳадии Мароғайӣ ва дигарон ба таҳаввули маънавию назариёти фалсафӣ ва ирфонии асрҳои миёна раҳ кушода, мактабҳои марбут ба номи ин донишмандонро падид овардаанд.

Дар ин миён Азизуддини Насафӣ ҳамчун мутафаккир ва файласуфи ориф ҷойгоҳи махсуси худро дарёфтааст, ки бо офаридани осори арзишманд дар ҷаҳони андешаву афкори мардуми Машриқзамин нақши муассир дорад.

Азизуддини Насафӣ аз ҷумлаи орифон ва нависандагони соҳибназари маъруфи асри сездаҳуми милодӣ маҳсуб шуда, бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ насри ирфонии адабиёти пурғановати форсу тоҷикро ғанӣ гардонидааст. Ба қалами ӯ дар асл беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуф ва аркони ирфон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ба навиштаи донишманди эронӣ

Саид Алӣ Асғар Мирбоқирии Фард аз маҷмӯи осори ин нависандаи суфимашраб ҳудуди 27 рисолаи он то кунун тасҳеҳ ва нашр нашудаанд [29, с. 17].

Ҳамин пажуҳишгари номвар соли 1381 китоби «Баён-ут-танзил»-ро бар асоси чаҳор нусха тасҳеҳ ва рӯи чоп оварда, ҳамзамон як таҳқиқоти судманде дар мавриди Азизуддини Насафӣ анҷом додааст.

Азизуддини Насафӣ дар ҳавзаи бузурги фикрие қадам ба ҷаҳони андеша гузоштааст, ки меҳвари онро равишҳои фикрии исломӣ, давраи исломият ва ҷустуҷӯйҳои ирфонии вобаста ба ин низоми ақидатӣ мубтанӣ ба вуҷуд овардаанд.

Аз ин нуқтаи назар, осор ва афкори фалсафии ин донишманди мутафаккир низ аз ҷавҳари таълимоти дини мубини ислом берун омада, сурати хоси фикрию фалсафӣ касб кардааст, ки мо онро дар осори маъруфи ӯ «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони Комил», «Кашф-ул-ирфон», «Асрор-ут-тасаввуф», «Хос-ул-ҳуруф» ва ғайра ба мушоҳида мегирем.

Аз назари дигар, ба ҳадди лозим шинохта нашудани Азизуддини Насафӣ дар фалсафаву ирфон ва ҳам адабиёти асримиёнагӣ тақозо мекунад, ки бештару пештар ба осори ӯ муроҷиат намуда, асолати фикрӣ, шеваи нигориш ва мақоми арҷманди ӯро дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашем.

Ҳарчанд осори ин нависандаи сӯфимашраб дар кишварҳои форсизабон, аз ҷумла дар Эрон бо кӯшиши Мирбоқирии Фард ва дигарон ба чоп расидааст, аммо то кунун дар Тоҷикистон ҳанӯз таҳқиқоти мукаммал аз манзари шинохти арзишҳои адабиву бадеии таълифоти Азизуддини Насафӣ сурат нагирифтааст ва ҳамин матлаб моро водор месозад, ки роҷеъ ба вижагиҳои бадеиву сабкии осори мансури ин шахсияти ориф, хоса «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо» ва чанд рисолаи дигари ӯ таҳқиқоте дар доираи як диссертатсия ороста шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқу баррасии афкору андешаҳои фалсафии файласуфон ва орифони асрҳои миёна, бахусус сабки нигориш ва ҷойгоҳи нависандагони ориф дар ташаккули насри ирфонӣ солҳост, ки назари олимони ватаниву хориҷиро сӯи худ кашидааст.

Мебояд қаблан таъкид кард, ки ба таҳқиқи масъалаҳои шинохти андешаву афкори ирфонии адибону мутафаккирони асрҳои миёна, ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ҳарчанд дар замони Шӯравӣ низ аз ҳар зовия камари ҳиммат бастаанд, аммо пажӯҳиш дар моҳияти он дар кишвари мо баробари ба даст овардани истиқлоли комили кишвари азизамон ҷараёни густардае касб намуд.

Муаррифии шахсият ва осори Азизуддини Насафӣ ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ оғоз шудааст. Сарчашмаи муътамади омӯзиши рӯзгор ва мероси ин адиб пеш аз ҳама асарҳои худи вай мебошанд, ки дар онҳо бар асоси талаботи иншо дар бархе мавориди аз рӯзгор ва аҳволу ақволи хеш, хоса дар иртибот ба макотиби тасаввуфи замон зикри матолиб рафтааст. Ҳатто, таваҷҷуҳ ба тарҷумаи осори Азузиддини Насафӣ ба забонҳои хориҷӣ аз қарни ҳафтдаҳ, дақиқан аз соли 1655 милодӣ оғоз ёфта, дар ҳамин сол буд, ки қисмате аз рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Аз ҷумла, Полмер, Фритз Мер ва Ҳенри Корбен низ дар муаррифии шахсият ва осори Азизуддини Насафӣ алоқамандии густардаи хешро зоҳир кардаанд. Маҷмуаи расоили маъруфи вай бо номи «Инсони комил» аз ҷониби Морижон Мавла бо муқаддима ва ҳаввошӣ тасҳеҳ шудааст, ки ба он Ҳенрӣ Корбен муқаддимае нигоштааст [26, с. 5-8].

Ин нукта аз он далолат мекунад, ки ҳарчанд Азизуддини Насафӣ дар гӯшаи узлат умр ба сар мебурд, пажуҳишгарони аврупоӣ ҳанӯз дар қарни ҳабдаҳуми милодӣ, дақиқан аз соли 1655 ба шинохти зиндагинома ва мероси ӯ тасмим гирифтанд.

Дар тазкираҳои ирфонии баъд аз Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Маҷолис-ул-ушшоқ»

матолибе марбут ба зиндагиномаи вай омадааст, ки аз аҳамияти махсусе бархӯрдор мебошанд. Дар нигоштаҳои ховаршиносони номваре чун Ҳенри Корбен, Ричард Нитен, Морижон Мавла ва дигарон масоиле марбут ба афкори ирфонии Насафӣ баррасӣ шудааст.

Метавон гуфт, ки дар адабиётшиносии хориҷӣ, аз ҷумла аврупоӣ низ таҳқиқу баррасии рӯзгор ва осори Азизудддини Насафӣ хеле барвақт шуруъ гардида, ки ба корномаҳои Ҳенри Корбен аллакай ишорат шуд. Ҳамзамон, аз ҷониби устоди Донишгоҳи Глоскови Шотландия Луид Риҷвун соли 1997 китобе таҳти унвони «Азизи Насафӣ» ба табъ расидааст, ки онро Маҷдуддини Кайвонӣ дар соли 1378 ҳиҷрӣ ба форсӣ тарҷума ва интишор намудааст [115, с. 784].

Бояд қайд намуд, ки ин муҳаққиқи шотландӣ қабл аз он ки ин асарро нависад, рисолаи «Инсони комил”-и Азизуддини Насафиро ба забони англисӣ тарҷума намуда ва дар ин замина чанд мақолае ҳам навиштааст. Аммо рисолаи комили донишманди аврупоӣ Луид Риҷвун таҳти унвони «Азизи Насафӣ» аз ҷумлаи муҳимтарин тадқиқоти илмӣ роҷеъ ба шахсият ва афкори фалсафӣ дар Ховарзамин ба шумор меравад.

Ҳарчанд рисола «Азизи Насафӣ» унвон дорад ва дар он шарҳи ҳол ва мероси нависанда баён шудааст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки асосан мабоҳиси муаллифи асар роҷеъ ба ақоиди фалсафии Азизуддини Насафӣ сухан рафтааст.

Дидгоҳҳои Азизуддини Насафӣ дар мавриди ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, сулуки сӯфиёна, руъияти иттиҳодӣ бо Худо, яъне афкори ваҳдати вуҷуд, инчунин камоли инсон дар ин китоб шарҳу тафсир ёфтаанд. Агарчи таваҷҷуҳ ба афкори фалсафии Азизуддини Насафӣ бештар ба мушоҳида мерасад, вале дар бахши бештари таҳқиқоти ин донишманди аврупоӣ роҷеъ ба ҷанбаҳои ирфонии осори мансури Азизуддини Насафӣ, чун сулуки суфиёна, инсони комил ва

ваҳдати вуҷуд низ изҳори назар шудааст, ки зимнан барои шинохти ҷанбаҳои услубӣ ва ҳунарии насри сӯфиёнаи Азизуддини Насафӣ аз аҳамияти хоси илмӣ бархӯрдоранд.

Дар мавриди таҳқиқи комили рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ асосан донишмандони соҳибноми Эрон Аҳмад Маҳдии Домғонӣ, Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард ва Алӣ Асғари Ҳикмат, Ҳомид Раббонӣ иштиғол варзидаанд. Мирбоқирии Фард дар баррасии рӯзгору осор ва мероси Азизуддини Насафӣ мабоҳиси фаровони илмиеро дар муқаддимаи асари «Баён-ут-танзил» ғунҷоиш додааст, ки бевосита ба эҳтимоми ин донишманди номвар тасҳеҳ шудааст [29, с. 17].

Донишманди дигари эронӣ Ҳомид Раббонӣ рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-ро тасҳеҳ намуда, соли 1351 тариқи интишороти китобхонаи худ, ба нашр расонид [31, с. 88]. Ӯ ба ин китоб муқаддимаи муфассале ҳам навиштааст, ки дар он рӯзгору осор ва мероси адабиву афкори Азизуддини Насафӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Рисолаи дигаре низ аз сӯи се муҳаққиқи номдори эронӣ Маҳдӣ Фидоии Меҳрубонӣ бо номи «Пайдоиши андешаҳои сиёсии ирфонӣ дар Эрон. Таҳти унвони «Аз Азизи Насафӣ то Садруддини Шерозӣ» ба қалам омадааст, ки дар он асосан афкори сиёсии мутафаккирон таҳқиқ гардидааст [84, с. 21-24]. Дар ин таълифот низ дар баробари шарҳи ҷанбаҳои сиёсии афкори ирфонии Азизуддини Насафӣ ба мероси илмиву ирфониву адабии ӯ ва шарҳи мухтасари онҳо руҷӯъ шудааст.

Ҳарчанд бахшҳои марбут ба зиндагинома ва осори Азизуддини Насафӣ дар бархе аз ин осори таҳқиқӣ ба назар мерасад, аммо таҳқиқ ва мутолиа дар онон мушаххас месозад, ки руҷӯи ин донишмандон ба мероси ирфонии адиб танҳо ба хотири бозгӯии муҳтаво ва мундариҷаи таълифоти вай ба ҳадафи муқаррар намудани доираи афкори фалсафӣ ва сиёсиву ирфонии нависанда ба шумор меравад. Баррасии арзишҳои адабии таълифоти мазкур ва ҷойгоҳи онон дар адабиётшиносӣ ва

таҳаввули насри мансури ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз зовияи дидгоҳҳои илмии ин донишмандон асосан берун мондааст.

Бояд гуфт, ки танҳо аз ҷониби се нафар олимони эронӣ Муҳаммад Юсуфӣ Найирӣ, Зарринтоҷ Воридӣ ва Фотима Муиззӣ таҳқиқоте роҷеъ ба сабкшиносии асари «Кашф-ул-ҳақоиқ» анҷом шудааст, ки аз назари адабиётшиносӣ қобили аҳамият мебошад [171, с. 11-54].

Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба шинохти рӯзгору осори Азизуддини Насафӣ камтар зоҳир шудааст ва асосан он чӣ дар даст дорем, ҳамон маълумотномаҳои умумии қомусӣ ва чандин мақолаву корҳои таҳия ва нашри осор маҳсуб мешаванд.

Дар навбати аввал бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон бештари маврид ҷанбаҳои фикрӣ, яъне афкори фалсафии Азизуддини Насафӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Аввалин кӯшиш аз ҷониби донишманди риштаи фалсафа Рустам Шукуров мебошад, ки ӯ рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро аз забони асл ба забони русӣ тарҷума намудааст, ки соли 1988 дар таркиби китоби «Суфизм в контексте мусульманской культуры» ба чоп расидааст.

Соли 2011 муҳаққиқи дигари риштаи фалсафа Исомиддин Шарифов дар мавзуи «Муаммоҳои антропологӣ дар фалсафаи Азизуддини Насафӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст, ки он ба таҳқиқи ҷанбаҳои фалсафӣ, хоса фалсафаи инсон ва иродаву озодии он дар афкори фалсафии ин нависандаи ориф бахшида шудааст [169, 187, 186,188].

Рисолаи дигаре аз ҷониби Парвина Саидҷаъфарова таҳти унвони «Афкори фалсафӣ ва ахлоқии Азизуддини Насафӣ» роҷеъ ба андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии адиб баҳс мекунанд [166, 183,184, 182,182].

Дар ин рисола агарчи рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ дар як фасли рисола ба таври алоҳида баррасӣ гардидааст, ба назар мерасад, ки тамоми масоили марбут ба рӯзгору осори ин адиби мутафаккир фаро гирифта нашудаанд. Муҳаққиқ асосан ба маълумоти таҳқиқоти анҷомдодаи Аҳмад Маҳдии Домғонӣ такя намудааст.

Ҳол он ки чӣ қаблан ва чӣ баъдан дар бораи рӯзгору осори адиб корҳои муайяне дар Эрон ва кишварҳои аврупоӣ ба анҷом расидаанд, ки дар ҳар ду таҳқиқоти анҷомёфта ба мушоҳида намерасанд.

Нуктаи дигари қобили мулоҳиза он аст, ки чун ҳадафи аслии ин муҳаққиқон таҳқиқи ҷанбаҳои фалсафии афкори нависанда ба шумор меравад, табиист, ки баррасии арзишҳои адабии таълифоти Азизуддини Насафӣ аз назари онҳо берун мондааст.

Аммо дар мавриди бархе аз вижагиҳои услубии осори насрии Азизуддини Насафӣ дар рисолаи академик Носирҷон Салимов таҳти унвони «Марҳилаҳои услубии таҳаввули наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XIII) » андешаҳои ҷолиб баён шудаанд, ки қобили истиқбол ва мулоҳиза дар маърифати ҷанбаҳои бадеии насри Азизуддини Насафӣ мебошад. Дар баробари ин, танҳо дар соли 1991 рисолаи хурде аз ӯ бо номи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» тасҳеҳ ва дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» рӯи чоп омадааст.

Дар баробари ин бояд таъкид дошт, ки як силсила тадқиқоте рӯи кор омаданд, ки ба сайри таърихии ташаккули адабиёти тасаввуф бахшида шуданд, ки дар онҳо дар баробари баррасии муҳимтарин осори ирфонӣ ба таълифоти ин адиб ва суфии маъруф изҳори назар шудааст.

Ин ҷо метавон ба пажӯҳишоти олимони маъруфи тоҷик Расул Ҳодизода «Тасаввуф дар адабиёти форс», Худоӣ Шарифов «Назарияи наср» ва чанде ба дигар китобҳои таърихи адабиёти тоҷик таваҷҷуҳ намуд.

Аз ин иттилоъ равшан мешавад, ки ҳарчанд таҳқиқоти анҷомёфта фарогири маводи зиёде дар мавриди рӯзгору осори Азизуддини Насафӣ мебошанд, тадқиқи ҷанбаҳои адабиву бадеии насри ин нависандаи файласуф асосан аз таваҷҷуҳи эшон берун мондааст.

Ин андешаро мутарҷими китоби «Азизи Насафӣ»-и олими шотландӣ Луид Ричвун, Маҷдуддини Кайвонӣ низ эътироф намуда, аз ҷумла

таъкид доштааст, ки «то он ҷо ки нигоранда хабар дорад, ҳанӯз китобе мустақил, ки ин ориф ва шореҳи сӯфии садаи ҳафтумро аз ҷиҳоти мухталиф баррасӣ карда бошад, ба форсӣ таълиф нашудааст [115, с. 2].

Ҳамин мурури камтар ба ҷойгоҳи адабии таълифоти Азизуддини Насафӣ зарурате пеш меоварад, ки тадқиқи вижагиҳои адабиву бадеӣ ва сарчашмашиносиву сабкии осори насрии Азизуддини Насафӣ, хоса рисолаҳои форсии ӯ аз сар гирифта шавад.

Аз сӯи дигар, дар таснифоти насри классикии адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи ду навъи насри дорои арзишҳои адабӣ - насри фалсафӣ ва ирфонӣ таъкид мешавад, ки таълифоти Азизуддини Насафӣ аз вижагиҳои муҳими ин ду навъи мутадовили наср дар асрҳои миёна бархӯрдоранд.

Ба таври умум, баррасии вижагиҳои сабкӣ ва арзишҳои адабии насри фалсафӣ ва ирфонӣ дар мисоли осори Азизуддини Насафӣ мавзуест, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар таҳқиқ шудааст ва ба мушоҳида мерасад, ки чӣ дар Тоҷикистону Афғонистон, чӣ дар Эрону Русия ва Аврупо тадқиқоти анҷомёфта бештар ҷанбаҳои фалсафӣ доранд ва вижагиҳои сабкиву арзишҳои адабии осори Азизуддини Насафӣ асосан аз нигоҳи аҳли таҳқиқ берун мондаанд.

Вобаста ба ин, таҳқиқи мероси осори мансури Азизуддини Насафӣ ва вижагиҳои мавзуиву сабки нигориши онҳо, нақши ӯ дар ташаккули ҷанбаҳои адабӣ ва таҳаввули сабки таълифи насри фалсафӣ ва ирфонӣ матлаби меҳварии таҳқиқоти рисолаи илмии моро ба миён овардааст, ки то кунун ончунонки бояд, ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст ва муҳимтарин самтҳои онро мақсаду вазифаҳои рисола мушаххас намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Масоили мавриди таҳқиқ ва баррасигардида дар диссертатсия бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи устувор

дошта, он дар доираи «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷик барои солҳои 2016-2020-и факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти классикӣ равона шудааст, таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Диссертатсия ба таҳқиқу баррасии рӯзгор ва масъалаҳои сарчашмашиносиву поэтикаи мероси адабиву ирфонӣ ва фалсафии Азизуддидин Насафӣ бахшида шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ кӯшиш бар он рафтааст, ки мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика) бар асоси таҳлилу баррасии мундариҷа ва сабки таълифи осори мансури ӯ муқаррар ва мушаххас карда шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ, таҳқиқу баррасии масъалаҳои зерин дар диссератсия нақши муҳим пайдо кардаанд:

- таҳқиқу баррасии рӯзгори Азизуддини Насафӣ бар асоси мавод ва иттилооте, ки дар осораш зикр шудааст, бо қиёсу муқобалаи он бо ахбори сарчашмаҳо ва тазкираву осори пажӯҳишӣ;

- таҳқиқи моҳият ва мундариҷаи таълифоти ӯ, таъйиди осори мансуб ба Азизуддини Насафӣ ва асаре, ки ба номи ӯ нисбат ёфтааст ва шарҳу тавзеҳи мероси ӯ;

- баррасии хусусиятҳои бадеии насри ирфонии Азизуддини Насафӣ;

- таҳқиқи махсусиятҳои насри фалсафӣ ва ирфонӣ дар осори мансури Азизуддини Насафӣ;

- Азизудини Насафӣ ва ривоҷи насри ирфонӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик;

- сарчашмашиносии осори мансури Азизуддини Насафӣ;

- шеваҳои хоси корбурди ашъори форсӣ дар асарҳои насрии Азизуддини Насафӣ ва баррасии ҷойгоҳи ашъори шоир дар таркиби асарҳои мансури ӯ;

- вижагиҳои рамзгароӣ ва усулҳои ҷолиби корбурди ривоёту ҳикоят дар таркиби осори мансури Азизуддини Насафӣ;

- нусхашиносии осори форсии Азизуддини Насафӣ;

- шинохти сарчашмаҳои афкор ва таҳқиқи осори Азизуддини Насафӣ;

- истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ дар осори мансури Азизуддини Насафӣ ва баррасии дидгоҳҳои хосаи ӯ ба мафоҳим ва истилоҳоти орифона;

- таҳқиқи ашъори мавриди истифодаи Азизуддини Насафӣ ва баҳсу баррасии сарчашмаҳои аслии онҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқи диссертатсия рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ маҳсуб мешаванд, аз ҷумла «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мақсад-ул-ақсо» ва чанде аз рисолаҳои дигари муаллиф.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқи диссерататсия вижагиҳои сабки таълифи рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми ин шахсияти барҷастаи олами ирфон дар ташаккули насри фалсафӣ ва ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика) ба шумор меравад.

**Мавзуи таҳқиқот.** «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» буда, дар он масъалаҳои марбут ба рӯзгору осор, мероси мансури адабиву ирфонӣ, вижагиҳои сабкиву мавзуии таълифоти насрии Азизуддини Насафӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро комёбиҳо ва принсипҳои пажӯҳиши муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, инчунин равишҳои таҳқиқи Эдуард Браун, Николсон, Забеҳулло Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Муҷтабо Минавӣ, Қосим Ғанӣ, Мирбоқирии Фард, Сируси Шамисо, Ҳусайн Хатибӣ,

Муҳаммадтақии Баҳор, Ҳусайни Размҷӯ, Расул Ҳодизода, Худой Шарифов, Абдулманнони Насриддин, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Носирҷон Салимӣ, Умеда Ғаффорова, Рухшона Восиева, Насиба Содиқова ва дигарон ба вуҷуд овардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни баррасӣ ва омӯзиши рӯзгору осор ва мероси адабии шахсиятҳои муътабари адабиву ирфонӣ, пеш аз ҳама усули муқоисавӣ-таърихӣ, инчунин сохторшиносии матни асари бадеӣ, шарҳнависӣ ва баррасиҳои оморӣ ба кор гирифта шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Мебояд ёдовар шуд, ки ҳангоми таълифи рисолаи илмӣ, инчунин аз таълифоти адибони классики форсу тоҷик, ки ҳамчун ба сифати нахуст таълифоти насри классикӣ дар илми адабиётшиносӣ муаррифӣ мешаванд, истифода шудааст. Ва дар ин замина аз рисолаҳо, мақолаҳо ва маҷмуаҳое, ки мавзуи мазкурро фарогир буданд низ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Вобаста ба таҳқиқот пойгоҳҳоро таълимгоҳҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар рисола нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти маънавӣ ва эҷодии Азизуддини Насафӣ, маҷмӯи осор ва вижагиҳои адабиву бадеии таълифоти ӯ, мақоми ӯ ҳамчун адиб дар рушду таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз рӯи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар канори ин ки дар рисола Азизуддини Насафӣ ҳамчун яке аз нависандагони барҷастаи насри классикии адабиёти форсу тоҷик,

нависандаи соҳиби мероси мансури ирфонӣ ва фалсафӣ барои хонандагони тоҷик муаррифӣ мешавад, мақому ҷойгоҳи ӯ ҳамчун тарвиҷдиҳандаи насри ирфонӣ  пас аз Абуалӣ ибни Сино таҳқиқ шудааст, ки то кунун ин баҳс дар рисолаҳои марбут ба таърихи адабиёти тоҷик ба миён гузошта нашуда буд, ба ҷуз аз мавориди алоҳида, ки зикраш қаблан рафт.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқу баррасии рӯзгор ва масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтикаи мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ, ки бори аввал дар доираи рисолаи илмӣ аз назари филологӣ манзур мегардад, ба мо имконият медиҳад, ки нуктаҳои зеринро ҳамчун меҳвари муҳимми илмии барои дифоъ пешниҳодшаванда манзур намоем, чунинанд:

- пажӯҳиши мазкур нақш ва мақоми Азизуддини Насафиро дар таҳаввули насри ирфонии адабиёти мансури форсу тоҷик дар асрҳои миёна муайян месозад, ки воқеан дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ саҳми ин донишманд ва нависанда нотакрор ва хеле муҳимму арзишманд аст;

- осори мансури ирфонии Азизуддини Насафӣ дар баробари ин ки таҷассуми барҷастаи намунаи насри ирфонии аҳди хеш мебошад, сарчашмаи муътамад дар шинохти рӯзгор ва осори худи нависанда ба шумор мераванд, зеро муҳимтарин нуктаҳои марбут ба рӯзгору осори адиброн метавон аз муҳтаво ва мундариҷаи ин осор берун овард;

- мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ дорои арзишҳои адабӣ мебошанд, зеро бо сабки равон ва шево ба қалам омада, тавассути корбурди ашъори мухталиф ҷанбаи адабии онҳо тақвият касб намудаанд. Ҳарчанд пешаи аслии ин мутафаккири барҷаста мустақиман нависандагӣ нест, вале мурур ба муҳтавои осораш муқаррар месозад, ки дар ташаккули ҷанбаҳои адабиву бадеии насри ирфонӣ саҳми бориз гузоштааст;

- Азизуддини Насафӣ низ чун дигар нависандагони суфимашраб муҳимтарин суннатҳои нигориши насри ирфониро дар осори хеш тақвият бахшида, аз ҷумлаи мусаннифони мумтози насри суфия эътироф гардидааст;

- барои муассир омадани шеваи нигориш ва сабки баёни худ Азизуддини Насафӣ ашъори суханварони пешинро фаровон ба кор гирифтааст. Истифодаи намунаҳое аз ашъори худи муаллиф зимни ишорати ӯ аз таҷрибаҳои ин суханвар дар гуфтани шеър дарак медиҳанд, ки аглаб ҳовии мазмунҳои орифона мебошанд;

- мақоми Азизуддини Насафӣ дар густариши насри ифронӣ ва фалсафии адабиёти форсу тоҷик ба ҳаддест, ки ҳанӯз аз миёнаҳои қарни ҳафтдаҳ таваҷҷуҳ ба осори вай дар Аврупо низ афзуда, донишмандони номваре аз кишварҳои мухталиф ба тарҷума ва тафсири осори вай пардохтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқу баррасии осори мансури фалсафӣ ва ирфонӣ, арзишҳои адабии онҳо яке аз масоили муҳимми адабиётшиносии кунунӣ, бавижа баҳси таҳқиқоти сарчашмашиносӣ ва поэтика маҳсуб мешавад. Зеро мақоми осори фалсафию ирфонии файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи асримиёнагӣ барои муаррифии рушди мактабҳои фикрӣ ва фалсафӣ, ҷараёнҳои хоси ирфонии асрҳои миёна, ҷанбаҳои муҳимми адабии ин навъ асарҳо ва нақши онҳо дар ташаккули сабкшиносии насри классикии адабиёти форсу тоҷик аз аҳамияти хос бархӯрдоранд.

Баррасии афкор ва андешаи орифони суханвар барои падид омадани равишҳои махсуси таҳқиқи ҷараёнҳои фикриву ирфонӣ аз дидгоҳи ҳирфаӣ, арзишҳои адабӣ ва сабкшиносӣ замина мегузорад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқу баррасии сабк ва арзишҳои адабии мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ имкон медиҳад, ки на танҳо вижагиҳои афкори фалсафиву ирфонии як нафар мутафаккир ва орифи

бузурги қарнҳои миёна, балки муҳимтарин сифатҳои сабкии насри классикии тоҷик, хоса насри осори сӯфия дар асрҳои миёна таъйин карда шаванд.

Таҳқиқи арзишҳои адабӣ, сохторшиносӣ ва сарчашмаҳои таълифи мероси адабиву ирфонии ин мутафаккир, асарҳои муътабари ӯ чун «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Мақсад-ул-ақсо» имкон медиҳад, ки арзишу мақоми ин асарҳо на фақат ҳамчун рисолаи пурарзиши ирфонӣ, балки ба ҳайси як рисолаи муътабари дорои арзишҳои муҳимми адабиву бадеӣ ва нақши он дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик равшан карда шавад.

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки таълифоти мансури Азизуддини Насафӣ ҳамагӣ ба гунае рисолаҳои мустақили фалсафӣ ва ирфоние ба шумор мераванд, ки дар онҳо масоили зерин таҷассум ёфтаанд:

- баррасии фалсафаи офариниши олам ва инсон бар асоси таълимоти тасаввуф ва дидгоҳҳои хосаи ирфонӣ;

- рисолаҳои Азизуддини Насафӣ осори комили фалсафӣ ва ирфоние маҳсуб мешаванд, ки ҷанбаҳои асосии ҷаҳоншиносии асримиёнагии форсу тоҷикро дар худ таҷассум кардаанд;

- дар асари «Зубдат-ул-ҳақоиқ» дар радифи ифодаи матлабҳои умумии ирфонӣ ва фалсафӣ масоили умдаи ахлоқиву иҷтимоӣ бар пояи суннатҳои хоси нигориши осори мансури ирфонӣ баён шудаанд;

- низоми комили муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзишҳои фалсафӣ ва адабӣ баррасӣ шудаанд;

- «Зубдат-ул-ҳақоиқ» дар қатори асарҳои ирфониву фалсафие шинохта шудааст, ки дар шаклгирии консепсияи фалсафию ахлоқӣ ва ирфонии форсу тоҷик дар асрҳои миёна, шеваи баён ва сабки хосаи таълифот мақоми махсус дарёфтааст.

Ин асар дар таърихи тафаккур ва ҷаҳонбинии форсу тоҷик баробари фаро гирифтани афкори ирфонӣ ва фалсафӣ арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаро ҳамчун падидаҳои фалсафӣ бо усули баёни орифона ва корбандии аносири тасвири бадеӣ баррасӣ намудааст.

Дар заминаи пажӯҳиши арзишҳои адабиву ирфонӣ ва фикрии «Кашф-ул-ирфон» имкон дорад, ки рисолаи мазкур як зуҳуроти фикрӣ, ҳосили андешаҳои фалсафию ирфонии як нафар ҳаким ва файласуфи мутабаҳҳири асримиёнагӣ маънидод карда шавад, зеро то солҳои наздик ба маърази тадқиқ кашида шудани осори мазҳабӣ, ҳамчун осори борвар аз тафаккури фалсафӣ ва ирфонӣ ва таҳқиқи арзишҳои адабиву бадеии он аз назарҳо дур афтода буд. Аз ҷониби дигар, таҳқиқи ҷанбаҳои фикрии ин асари Азизуддини Насафӣ ҳамчун зуҳуроти ҷаҳоншиносии ирфонӣ дар партави арзишҳои адабиву бадеии он муаррифӣ мегардад, ки ин амр бори нахуст ба ин равиш ва чашмандози васеъ сурат мегирад.

Омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ, инчунин баррасии вижагиҳои насри ӯ бозгӯи он аст, ки ин адиб, файлсуф ва орифи номвар дар дарозои зиндагонии хеш ба офариниши мероси гаронбаҳои мансури ирфонӣ муваффақ гардидааст.

Таҳқиқи мухтассоти осори Азизуддуни Насафӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама аҳамият ва арзиши адабии рисолаҳои фалсафиву ирфонии ӯ муайян шаванд ва дар ин замина андешаву афкори ӯ, шеваи баён, вижагиҳои осораш аз диди адабиётшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Таҳқиқу баррасии мероси мансури Азизуддини Насафӣ ва таълифоти пурарзиши ӯ имкон медиҳад, ки дар адабиётшиносии тоҷик симои воқеии як тан аз орифон ва ҳам нависандагони номвари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ намоён гардида, ҷойгоҳ ва мақоми ӯ ҳамчун нависандаи файласуф ва ориф муқаррар карда шавад.

Баробари ин, маҷмӯи рисолаҳои ирфонии ӯ аз диди фарогирии арзишҳои адабӣ, шеваҳои матлуби истифодаи ашъор, сарчашмашиносии таълифи ин асарҳои гаронмоя мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Натиҷаҳои аз таҳқиқи матолиби меҳварии диссертатсия бадастомада дар таълифи корҳои илмӣ-тадқиқии марбут ба таърихи адабиёт, забон, шеър, хоса таърихи насри ирфонӣ метавонад хидмат кунад. Ба ин мақсад ҷанбаҳои асосии ин рисоларо дар самтҳои зер метавон мушаххас намуд:

- барои таҳияи мавод дар омӯзиши курси таърихи адабиёти форсу тоҷик;

- барои таҳияи дастурҳо ва раҳнамои таълимӣ аз фанҳои «Таърихи адабиёти форсу тоҷик», хоса «Таърихи адабиёти тасаввуф» ва «Таърихи насри адабиёти форсу тоҷик», «Таърихи фалсафаи Шарқ», «Сарчашмашиносӣ», «Таърихи тасаввуф», «Адабиёти сӯфия», семинарҳои махсус аз фанни «Таърихи адабиёт», инчунин «Матншиносии осори адабӣ» ва ғайра;

- дар қироати курсҳои ҷудогона дар машғулиятҳои факултативӣ ва семинарҳои махсус;

- барои баргузор намудани суҳбатҳо ва машваратҳои илмӣ, таълифи рисолаҳои хатму магистрӣ, анҷоми рисолаҳои номзадиву докторӣ ва дигар намуди корҳои илмӣ дар факултаҳои филология ва шарқшиносӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот дар дарсҳои лексионию амалии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ду конфронси байналмилалӣ ва 3 конфронси ҷумҳуриявӣ, дар семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баррасӣ гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-069 – Адабиётшиносӣ 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мувофиқат дорад. Зеро, пажуҳиши мазкур ба баррасии масъалаҳои сарчашмашиносӣ, поэтика ва омилҳои ташаккули насри ирфонӣ дар адабиёти классикӣ, ғановати шаклию мазмунии он, таъйини марҳилаҳои асосии инкишофи ин жанр ва алоқамандию ҳамбастагии онҳо бо дигар жанрҳои адабӣ инро баръало тасдиқ менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ин росто навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фароҳам овардани маводи пажӯҳишӣ, татбиқи амалии натиҷаҳо ва истифодаи онҳо дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ рӯи кор оварда шуданд.

Бори аввал дар Тоҷикистон таҳия ва ба нашр омода намудани матни рисолаҳои Азизуддини Насафӣ, навиштани мақолаву маърӯзаҳои илмӣ ва ироаи онҳо дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок мегардад. Дар баробари ин, нахустин маротиба ба риштаи таҳқиқ кашида шудани мундариҷа ва сабки таълифи осори насрии Азизуддини Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми ӯ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз дидгоҳи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ба таври возеҳ дар таҳқиқи вижагиҳои насри тасаввуфии адабиёти мансури форсу тоҷик муқаррар менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар конференсияҳои анъанавии солонаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин дар чандин конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ муҳокима гардида, дар асоси он маърӯзаҳо манзур шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда (қарори №12 аз 21 январи соли 2023)  муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳо ва маводи конфронс ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Рисола аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I

# РӮЗГОР ВА ОСОРИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

## 1.1. Баррасии зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ

Абдулазиз ибни Муҳаммад Насафӣ (Нахшабӣ) аз орифони бузурги асри ҳафтуми ҳиҷрӣ (мутобиқ ба асри сездаҳуми милодӣ) ба шумор меравад, ки бо ҳузури хеш дар таърихи адабиёт ва насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик нақши муассир гузоштааст. Мавсуф ба унвони яке аз бузургони донишманди олами ирфон ва фалсафа эътироф гардида, аз мақоми хосае бархӯрдор аст.

Азизуддини Насафӣ бо лақабҳои Пири Сиддиқ ва Пири Ҳамзаи Сабзпӯш маъруф будааст. Роҷеъ ба зиндагиномааш маълумоти кофӣ дар даст нест. Танҳо аз осори бозмонда ва бархе аз сарчашмаҳо ва таъкидоти худи вай баъзе лаҳзаҳои рӯзгорашро метавон таъйин намуд.

Ризоқулихони Ҳидоят дар тазкираи «Риёз-ул-орифин» Азизуддини Насафиро ҳамасри Муҳаммади Хоразмшоҳ донистааст. Ба сабаби он ки зиндагии Муҳаммади Хоразмшоҳ дар қарни сездаҳуми милодӣ ҷараён гирифтаст, метавон бар ин натиҷа расид, ки рӯзгори нависандаи суфӣ дар ҳамин аср асосан дар Моварооуннаҳр сипарӣ шуда, баъдан бар асари ҳамлаи муғул, ки дар ин замон иттифоқ афтодааст, тарки зодгоҳи хеш карда, Абаркӯҳро макони зисти ҳамешагӣ ихтиёр кардааст.

Азизуддуни Насафӣ зодаи шаҳри Насаф ё номи дигари он Нахшаб аст, ки имрӯз ба унвони Қаршӣ маъруф буда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дорад. Азизуддини Насафӣ худ низ дар «Баён-ут-танзил» низ бар ин матолиб ишорат дорад ва ҳатто таъкид ҳам мекунад, ки ба рӯзгори вай Нахшаб аз ҷумлаи шаҳрҳои Суғд ба шумор мерафтааст [29, с.17-18].

Азизуддини Насафӣ дар шумори парчамбардорони насри адабиёти форсу тоҷикӣ дар Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Баробари ин, Азизуддини Насафӣ дар китоби «Инсони комил»-и хеш низ ба Насаф ё Нашхаб будани зодгоҳаш, ки аз навоҳии Суғди Мовароуннаҳр будааст, ишорат намудааст. Таъкид бояд кард, ки ин шаҳр ватан ва хостгоҳи бисёре аз донишмандон ва орифони бузург буда, маҳалли муносибе барои парвариши шахсияти Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад.

Мусаҳҳеҳи китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ”-и Азизуддини Насафӣ Ҳақвардии Носирӣ дар муқаддимаи китоби мазкур навиштааст, ки «Маъхазе, ки битавон нишони Азизуддини Насафиро дар онҳо ёфт, кам аст. Ва он чӣ дар мавриди вай омада, ин аст, ки номи ӯ Азизуддин писари Муҳаммад аҳли Насаф (Нахшаб) аст ва маъруф ба Азизи Насафӣ аст [25, с. 9]. Ҳамзамон, ҳамин муҳаққиқ дар ин муқаддима иттилоъ додааст, ки «то он ҷо ки нигоранда иттилоъ дорад, дар қарни 14 Оқоризо Ҳузуралӣ, бародари Сафӣ Алишоҳ рисолаи «Канз-ул-ирфон”-ро дар шарҳи истилоҳоти Азизуддини Насафӣ таълиф намудааст [25, с. 13].

Аз муҳимтарин воқеоти ин айёми рӯзгори вай ошноӣ бо Саъдуддини Ҳамавӣ (вафоташ соли 649 ҳ.қ.) мебошад, ки ба андешаи аҳли таҳқиқ солҳои 641 то 649, яъне то замони вафоти шайх дар хидматаш будааст. Сабаби аслии гароиши Азизуддини Насафӣ ба тасаввуф ҳам ҳамин шахсияти барҷастаи олами ирфон ба шумор меравад. Тавассути ӯ Азизуддини Насафӣ ба сайру сулуки маънавӣ пардохт ва ҳатто аз мутолиаи осори вай низ маълум мегардад, ки бархе аз ақидаҳои ирфонии Саъдуддини Ҳамавӣ дар китобу рисолаҳояш муҷассам гардидаанд. Ҳатто тазкиранависони баъдӣ низ зимни муаррифии ақидаву андешаҳои ирфонии Ҳамавӣ ба рисолаҳои ҷудогонаи Азизуддини Насафӣ мурочиат намудаанд.

Ҳамин тавр, бо таваҷҷуҳ ба ин назарҳо ва ҷойгоҳи андешаҳои Саъдуддини Ҳамавӣ дар осори Азизуддини Насафӣ метавон бо итминони комил изҳор дошт, ки дар ташаккули шахсияти ирфонӣ ва

афкори ин адиби ориф нақши Ҳамавӣ хеле бузург аст. Дар тазкираи «Маҷолис-ул-ушшоқ», ки ба Ҳусайни Бойқаро ва Камолиддин Ҳусайни Гозургоҳӣ  низ нисбат дода мешавад, роҷеъ ба иродату мақоми хоси Саъдуддини Ҳамавӣ ба Азизузиддини Насафӣ низ ривояте ба гунаи зайл нақл шудааст: «Дар аснои навиштани китобе, ки мавсум аст, ба «Кашф-ул-ҳақоиқ» дар хоб дид, ки Ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) дар масҷиди Атиқ нишастаанд ва Саъдуддини Ҳамавиву Абдуллоҳи Хафиф дар мулозимати Ҳазрат буданд. Касеро ба талаб фиристоданд. Чун мушорунилайҳ имтисолан лиамриҳум ба мулозимати ҳазрат мустаид ва сарфароз гардид, аввал он ду ва охир Ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) барои ӯ бархостанд ва ӯро пеши худ талабид ва дар бар гирифт. Саъдуддин ба арзи Ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) расонид, ки ҳар сирре, ки ман дар чорсаду чиҳил китоб пинҳон кардаам, Азизи Насафӣ дар як китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ»-и худ онро изҳор кард. Метарсам, ки аз он муҳимтар заҳмате бад-ӯ расад. Бузургвор фармуданд, ки дарвеш дар исмати Худост ва баъд аз он фармуданд, ки аз ҳиҷрати ман то ҳафтсад сол нагузарад, ин китобро зоҳир насозӣ. Мушорунилайҳ ба арз расонид, ки чанд ҷузви аввали онро мардум мусаввада карданд ва ба атроф бурда. Фармуданд, ки он чӣ монда изҳор макун» [28, с. 116-117].

Аз ин таъкиди муаллифи «Маҷолис-ул-ушшоқ», ки ҳарчанд аз олами руъё сарчашма мегирад, маълум мегардад, ки дар баробари асари афкор ва андешаҳои Саъдуддини Ҳамавӣ ба андеша ва мақоми маънавии Азизуддини Насафӣ устод ва муршиди адиб аз ҷойгоҳи хоси фикрӣ ва нависандагии ӯ низ эътироф мекунад, ки мазомини бузург ва фарохро дар ҳаҷми як китоби мухтасар метавонад ғунҷоиш диҳад.

Дар навбати аввал ин ҷо бояд ба мақоми маънавӣ ва эъҷози орифонаи Азизуддини Насафӣ ишорат шавад. Нуктаи дувум, дар навбати аввал ҳунари нависандагии ӯро тасвир мекунад, ки барои гунҷоиши маонӣ ва матолиби фаровон дар ҳадди муъҷаз ва мухтасар танҳо дар касби ҳунари баланди нависандагӣ ҳосил мешавад.

Ҳамин тавр, Азизуддини Насафӣ қисмати асосии умри худро дар Хоразм сипарӣ кард ва пас аз вафоти Саъдуддини Ҳамавӣ ба Бухоро сафар карда, тӯли муддати дароз он ҷи иқомат варзидааст.

Бомдоди рӯзи ҷумъаи аввали моҳи раҷаби ҳамон сол қабл аз омадани муғулҳо Бухороро тарк намуд ва ба сӯи Хуросон сафар кард. Дар Баҳрободи Хуросон бар сари турбати пири Худ Саъдуддини Ҳамавия иқомат ихтиёр кард ва пас аз чанде аз он ҷо ба Исфаҳон ва Шероз сафар намуд.

Аз он муддат ҳар рӯз ва ё шабе ба ҷое истиқомат ихтиёр менамуда ва ҳеҷ ҷо қарор надошт. Ниҳоят ба шаҳри Абаркӯҳ расид ва ҳамон ҷо раҳли иқомати ҳамешагӣ ихтиёр кард ва мунтаҳо дар ҳамин шаҳр ин дори фониро падруд гуфт ва феълан мазораш ҳам дар ҳамон ҷост.

Ризоқулихони Ҳидоят муаллифи тазкираи «Риёз-ул-орифин» дар бораи мақом ва ҷойгоҳи ӯ навиштааст, ки: «Азизуддини Насафӣ аз машоҳири муҳаққиқин ва аз муридони Саъдуддини Ҳамавӣ маҳсуб мешавад. Бо Султон Ҷалолуддин писари Хоразмшоҳ муосир буда, «Манозил-ус-соирин», «Мақсад-ул-ақсо», «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Усул ва фуруъ» аз мусаннифоти ӯст. Саъдуддини Ҳамавии мазкур гуфта, ки ҳар сирре, ки ман дар чаҳорсаду чиҳил ҷилд китоб пинҳон кардаам, Азизи Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ» ошкор кардааст. Ғараз дар санаи 616 ҳиҷрӣ дар Абаркуҳ фавт шуд» [47, с. 188].

Аз ахбори сарчашмаҳо ҳувайдост, ки бештари замони зиндагонии хешро Азизуддини Насафӣ дар зодгоҳаш сипарӣ намуда, баъдан замоне нисбатан тулонитар дар шаҳри Бухоро раҳли иқомат бастааст.

Дар Бухоро илмҳои ҳикмат ва фалсафа омӯхт ва дар илми тиб низ табаҳҳури комил ҳосил кард. Ин нукта аз осори худи вай низ равшан мегардад, зеро ба таъкиди худи Азизуддини Насафӣ вай ҳам аз илми фалсафа бархӯрдор буд ва ҳам дар мавориди зарурӣ ба табобати беморон машғул мегардид.

Мирбоқирии Фард низ, ки ковишҳое дар мавриди зиндагонии адиб анҷом додааст, бар ин назар аст, ки дар бештари манобеъ матолибе, ки дар бораи зиндагии вай навишта шуда, кӯтоҳ, такрорӣ ва бештари вақт ғайривоқеӣ мебошад [26, с. 2].

Аз ин иттилоот метавон тасвири номукаммале аз зиндагии ӯро тасаввур кард. Осори Азизуддини Насафӣ танҳо манобеи муътабар ва қобили итминоне аст, ки моро ба иҷмол бо зиндагонии ӯ ошно месозад. Аз иттилои худи вай дар китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ» машғулият ба касби табибиаш равшан мегардад, чун он ҷо аз табибон ва шарҳи ҳавос сухан меравад ва менависад: «Ба наздики аҳли хирад ҳавоси ботин бар се беш нест. Тахайюл, таваҳҳум ва тазаккур. Аз ҷиҳати он ки ба наздики эшон ҳисси муштарак ва хаёл ва маҳалли вай мақдами димоғ аст, ваҳму мутасаррифа яку маҳалли вай мобайни димоғ буда, ҳофизаву зокира маҳалли вай муаххари димоғ аст» [28, с. 44]..

Ҳақ ба дасти эшон аст, аз ҷиҳати он ки ин бечора ба вақти муолиҷа чандин навбат таҷриба карда, ҳисси муштарак ва хаёлро яке ёфт ва ваҳму мутасаррифаро яке дид ва ғарази ин бечора дар таҳсили тибб ва машғул будан ба муолиҷа чандин сол ин буд, то дар ташреҳ ба таҳқиқ итминоне ҳосил шавад.

Роҷеъ ба ин давраи зиндагонии хеш низ, ки ба ҳиҷрат марбут аст, низ чунин навишта: «Бидон ки дархости дарвешон дар санаи аҳади ва сабъину ситтамия буд ва дар он сол лашкари куффор ба Мовароуннаҳр омаданд ва вилоятро хароб карданд ва ин бечора дар он таърих дар шаҳри Бухоро буд ва бо ҷамоати дарвешон бомдоди рӯзи ҷумъаи аввали моҳи раҷаби санаи мазкур пеш аз расидани лашкари куффор ба шаҳри Бухоро ва ба қатлу ғорат машғул шудан, бад-ин сабаб аз шаҳр берун омадем ё худ чунин гӯӣ, ки берун оварданд ва аз оби Хуросон гузаштем ва ба шаҳрҳои Хуросон расидем ва аз он муддат боз ҳар рӯзе ба мавзее ва ҳар шаб ба ҷое будем» [28, с. 55] .

Ба навиштаи Забеҳуллоҳи Сафо, «асре, ки Азизуддини Насафӣ дар он зистааст, яке аз буҳронитарин аъсори таърих аст, зеро ӯ назорагари ваҳшитарин ҳамалот ва бузургтарин фаҷоеи таърихи башарӣ дар аҳди худ буда, ба гунае, ки навишта шудааст, вай тамоми дӯстону бастагони худро дар фитнае ҳамагир аз даст дод ва маҷбур ба ҷилои Ватан шуд ва аз Бухоро роҳи Хуросон пеш гирифт» [124, с. 1224].

Аз мутолиаи асари худи Азизуддини Насафӣ хатти сафари вай аз Хуросон ба шаҳрҳои дигар равшан мегардад. Маълум мегардад, ки вай баъд аз ин ба самти ҷануб ба шаҳрҳои Кирмон, Исфаҳон ва Шероз то ба Абаркӯҳ расидааст.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки Азизуддини Насафӣ дар ин шаҳрҳо муддате қарор гирифта ва ҳатто бархе аз осорашро ин ҷо ба қалам овардааст, ки худ ба ин ишорат мефармояд. Аз ҷумла, рисолаи дувуми китоби «Инсони комил»-ро бино ба иттилои хеш дар шаҳри Баҳробод қабл аз соли 647 ба қалам овардааст. Рисолаи чаҳоруми ин китобро бошад, дар шаҳри Шероз дар соли 680 ҳиҷрии қамарӣ ва як рисолаи дигарро аз ҳамин китоб дар шаҳри Кирмон навиштааст.

Рисолаҳои изофии нахуст ва дувуми китоби мазкурро бошад, дар Исфаҳон ба қалам овардааст. Аз ин матолиб бармеояд, ки зиндагинома ва пайкорҳои илмиву адабии Азизуддини Насафиро метавон тавассути мутолиаи осори худи вай барқарор ва ба қалам овард, ки ин нукта ба аҳамияти муҳим дар шинохти зиндагиномаи адиб доштани таълифоташ таъкид мекунад.

Пас аз бархӯрд бо яке аз номоварони ирфони аҳди худ Саъдуддини Ҳамавия, ки аз андешаҳои ирфонии Наҷмуддини Кубро пайравӣ менамуд, ба тариқати Кубравия гароиш намуд. Дар ин айём дар қаламрави Хуросон ва ҳам Эрон асосан аз андешаҳои Наҷмуддини Кубро ва Муҳйиддин ибни Арабӣ аҳли ирфон истиқбол менамуданд ва ин амр сабаб гардид, ки бо иллати иродати хеш ба Саъдуддини Ҳамавия Азизуддини Насафӣ тариқати Кубравияро ихтиёр кунад. Аммо нуктаи

қобили таъкиди дигар он аст, ки бо ҳузури ин ду шахсияти номвар дар қаламрави ирфони исломӣ як навъ робита ва пайванд миёни андешаҳои Наҷмуддини Кубро ва Муҳйиддин ибни Арабӣ эҷод гардид, ки албатта, ин мавзуи баҳси таҳқиқоти дигар аст.

Ҳамин тавр, таъкидот ва ишороти худи муаллиф равшан месозанд, ки поёни зиндагонии Азизуддини Насафӣ дар шаҳри Абаркӯҳ сипарӣ гардида ва ҳамзамон ӯ муддати бештар аз ҳаштод сол умр дидааст. Ҳатто бархе таъкид ҳам доштаанд, ки сад сол зиндагӣ кардааст. Ҳарчанд дар ин маврид санади қатъӣ вуҷуд надорад, аммо дар мавриди ҳаштод соли умри хеш дар китоби «Мақсад-ул-ақсо»-и хеш чунин навишта: «Ҳаштод сол аз умрам гузашта, то ин роҳро ба поён расонидам ва дар ин ҳаштод сол ҳар куҷо доно ва зираке нишон медоданд, мерафтам ва муддатҳо дар хидмати эшон мебудам ва мурод аз ин ҷумла он буд, то худро бишносем» [31, с. 16].

Дар мавриди соли вафоти Азизуддини Насафӣ низ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Нависандаи «Маҷолис-ул-ушшоқ» таърихи вафоташро тахминан ба солҳои 616 то 661 муқаррар намудааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар китобҳои хеш «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» низ соли 616 ҳиҷрии қамарӣ донистааст. Дар китоби «Райҳонат-ул-адаб» низ ҳамин таърих зикр шудааст, вале нависандаи «Муъҷам-ул-муаллифин» соли 686-ро соли даргузашти Азизуддини Насафӣ унвон кардааст. Аммо бар асоси он матолибе, ки худи Азизуддини Насафӣ дар осораш оварда, метавон тахмин намуд, ки ӯ то соли 691 ҳиҷрӣ дар Абаркӯҳ дар қайди ҳаёт будааст.

Ин матлаб сарчашма дар он дорад, ки Азизуддини Насафӣ дар рисолае таҳти унвони «Маърифати инсон», ки дар таркиби китоби «Инсони комил» ҷой дорад, ишорат дорад, ки ин рисоларо дар моҳи Рамазони 691 дар Абаркӯҳ ба қалам овардааст. Ба эҳтимоли зиёд имкон дорад, ки таърихи даргузашти ӯро ба ҳамин соли 691 ё баъд аз он

муқаррар намоем, ки бар асоси навиштаҳои худи вай муқаррар гардидааст.

Ҳамин тавр, Азизуддини Насафӣ аз ҷумлаи орифони маъруфи асри сездаҳуми милодӣ маҳсуб мешавад, ки бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ маъруфияти тамом пайдо кардааст.

Ба қалами Азизуддини Насафӣ беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуфи исломӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Ба навиштаи донишманди эронӣ Саид Алӣ Асғар Мирбоқирии Фард аз маҷмӯи осори ин нависандаи сӯфимашраб ҳудуди 27 тои он то кунун тасҳеҳ ва нашр нашудаанд.

Ҳамин пажӯҳишгари номвар соли 1381 китоби «Баён-ут-танзил»-ро бар асоси чаҳор нусха тасҳеҳ ва рӯи чоп оварда, ҳамзамон як таҳқиқоти судманде дар мавриди Азизуддини Насафӣ анҷом додааст.

Дар баробари ин, дар тасҳеҳ ва нашри осори дигари Азизуддини Насафӣ ҳатто олими фаронсавӣ Морижон Мавла ва чанд тан аз донишмандони дигар низ саҳм гирифтаанд, ки дар фасли баъдии рисола дар ин бора изҳори назар хоҳад шуд.

Аммо, тавре гуфта омадем, дар Тоҷикистон ҷойгоҳ ва мақоми ин орифи номвар ба таври шоиста муқаррар нашудааст. Танҳо аз тариқи маҷаллаи «Садои Шарқ» як рисолаи кӯчаки ӯ бо номи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» мунташир гардидааст.

Ҳамин ношинохтагии осори адиб моро водор менамояд, ки роҷеъ ба мероси гаронмояи ӯ ва нусхаҳои хаттии осораш дар китобхонаҳои олам ва нашрҳои анҷомёфтаи он таҳқиқе ҷудогона дар фасли дувуми рисола ба анҷом бирасонем.

Аммо, дар умум барои муайян намудани муҳимтарин нуктаҳои марбут ба рӯзгори ин адиб ва нависандаи сӯфимашраб пеш аз ҳама метавон ба осор ва таълифоти худи ӯ руҷӯъ намуда, зиндагиномаашро

мутобиқ ба осори бозмонда аз вай барқарор ва таъйин намуд, ки то кунун ин шеваи баррасии аҳвол ва ҷойгоҳи вай дар адабиёти аҳди хеш истифода нашудааст.

## 1.2. ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МЕРОСИ АДАБИВУ ИРФОНИИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Мусаллам аст, ки аз Азизуддини Насафӣ осори мансури фаровоне дар фаҳми ирфон ба ёдгор мондааст, ки маъруфтарини онҳо «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Китоб-ут-танзил», «Маърифати инсон», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо», «Асрор-ул-қобилият», «Асрор-ул-ваҳй», «Сулуки мақомот», «Манозил-ус-соирин», «Усул ва фуруъ», «Асрор-ат-тасаввуф», «Хавос-ул-ҳуруф», «Асрор-ул-қобилия», «Лавҳи маҳфуз», «Олами сағир», «Ваҳдати вуҷуд» ва амсоли инҳо мебошанд, ки теъдодашон аз 30 адад мегузарад.

Ҳарчанд дар мавриди таълифоти насрии фаровони ба қаламии ӯ тааллуқ дошта дар сарчашмаҳо матолибе зикр шуда, аммо роҷеъ ба рӯзгори вай иттилооти начандон кофӣ дастрас аст. Дар бештари манбаъҳо матолибе, ки дар бораи ӯ навишта шудаанд, кутоҳ, такрорӣ ва гоҳо ғайривоқеӣ ба қалам омадаанд.

Аз ин иттилоот танҳо метавон тасвири куллӣ ва мубҳами зиндагонии вай ба мо ҳувайдо шавад. Аз ин рӯ, мавҷудияти осори ӯ метавонад барои мо ҳамчун манобеи қобили итминон барои шинохти рӯзгор ва мақоми орифонаи Азизуддини Насафӣ қарор бигиранд.

Дар ин замина, ёдоварӣ ба маврид аст, ки Азизуддини Насафӣ баъди тарки зодгоҳаш муддати зиёде дар Бухоро иқомат дошта, теъдоде аз осори хешро дар ҳамин мазҳари ирфону илм навиштааст. Ба навиштаи муҳаққиқони осораш бештари дониши хешро дар ҳамин шаҳр такмил намудааст ва айёми сафараш ба Бухоро низ дар ҷавонӣ иттифоқ афтодааст.

Ба таври иҷмолӣ ин ҷо роҷеъ ба мундариҷа, сохтор ва муҳтавои муҳимтарин рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ иттилоъ хоҳем дод:

1. «Кашф-ул-ҳақоиқ» аз муҳимтарин асарҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ дар забони форсӣ мебошад, ки таърихи тахминии таълифи онро миёни солҳои 671- 680 ҳиҷрии қамарӣ муқаррар намудаанд. Аз унвони рисола бармеояд, ки ангезаи аслии иншои он барои муаллиф шарҳи маориф ва ҳақиқатҳое аз аркони ирфон ба шумор меравад, ки то замони Азизуддини Насафӣ камтар шарҳу тафсир ва ошкор гардида буданд. Нависанда дар оғози китоб ҳамин мавзуъро тавзеҳ медиҳад ва сабаби иншои ин асарро ҳам дархости дарвешон унвон карда менависад: «Бидон ончунон ки дархости дарвешон буд, дар ҳар рисолаи аввал сухани аҳли шариат, боз сухани аҳли ҳикмат ва аҳли ваҳдат баён кардам, аммо он чи эътиқоди ин дарвеш ва ихтиёри ин бечора аст, дар ин китоб наёвардам, аз ҷиҳати он ки башар ҳама чизҳоро надорад ва на ҳар чӣ одамӣ донад, битавонад гуфт ва аз ҳазор чиз, ки битавонад гуфт, яке чунон бошад, ки битавонад навишт, ки навишта ба дасти аҳл ва ноаҳл афтад, манзури назар қобили қабул ва ё қобили қабул пазируфта нашавад» [28, с. 23].

Афзуда бар ин, ҷойгоҳи ин китоб дар ривояте, ки муаллифи «Маҷолис-ул-ушшоқ» овардааст, боз ҳам бештар равшан мегардад. Ба ин асари Азизуддини Насафӣ Саъдуддидин Ҳамавӣ баҳои баланд додааст, ки мутобиқи он новобаста ба ҳаҷми хурд чандин муҷаллад аз осори фарогири андешаҳои фалсафӣ ва ирфониро дар худ ғунҷоиш додааст.

Шеваи баёни Азизуддини Насафӣ дар китоби мазкур ба гунае аст, ки дар бархе суханони ӯ метавон усули таълимро дар масоили мухталифи марбут ба назарияи фалсафӣ ва ирфонӣ роҷеъ ба ҷидду ҷаҳд кардан ва тақлид ба мушоҳида гирифт.

Дар меҳвари ин рисолаи ирфонӣ масъалаи мавҷуд набудани ихтилофи воқеӣ дар ҷавҳари динҳои мухталиф, ки қабл аз Азизуддини Насафӣ ҳам дар баёноти орифони дигар ба назар мерасад, қарор гирифтааст.

Китоб аз ҳафт фасл ё рисолаи мустақил иборат аст, ки ба тартиби зайл мебошанд:

Рисолаи аввал: Вуҷуд;

Рисола дуюм: Инсон;

Рисолаи сеюм: Сулук;

Рисолаи чаҳорум: Тавҳид;

Рисолаи панҷум: Маоди инсон.

Рисолаи шашум: Дунё ва охират, шаби қадр ва рӯзи қиёмат, ҳаёт ва мамот.

Рисолаи ҳафтум: Ҳафт осмону ҳафт замин, табдили замин ва тайи осмон, тайи қиёмат ва замини арафот, ҳаҷ гузоридан [27, с. 8].

Шакли комили рисолаи мазкур то замони мо омада нарасидааст. Аз ҷумла, се рисолаи охир ва хотимаи он дар ихтиёри мо қарор надорад. Вале аз рӯи ишороти худи муаллиф дар асарҳои дигараш ва аз ҳифозати унвонҳои бархе аз онҳо маълум мегардад, ки дар рисолаи ҳаштум доир ба китоби Аллоҳ ва каломи Аллоҳ, Қуръон ва Фурқон дар рисолаи нуҳум, ҳақиқати ислом ва имон, ҳақиқати савму салот ва закот бар чисту бар кист ва рисолаи дар бораи соҳиби шариату қоимшавии қиёмат ва ташреҳи он ки чанд дину шариат вучуд дорад ва чаро чигуна як шариат мансух мегардад, сухан меравад. Дар хотимаи китоб кайфияти хатми нубувват ва вилояту вижагиҳои рӯзи қиёмат мавриди баҳс қарор дода шудааааст.

Ин китоб бо эҳтимоми Аҳмад Маҳдии Домғонӣ тасҳеҳ ва тавассути нашриёти Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоби Теҳрон дар соли 1374 ба нашр расидааст. Аммо Муҳаммад Боқирии Фард ба нашрҳои мазкур бо диди интиқодӣ назар афканда, таъкид медорад, ки «бо вуҷуди ин, зарурӣ ба назар мерасад, ки бо тадвини муқаддимаи ҷомеъ ва таълиқоти комил ва ҳамчунин фароҳам овардани феҳристҳо ва намояҳо ё ин ки аломатҳои муносиб, аҳамияти китоб ва дидгоҳҳову андешаҳои Азизуддини Насафӣ, ҳамчунин дақоиқу зароифи матн бештар табйин шавад.

Илова бар ин, матни китоб ба шеваи муносиб ва илмӣ тасҳеҳ нашудааст. Ихтилофи нусхаҳо ва сабти нусхабадалҳо комилан мушаххас нест ва таъкид бар матолиби нусхаи асл сабаб шуда, ки бархе аз иборот ва ҷумалоти китоб маҳфум набошад [28, с. 24]. Дидгоҳҳои интиқодии Муҳаммад Мирбоқирии Фард ин нуктаро мусаллам медорад, ки ҳанӯз ҳам матни саҳеҳи илмӣ-интиқодии китоби мазкур дар ихтиёр қарор надорад.

Бо сабаби дар дастрасӣ қарор гирифтани қисме аз нусхаҳои хаттии китоб, ки бархе аз онҳоро мусаҳҳеҳони осори Азизуддини Насафӣ дар муқаддимаҳои нигоштаи хеш баршумурдааст ва дар ин фасли рисола ба онҳо низ ишорат рафтааст, зарурати тасҳеҳи матни илмӣ-интиқодӣ ва ё ҳадди ақал матни саҳеҳи рисола ва дигар осори адиб, пеш омадааст, ки имрӯз бояд дар кишвари мо низ анҷом дода шуда, ба хонанда пешкаш карда шавад.

2. «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи осори насрии тасаввуфии Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад, ки ба шеваи саволу ҷавоб иншо гардида, дар посухи дарвешон роҷеъ ба масоили тасаввуфӣ ба қалам омадааст. Тавре муаллиф низ дар муқаддима таъкид менамояд, ин асар гунаи талхиси асари дигари вай бо номи «Мабдаъ ва маод» ба шумор меравад.

Сababи чунин хулоса кардани асарашро чунин маънидод мекунад, ки агарчӣ «Мабдаъ ва маод» барои тамоми мардуми авом нигошта шудааст, аммо нависандаи сӯфимашраб ин хулосаро барои хосон ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, дар мавриди асли таваҷҷуҳаш ба таълифи китоби мазкур чунин менависад: «Ҷамоати дарвешон касрамаллоҳу аз ин бечора дархост карданд, ки мебояд, дар маърифати олами кабир ва олами сағир ва дар маърифати мабдаъ ва маод рисолае ҷамъ кунад... Дархости эшонро иҷобат кардам ва ончунон ки эшон гуфта буданд, ҷамъ кардам ва он маҷмуаро рисолаи «Мабдаъ ва маод» ном ниҳодам. Чун бихонданд, баъзе гуфтанд, мутаввал аст ва суханони

бағоят равшан аст ва хосу омро аз он баҳра аст. Мебояд чунон бошад, ки ҷуз хавос аз он насибе набошад. Ин дархости дигар иҷобат кардам ва рисолаи «Мабдаъ ва маод»-ро мухтасар кардам ва ин мухтасарро «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ном кардам» [25, с. 22].

Аз ин баёноти муаллиф равшан мегардад, ки китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» талхиси ҳамон рисолаи «Мабдаъ ва маод» бо шеваи хос ба шумор меравад.

Таҳиягари китоби мазкур муҳаққиқи эронӣ Ҳақвардии Носирӣ дар муқаддимаи он менависад, ки «То он ҷо ки банда мутталеъ аст, ин китоб ва «Маҷмаъ-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ зайли «Ашаъал-ла-маоти» Ҷомӣ дар солҳои қабл чопи сангӣ шудааст.

Чун нусхае хаттӣ аз ин китоб дастрас шуд, кӯшидем, то онро бо нусхаи мазкур муқобала карда ва каму костиҳояшро ҷуброн намуда, ба чоп расонам.

Аммо дар ин иқдом аз шеваи манбаи уламои мусаҳҳеҳи мутунӣ пайравии комил нашудааст, зеро нусхабадалҳои зиёде дар ихтиёр набуда, ки бо нақли ихтилофот ҳошияи зоид бар матн гардад, балки бештар манзур ва ҳадаф он буда, ки як матни таблиғии ирфонӣ, ки холӣ аз накди орои қарни ҳафтум нест, таҷдиди чоп шавад.

Лизо нусхаи хаттӣ асл қарор дода шуд ва завоиди нусахи чопии байн ба «Г» нишон дода шуд ва агар ихтилоф буд, ки дар зайли сурати матн мастур шуд. Гоҳе низ ин банда ҷиҳати аъмоли расмулхати ҷадид ҳарферо изофа кард.

Нусхаи хаттӣ, ки асл қарор дода шуд, нусхаест, ки ба қалами Маҳмуд ибни Ҷамолиддин Муҳаммади Дайламӣ, ки дар «явми иснайна тосиа ашара шаҳри Шаъбонулаъзами санаи сабъа ва арбаъина баъда алфа, ки соли 1247 бошад, китобат шудааст.

Котиб дар поёни нусха соли 1247-ро соли тоун ва вабо номидааст, ки дар он сол халқи Гелон ба тавре мурдаанд, ки касе ба касе набуд ва расидагӣ карда наметавонист [25, с. 14].

Ҳарчанд рисолаи мазкур китобе мустақил ба шумор меравад, мутолиаи осори дигари Азизуддини Насафӣ ин нуктаро равшан месозад, ки нуктаҳои мухталифе аз он осор дар китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» такрор шудаанд.

Ин асар аз муқаддима ва ду боб иборат аст. Ҳар боби он аз се асл таркиб ёфтаанд. Қисматҳои асар чунин номгузорӣ шудаанд: дар маърифати олами кабир ва олами сағир. Дар се асли боби аввал сухани аҳли шариат, сухани аҳли ҳикмат ва дар асли сеюми ин боб сухани аҳли ваҳдат ҷой гирифтааст.

Дар фаслҳои боби дуюм бошад, инсон ва маротиби ӯ интибоқи (ба якдигар мутобиқ шудан) инсони сағир бо инсони кабир, сулук ва нияти солик дар сулуки табйин (баён кардан) шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба кӯшиши ховаршинос Евгени Эдуардович Бертелс ҳамчун бахши панҷуми рисола дар бораи «Офоқ ва Анфус» бо забони русӣ тарҷума ва дар Маскав низ рӯи чоп омадааст.

Китоби мазкур ду маротиба, бори аввал ҳамчун замимаи «Ашаъал-ла-маот"-и Ҷомӣ ва «Савонеҳ"-и Ғаззолӣ ва бори дигар ба кӯшиши Носири Ҳақвардӣ тавассути интишороти Таҳурӣ дар соли 1363 дар Теҳрон ба чоп расидааст.

3. «Мақсад-ул-ақсо» рисолае мухтасар аст, ки дар як муқаддимаи нисбатан тулонӣ, чанд боб бо унвони «Дар маърифати зоти Худо», «Дар баёни сифоти Худо», «Дар афъоли Худо», «Дар маърифати афъол бар қавли аҳли ҳикмат», «Дар баёни эътиқоди аҳли тақлид ва аҳли истидлол (далел овардан) ва аҳли кашф», «Дар маърифати инсон» ва монанди ин таркиб ёфтааст.

Насафӣ дар муқаддимаи китоби дигари худ, «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ин асараш ёдоварӣ намудааст ва бо такя бар ин ишорати вай метавон тахмин кард, ки ин китобро қабл аз он иншо намудааст. Ба эҳтимоли зиёд Азизуддини Насафӣ ин китоби хешро пеш аз соли 680 ҳиҷрии қамарӣ ба қалам овардааст.

Бояд афзуд, ки «Мақсад-ул-ақсо» аз ҷумлаи нахустин рисолаҳои тасаввуфӣ ба шумор меравад, ки ба забонҳои урупоӣ, яъне забони лотинӣ дар соли 1867 тарҷума карда шудааст. Ҳамзамон ба ин тарҷума аз ҷониби олими аврупоӣ шарҳе низ нигошта шудааст, ки дар муаррифии ин асар дар қитъаи Аврупо ва умуман адабиёти тасаввуфӣ нақши барҷаста дорад. Аз миёни нусхаҳои хаттие, ки аз ин асар дар кишварҳои Туркия, Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Чин мавҷуд ҳастанд, маълум мегардад, ки китоби мазкур дар миёни мусалмонони сарзаминҳои мазкур соҳиби шуҳрати фаровон гардидааст.

Тавре таъкид гадид, ин рисола дар замимаи рисолаҳои «Ашаъал-ла-маот”-и Ҷомӣ ва чанд рисолаи худи Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба саъй ва эҳтимоми Ҳомиди Раббонӣ дар соли 1353 тавассути китобхонаи ҳамин донишманди маъруф дар Теҳрон мунташир гардидааст.

4. «Инсони комил» китоби дигари Азизуддини Насафӣ аст, ки маҷмӯаи расоили адиб низ унвон гирифтааст. Он дорои як муқаддима, 22 рисола ва 11 рисолаи изофӣ ва хотимаи китоб, ки он китоби «Манозил-ус-соирин» маҳсуб меёбад, мебошад.

Албатта, унвони китоби мазкур ба худи нависандаи асар тааллуқ надорад, чун маълум аст, ки ин китоб фарогири 22 рисола ва ҳамроҳ бо 11 рисолаи дигар ба шумор меравад. Ба хотири он ки аксари расоили мазкур ба масъалаҳои шинохти мақоми инсон бахшида шудаанд ва бо сабаби дар як муҷаллад фароҳам омаданашон ҳамин унвонро пасовандон ба асар додаанд.

Дар умум, рисолаҳои шомили китоби мазкур масоили дақиқ ва муҳимеро роҷеъ ба ирфону ҳикмат фаро мегиранд. Дар ҳар рисолаи алоҳида як мавзуи муҳимми ирфонӣ бо чанд мавзуи дигари марбут ба он пайванд гирифтааст. Тибқи шеваи хоси нигориш ҳар рисола аз муқаддимаи ҷудогона оғоз ёфта, дар расолаҳои ҷудогонаи он бо шеваҳои

роиҷи орифона, олимонаву ҳакимона масоили муҳимтарини ирфонӣ, фалсафӣ, шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар умум китоби «Инсони комил» бо шарҳи шариат, тариқат ва ҳақиқат, ки аслу ҷавҳари ирфон маҳсуб меёбанд, шуруъ гардида, чунонки гуфта шуд, бо рисолае таҳти унвони «Манозил-ус-соирин» хатм мешавад. Ба таъбири дигар, ба ҷои хотимаи ҳамин рисола дар асари мазкур ҷой дода шудааст, ки ба матолиби аслӣ ва меҳварии китоб пайванди муҳкам дорад.

Китоби «Инсони комил» аз ҷониби донишманди фаронсавӣ Морижон Мавла тасҳеҳ гардида, ба он донишманди соҳибноми фаронсавӣ Ҳенри Корбен муқаддимае ҳам нигоштааст. Китоб бо кӯшиши бахши эроншиносии Анҷумани Эрон ва Фаронса дар Теҳрон ва Анҷумани таҳқиқоти эронӣ дар Донишгоҳи Порис соли 1963 бори аввал ба дасти чоп расидааст. Баъдан, се чопи дигари он аз ҷониби китобхонаи Таҳурӣ дар Теҳрон анҷом шудааст.

Роҷеъ ба арзиш ва мақоми чопи анҷомдодаи донишманди Фаронсавӣ Морижон Мавла муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Боқирии Фард чунин навиштааст, ки «Ин китоб, ки бо ҳиммат ва кӯшиши Морижон Мавла дар шакли қобили қабуле ба чоп расидааст, ба бознигарӣ ниёз дорад, зеро дар чопи он ғалатҳои зиёде ворид шудааст, ки гоҳо маънои баъзе иборотро тағйир додаанд ва гоҳ дар мафҳуми бархе аз ҷумлаҳо норасоӣ ба вуҷуд овардааст, ки ин омилҳо моро водор месозад, ки ба ин масъла бознигарӣ карда шавад» [19, с. 21].

5. «Ат-Танзил» китоби хурде аст, ки бо шеваи мухтасар дар бораи масоили ирфонӣ ва ҳикамӣ баҳс мекунад. Ҳарчанд бархе донишмандон ин китобро бо рисолаи дигаре аз Азизуддини Насафӣ, ки «Баён-ут-танзил» ном дорад, як шуморидаанд, аммо баррасии осори адиб муқаррар мекунад, ки онҳо ду асари ҷудогона буда, дар китоби дуюм масоили мавриди назар муфассалтар баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Ба таъбири дигар, «Баён-ут-танзил», ки онро Муҳаммад Боқирии Фард тасҳеҳ кардааст, гунаи муфассали асари «ат-Танзил» маҳсуб меёбад. Ба ишораи олими эронӣ Аҳмад Маҳдии Домғонӣ китоби «ат-Танзил» дар Миср ҳам ба чоп расидааст. Донишманди аврупоӣ Ҳирмон Ландалат дар мақолае ёдовар шудааст, ки тасҳеҳи китобро дар зери даст дорад ва ин мақола худ ба наҳве шарҳу тафсири муфассали китоби мазкур низ ба шумор меравад.

6. «Баён-ут-танзил» низ аз муҳимтарин асарҳои Азизуддини Насафӣ маҳсуб мешавад, ки ба таъкиди худи вай дар шарҳи масоили ирфони назарӣ ва илмӣ пардохтааст. Рисола аз муқаддима ва даҳ фасл ва ҳар фасл аз чандин зерфаслҳо таркиб ёфтаанд. Муаллиф дар муқаддима таъкид мекунад, ки «чун дӯстон аз ман хостанд, то китобе таълиф намоям, бузургтар аз китоби «Танзил» ва кӯчактар аз китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ» бошад, аз ин рӯ хостаи онҳоро иҷобат намудам ва китоберо ба номи «Баён-ут-танзил» дар даҳ фасл ба риштаи таҳрир даровардам».

Фасли аввали китоб «Дар маърифати Худованд субҳона» унвон дорад. Фасли дуюм «Дар маърифати олам», фасли сеюм «Дар маърифати инсон», фасли чорум «Дар маърифати набӣ ва валӣ» ва фасли панҷум «Дар маърифати муъҷиза ва каромат» мебошад.

Асари «Баён-ут-танзил» тавассути Сайид Алиасғар Мирбоқирии Фард тасҳеҳу таҳқиқ ва дар соли 1391 тариқи интишороти «Сухан» дар Теҳрон мунташир шудааст. Дар пешгуфтори ин нашр таҳиягари китоб роҷеъ ба зиндагӣ, шахсияти муаллиф ва ҷаҳонбинии ӯ, сабки нигориши китоб ва нусхаҳо изҳори назар намуда, дар ҷараёни тасҳеҳи китоб бо истифода аз чандин нусхаҳои хаттии асар ихтилоф ва тағйироти нусахро баён намудааст. Ҳамзамон, дар қисмати муқаддимаи ин китоб навиштаи донишманди аврупоӣ Ҳирмон Ландалат таҳти унвони «Насафӣ ва «Баён-ут-танзил» ҷой дода шудааст, ки онро донишманди эронӣ Муҳаммад Ризо Ҷавзӣ тарҷума кардааст.

Нигоштаи мазкур баёнгари он аст, ки тарҷумаҳое аз ин китоб дар забонҳои хориҷӣ низ сомон ёфтаанд ва осори Азизуддини Насафӣ дар Аврупо низ тавассути ин тарҷмуаҳо ва таҳқиқоти ховаршиносон маъруфияти тамом доштааст.

Инчунин дар ҳошияи тасҳеҳи Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард феҳристҳои матолиб дар оғози китоб, оёт ва аҳодису ақволи урафо ва ибораҳои арабӣ, эъломи омм, истилоҳоту таъбирот, луғот, таркибот ва киноёт, манобеъ ва маохиз оварда шудааст, ки аз таваҷҷуҳи амиқ ва дақиқияти кори мураттиби китоб паём мерасонад.

Дар баробари ин, теъдоде аз нусхаҳои хаттии осори Азизуддини Насафӣ дар китобхонаҳои олам маҳфуз мебошанд, ки ҳарчанд қисмате аз онҳо ба зевари табъ ороста шудаанд, аммо бахши дигаре аз онҳо ҳанӯз ба ихтиёри аҳли таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Роҷеъ ба қисмате аз онҳо бо сабаби ҳанӯз ба нашр нарасидан матолибе дар ихтиёр мавҷуд нест. Аммо ба назар мерасад, ки тавассути феҳристҳои мавҷудаи китобхонаҳои мухталифи олам роҷеъ ба нусхаҳои хаттии осори Азизуддини Насафӣ метавон маълумоти зарурӣ ба даст овард.

Вобаста ба зарурати муаррифии нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои анҷомёфтаи осори Азизуддини Насафӣ тасмим шудааст, ки дар фасли ҷудогонаи рисола ин кор ҷараён бигирад. Аз ин рӯ, дар ин фасли рисола ба таври зарурӣ ин муаррифӣ ва таҳқиқ дар заминаи нусхашиносӣ ба сурати муфассал ҷараён хоҳад гирифт.

Баррасӣ ва тавзеҳи муҳимтарин рисолаҳои ирфониву фалсафии Азизуддини Насафӣ ин нуктаро мусаллам месозад, ки нависандаи онҳо яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони аҳди хеш ба шумор меравад, ки бо сабаби тасаллути комил ба масъалаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ аксари ин рисолаҳоро бо дархости аҳли тасаввуф ба қалам оварда ва худ дар осораш ба ин нукот ишорат фармудааст.

Бар замми оне, ки бар асари ҳамлаи хонумонсузи муғул Азизуддини Насафӣ тарки Бухоро ва дар умум Фарорудон намуд, вале яқин аст, ки сарчашмаи фикрии вай аз тасаввуфи роиҷ дар ин минтақа берун омадааст, ки ин матолиб чӣ дар шеваи баён ва чӣ дар шарҳу тавзеҳи матолиб дар ҷараёни таълифи рисолаҳо ба мушоҳида мерасад. Дар канори ин, ҳарчанд теъдоде аз рисолаҳои Азизуддини Насафӣ ба дасти чоп расида ва ҳатто ба забонҳои дигар тарҷума шудаанд, ба мушоҳида мерасад, ки ҳанӯз нусхаҳои хаттии осори ба табъ норасидаи ӯ дар китобхонаҳои олам зиёданд ва ҳамин ношинохтагӣ ё камтар таҳқиқ шудани матнҳои осори адабиву ирфонии ин адиб тақозо мекунад, ки дар амри таҳия, тасҳеҳ ва нашри осори ӯ иқдом намоем, то мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври зарурӣ муаррифӣ ва интишор нагардидаанд, пешкаши хонанда гарданд.

Бо назардошти он ки ин нависандаи баруманд ва орифи комилиёр дар қаламрави ирфон ва тасаввуф ҷойгоҳи хосаи худро дарёфтааст, дар адабиётшиносии тоҷик ба таври бояду шояд мақоми ҳунарӣ, сабку услуби осори ӯ аз дидгоҳҳои адабӣ мавриди таҳқиқи комил қарор нагирифтааст.

Ҳамин зарурат яъне ба таври кофӣ омӯхта нашудани мавзуъ барои таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи насри ирфонӣ, яъне сабку услуби осори ирфонии Азизуддини Насафӣ шароит пеш меоварад ва баробари ин тақозо медорад, ки мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нависандаи соҳибназару соҳибмактаб таҳқиқ шуда, ҷойгоҳи ӯ дар густариши насри ирфонӣ муқаррар гардад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Аз баррасӣ ва таҳқиқи матолиби меҳварии боби аввали диссертатсия равшан мегардад, ки Азизуддини Насафӣ дар шумори нависандагони соҳибназари адабиёти форсу точик, хоса насри ирфонӣ эътироф гардидааст, ки рӯзгори ибратомӯзеро басар бурда, кулли зиндагонии худро баҳри омӯзиши масоили назарии ирфонӣ, такомули маънавии ҳамзамонони хеш масраф кардааст.

Агарчӣ бар асоси иттилои сарчашмаҳо дар шаҳри Азизуддини Насафӣ, яке аз шаҳрҳои қадимаи Мовароуннаҳр, ки ҳоло дар ҳудуди ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дорад, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, вале бар асари гирудорҳои замона ва бо ҳадафи касби камолоти маънавӣ зодгоҳи хешро тарк намуда, аввал ба Бухоро ва баъдан ба Шероз сафар намуда, боқии зиндагонӣ ва эҷодиёти хешро дар он ҷойҳо сипарӣ кардааст.

Макони дафн ва зиёратгоҳи Азизуддини Насафӣ дар Абаркуҳ дар наздикии шаҳри Шероз мебошад. Ҳарчанд поёни умри Азизуддини Насафӣ дар онҷо сипарӣ шудааст, вале муддате дар манотиқи дигаре чун Кирмон, Исфаҳон, Хуросон низ будааст.

Аз ҷумлаи шогирдони орифи номвари Саъдуддини Ҳамавӣ дониста мешавад, ки назди ӯ хати иршод гирифтаву ҳатто баъди даргузашти вай ҷиҳати тарғиби ғояҳои ирфонии пири худ эҳтимом варзидааст.

Мебояд дар ин бобат нуктаи муҳимеро ёдовар шуд, ки Саъдуддини Ҳамавӣ аз ҷумлаи орофони соҳибтаълиф аст, ки рисолаи «Сакинат-ус-солиҳин» ба қалами ҳамин орифи номавар тааллуқ дорад.

Ҷойгоҳи Азизуддини Насафӣ дар назди устоди хеш Саъдиддини Ҳамавӣ ба ҳадде будааст, ки худи ӯ чунин фармуда: «Ҳар сирре, ки ман дар чаҳорсаду чиҳил ҷилд китоб пинҳон кардаам, Азизи Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ» ошкор кардааст» [28, с. 28-29].

Аз Азизуддини Насафӣ бештар аз 30 асари насрӣ ба ёдгор мондааст, ки нусхаҳои хаттии фаровони онҳо дар китобхонаҳои мухталифи олам маҳфузанд. Ба таҳқиқи таҳиягари матнҳои осори насрии ӯ Мирбоқирии Фард ҳанӯз бештар аз 27 китоби арзишманди Насафӣ интизори таҳия, тасҳеҳ ва нашр мебошанд.

То кунун танҳо чанд китоби маъруф ва муътабари ӯ «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо» асосан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба чоп расидаанд. Аз ҷумлаи рисолаҳои Азизуддини Насафӣ танҳо рисолаи «Офоқ ва анфус» тавассути маҷаллаи «Садои Шарқ» дар Тоҷикистон рӯи чоп омадааст, вале масъалаи нусхашиносӣ ва таҳияву нашри мероси ин нависандаи суфимашраб дар кишвари мо вазифаи муҳими аҳли таҳқиқ ба шумор меравад.

Ин тадбир пеш аз ҳама бояд аз дидгоҳи шинохти сабки таълифоти ӯ сурат бигирад, зеро дар таркиби забони осори ӯ вежагиҳо, луғот ва таъбироте ба кор рафтаанд, ки забони адабиёти классикии тоҷикии Фарорудро муаррифӣ мекунанд.

Вижагиҳои насрии баёни Азизуддини Насафӣ  дар осораш дар баъзе маворид насри он оҳангин, дар бархеи дигар насри содаву мурсалу фориғ аз ҳар навъи ороиҳои лафзиву маънавӣ мактуб шудааст.

Чунон ки зикр шуд ин амр пайвастагӣ ба муҳтавои сухани Азизуддини Насафӣ дорад, ҷое ки муҳтавои сухани хабарӣ ва илмӣ аст лафзи он бидуни ҳаргуна орои лафзиву маънавӣ баён шудааст.

# БОБИ II

# САРЧАШМАШИНОСӢ, МУНДАРИҶА ВА СОХТОРИ РИСОЛАҲОИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

## 2.1. НУСХАШИНОСӢ ВА НАШРҲОИ РИСОЛАҲОИ ИРФОНИИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Аз иттилои аҳли таҳқиқ равшан мегардад, ки ба қалами Азизуддини Насафӣ бештар аз 30 рисола то кунун боқӣ мондааст, ки фарогири масоили ирфонӣ ва фалсафӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд теъдоде аз расоили мазкур дар Эрону Афғонистону Туркиё ва дигар кишварҳои олам бо сабаби тарҷума шудан интишор ёфтаанд, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳанӯз миқдори зиёди осори адиб дар китобхонаҳои олам ба сурати нусахи хаттӣ дар интизори тасҳеҳ ва таҳқиқ мебошад. Бар ин асос, дар ин фасли рисола саъй мешавад, ки нахуст муҳимтарин нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои олам тавсиф ва роҷеъ ба нашрҳои анҷомёфтаи осори адиб изҳори назар шуда, зарурати тасҳеҳ ва нашри осори ӯ дар Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ ёбад:

а) Нусхашиносии осори хаттии Азизуддини Насафӣ дар китобхонаҳои олам, ки мо дар зер ишорат мекунем:

Муҳаммад Боқирии Фард дар муқаддимаи хеш ба китоби «Баён-ут-танзил» муҳимтарин нусхаҳои хаттии осори Азизуддини Насафиро, ки то кунун ба чоп нарасидаанд, чунин баршумурдааст:

1) Оғоз ва анҷом. Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, шумораи 405/16;

2) Иттиҳод ва ваҳдат, Куфр ва тавҳид. Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 2887/4;

3) Асрор-ут-тасарруф ва Хавос-ал-ҳуруф. Китобхонаи Боязид Валиуддин. Шумора 1825/18;

4) Асрор-ул-қобилия. Китобхонаи Боязид Валиуддин. Шумора 1825/11;

5) Асрор-ул-ваҳй. Китобхонаи Малак. Шумораи 4275/2; Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон, Шумораи 2398/1;

6). Афлок ва анҷум китоби Худоянд. Китобхонаи Малак. Шумораи 4045/5; [27,30].

Тавре мураттиби феҳрист тавзеҳ медиҳад, ин китоб дар мавзуи ҷабр ва ихтиёр аз дидгоҳи ирфонӣ ва шарҳу тафсири аркони тасаввуф баҳс оростааст. То ин ҷо маълум мешавад, ки аксари ин расоил ҳанӯз ба дурустӣ муаррифӣ нашудаанд ва шояд як сабаби дигари ношинохта мондани ин осори Азизуддини Насафӣ ба эҳтимоли зиёд аз миёни осори дигари ӯ ба унвони рисолаҳои хурд китобат шудани онҳо бошад, ки муҳаққиқон бо ҳамин сабаб онҳоро бо осори дигари адиб якҷо донистаанд.

088Ончунонки дар боби аввали рисола ҳам ишорат шуд, матолиби ирфонӣ ва фалсафии мавриди назари Азизуддини Насафӣ дар бархе рисолаҳои вай бо сабабҳои маълум ва номаълум такрор шудаанд. Аз ин рӯ, дастрасӣ ва тасҳеҳу таҳқиқи ин нусхаҳо имкон медиҳад, ки мушкилоти матншиносӣ ва пайвандҳои матнии осори адиб ва заруурату омилҳои такрори матолиб мушаххас карда шавад.

Дар идомаи тазаккуроти Муҳаммад Боқирии Фард мебинем, ки ба феҳристи нусхаҳои хаттии осори Насафӣ бархе осори маъруфи вай, ки гунаҳои чопии онҳо низ дар ихтиёри мо қарор доранд, ба чашм мерасанд, ки ба тартиби зайл дар зикри номҳои нусхаҳо хоҳад рафт:

7) Хос-ул-ҳуруф. Китобхонаи Боязид Валиуддин. Шумора 1825/11; Аммо дар идомаи матлаби хеш муаллифи пешгуфтор меафзояд, ки «сиҳатии интисоби ин рисола ба Азизуддини Насафӣ маълум нест ва эҳтимол дорад, ки мутааллиқ ба Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад Туркаи Исфаҳонӣ (770-835) бошад [30]. Мавриди таъкид аст, ки ин Соинуддин

дар асл ба Соинуддини Хуҷандӣ маъруф аст, ки намояндаи хонадони Оли Хуҷанд буда, дар айёми ҳукумати эшон дар Исфаҳон зиндагӣ ва эҷод намудааст.

8) Сулуки мақомот. Китобхонаи Маркaзии Донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 405/20;

9) Шарҳи абёте аз Ибни Фориз. Китобхонаи Боязид Валиуддин Шумораи 1825/12. Дар мавриди сиҳатии интисоби ин рисола ба Азизуддини Насафӣ низ тардид вуҷуд дорад.

10) Лавҳи маҳфуз ва олами сағир. Китобхонаи Малак. Шумораи 4045/18; Китобхонаи Маҷлис, Шумораи 4949;

11) Лавҳи маҳфуз ва ҷабру ихтиёр. Китобхонаи Марказии донишгоҳи Теҳрон, шумораи 876/12;

12) Мабдаъ ва маъод. Бар фоидаи аҳли ҳикмат. Китобхонаи Малак, шумораи 4045/8. Ин рисола бо дархости Сайид Тоҷиддини Ҳодии Абарқӯҳӣ навишта шудааст.

13) Мадориҷ-ул-бутун фӣ азолат-ун-шукук. Китобхонаи Боязид Валиуддин. Шумораи 1825/1;

14) Мазҳаб-ут-тасаввуф ва аҳлаҳу. Китобхонаи Сулаймония, Шумораи 1207/4;

15). Маротиб-ул-арвоҳ. (Нузул ва уруҷ). Китобхонаи Малак. Шумораи 4045/7;

16) Маротиби сабъаи ботин. Китобхонаи Малак. Шумораи 4045/3;

17) Мифтоҳ-ул-асрор. Л.Семёнов дар феҳристи Тошканд (с. 219) китоберо бо номи «Мифтоҳ-ул-арвоҳ» аз осори Азизуддини Насафӣ мешуморад.

18). Мақсуд-ус-соирин. Мадина, Орифи Ҳикма. 45;51(г). (Нусхаҳо 5;450 ва 452;)

19) Манозил-ус-соирин. Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон, Шумораи 2684/2. Ба таъкиди Муҳаммад Боқирии Фард қисматҳое аз ин китоб дар охири маҷмуаи расоили ба номи «Инсони комил» чоп

шудааст. Худи Азизуддини Насафӣ дар китоби «Мақсад-ул-ақсо» ишора мекунад, ки дар бораи ақли маош дар манзили ҳафтуми «Манозил-ус-соирин» ба шарҳ сухан рафтааст [31].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин асар ба қалами Азизуддини Насафӣ тааллуқ дошта, ҳамчун рисолаи алоҳидае аз вай ёд шудааст.

20) Нубувват ва вилоят. Паёмбарӣ ва Пешвоӣ. Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 405/5;

21). Нузул ва уруҷ. Нафси инсонӣ. Китобхонаи донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 405/19. Аз рӯи иттилои манзуршуда маълум мешавад, ки ин ду дар як нусха қарор гирифта, бо як шумора нигоҳдорӣ мешаванд.

22) Нур. Китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 4650/15. Аммо дар мавриди сиҳатии нисбати рисолаи мазкур Муҳаммад Боқирии Фард тардид намудааст.

23). Вуҷуд. Китобхонаи Маҷлис. Шумораи 4949/4;

24). Вуҷуд (ҳастӣ). Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 405/14. Оғози ин рисола бо рисолаи қабл тафовут дорад. Аз ин ишорати Муҳаммад Боқирии Фард равшан мегардад, ки шояд рисолаи аввалиро то андозае муаллиф таҳрир карда бошад, ё шояд бо шеваи марсум (рсмшуда) дар замони ӯ бар асоси хоҳиш ва пурсиши дарвешон ё аҳли тасаввуф ба он тағйироте ворид карда бошад, ки дастрасӣ ба нусхаҳои мазкур метавонад матлаби дақиқ ва андешаҳои саҳеҳро дар ин замина ба вуҷуд оварад.

25). Ваҳдати вуҷуд. Китобхонаи Маҷлис. Шумораи 4949/4; Китобхонаи Бангол, Осиёӣ 4/4. Ва (953). Ҳамроҳи «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Мақсад-ул-ақсо». Қоҳира, Дор-ул-китоб. Маҷомеи форсии Талъат. (Махтутот 1:250) [28, 31].

Ҳамзамон дар ихтиёри мо дар ҷараёни таҳқиқот як нусхаи хаттии осори Азизуддини Насафӣ қарор гирифт, ки бист рисолаи ӯ дар таркиби ҳамон як нусха китобат шуда, дар китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломии

Эрон таҳти шумораи 7380 нигаҳдорӣ шуда, дар умум аз 369 сафҳа иборат мебошад.

Аз иттилои дар сафҳаи аввали нусха омада маълум мешавад, ки нусха «Маҷмуаи расоили Азизуддини Насафӣ» унвон дошта, шомили 23 рисола бо шарҳи феҳрист аст. Котиб замони таҳрир ва китобати онро чунин тавзеҳ додааст: «Таърихи таҳрир 23 рамазони соли 862 мебошад». Дар сафҳаи баъдӣ, тавре таъкид гардид, феҳристи куллии рисолаҳои мавҷуд дар ин нусхаро бо зикри сафаҳот котиб мураттаб намудааст. Аммо ҷои тааҷҷуб аст, ки Муҳаммад Боқирии Фард дар феҳристи нусхаҳои хаттии осори Азизуддини Насафӣ, ки дар муқаддимаи китоби «Баён-ут-танзил» оварда, ки ба он мо низ такя намудем, нусхаи мазкурро наёвардааст. Ба ҳар оин, нусхаи қобили эътимодест, ки дар умум 23 рисола аз Азизуддини Насафӣ дар он ҷой гирифта, дар сафҳаи аввал рисолот ба шарҳи зайл тазаккур ёфтаанд ва маълум мешавад, ки котиб қисматҳои рисолаҳоро низ таъкид дошта:

1) Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо», муштамал бар 8 боб ва ҳар боб бар чанд фасл»;

2) Рисолаи «Ақоиди инсон»;

3) Рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ»;

4) Рисолаи «Манозил-ус-соирин ва 8 рисолаи дигар дар уруҷи руҳи ҳастӣ»;

5) Рисолаи солис «дар нубувват»;

6) Рисолаи робеъ «дар баёни ваҳдати вуҷудӣ»;

7) Рисолаи хомис «дар баҳси ҳудуси авоил»;

8) Рисолаи содис «Дар баёни баҳси ваҳй ва илҳом»;

9) Рисолаи собеъ «Дар таҳқиқи натоиқ ва ақидаи қудамои ҳукамо»;

10) Рисолаи иснайн «Дар таърихи лавҳи маҳфуз ва олами кабиру таркиб»;

11) Рисолаи сотеъ «Дар баёни лавҳи маҳфуз ва олами сағир»;

12) Рисолаи ошир «Дар баёни ҳолоти тасаввуф»;

13) Рисолаи исна «Дар баёни таҳқиқи ишқ ва муҳаббат»;

14) Рисолаи тосиъ ашара «Дар баёни ақидаи аҳли тасаввуф ва дар зоти Худо»;

15) Рисолаи солис ъашара «Дар баёни аволами хамсаи ғайбия»;

16) Рисолаи робиу ъашар «Дар баёни мулк ва малакут»;

17) Рисолаи хомису ъашара «Дар баёни он ки пирони аҳли тасаввуф ваҳҷи зот ва нафс чун кардаанд»;

18) Рисолаи содису ъашара «Дар маърифати биҳишт ва дузах»;

19) Рисолаи собиъу ъашар «Дар баёни вуҷуди ҷамъӣ ва хаёлӣ»;

20) Рисолаи ъишрун «Дар баёни таърифи канзи тавҳид ва иттиҳод ва ваҳдат»;

21) Рисолаи ъишрун ва воҳид «Дар баёни таҷаллии зот ва нури ҳақиқии он»;

22) Рисолаи ъашара ва исно «Дар баёни олами улвӣ ва сифлӣ. Лисони аҳли ваҳда»;

23) Рисолаи ъашара ва салоса «Дар баёни ваҳдати вуҷуд ва ваҳму ақл».

Бо таваҷҷуҳ ба феҳристҳои мазкур маълум мешавад, ки осори хаттии мансуб ва марбут ба Азизуддини Насафӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон зиёд мебошанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таълифоти адабиву ирфонӣ ва фалсафии ин нависандаи сӯфимашраб миёни аҳли фалсафа ва тасаввуф мақом ва шухрати махсусе доштаанд.

Албатта, ин ҷо бештар ба китобхонаҳои Ҳинду Туркияву Эрон таваҷҷуҳ шудааст. Аммо маълум аст, ки ҷусторҳо дар нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ имкон медиҳад, ки осори зиёде аз ӯ ҳанӯз ниёз ба муаррифӣ ва таҳқиқ дар китобхонаҳои ҷаҳон бояд бошанд, хосатан китобхонаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки умри тулонии хешро дар

шаҳрҳои бузургтарини он, чун Самарқанду Бухорову Насаф сипарӣ намудааст.

Таҳқиқ дар нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ аз масъалаҳои муҳими шинохти мероси адабиву ирфонии нависанда ба шумор меравад, зеро ҳоло аз танзими феҳрастҳо маълум аст, ки осори мансуб ба ӯ низ зиёд ҷой доранд, ки бояд дар заминаи таҳқиқ ин масъала дақиқ карда шавад.

Баробари ин, нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ имкон медиҳад, ки сабаб ва омилҳои такрор шудани матолиб дар таркиби расоили нависанда бар асоси муқобалаи нусхаҳои хаттӣ мушаххас ва муқаррар гардад.

Осори Азизуддини Насафӣ асосан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон нашр шудаанд. Аз ҷумла, китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ» аз ҷониби муҳаққиқи соҳибном доктор Аҳмад Маҳдии Домғонӣ тасҳеҳ шуда, дар соли 1344 дар Теҳрон ба чоп расид. Ин мусаҳҳеҳи китоби Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни кори тасҳеҳи матни рисолаи мазкур аз ду нусха истифода бурдааст.

Чунонки аз ишорати таҳиягар маълум мешавад, нусхаи аввал дар соли 1033 аз ҷониби Муҳаммад Содиқ Нозими Табрезӣ ба хатти настаълиқ дар шаҳри Тағз, ки аз ҷумлаи шаҳрҳои кишвари Яман диниста мешавад, китобат гардидааст. Домғонӣ китоби мазкурро асоси кори таҳияи хеш қарор дода, аз нусхаи дигаре, ки он дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ маҳфуз аст, истифода бурда. Ин нусха ба қалами Абуллоҳи Мозандаронӣ китобат шуда, дар охирҳои қарни сездаҳум ба василаи Мирзохони Ноинӣ ба китобхонаи Остони Қудси Разавӣ ҳадя ва ҳатто вақф гардидааст.

Нашри дигари китоби мазкур аз ҷониби Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард дар соли 1391 анҷом ёфта, дар шакли китоби алоҳида тариқи нашриёти «Сухан» ба чоп расидааст. Мусаҳҳеҳи мазкури китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ» барои тасҳеҳи он аз чаҳор нусхаи дигар истифода

намудааст, ки онҳоро дар муқаддимаи матни тасҳеҳнамудаи хеш ба гунаи зайл нақл намудааст:

1. Нусхаи асос: Ин нусха дар маҷмуаи 4136 (шомили се китоб) Маҷлиси шурои Исломӣ нигаҳдорӣ мешавад, дар соли 852 бо хатти зебое китобат шудааст. «Кашф-ул-ҳақоиқ» дар сафаҳоти 1 то 200 ин маҷмуа нигоҳ дошта шудааст ва ин нусха ақдам (аслӣ) ва асаҳи (саҳеҳ) нусхаҳои ин китоб ба шумор меравад (Кашф-ул-ҳақоиқ 29).

2. Нусхаи «Кофу дол». Ин нусха бо шумораи 1429 дар китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад ва дар соли 1082 ба хати насх китобат шуда, шомили ҳафт рисола аз «Кашф-ул-ҳақоиқ» аст.

3. Нусхаи «Коф ва ҳои ҳуттӣ». Ин нусха бо шумораи 308 дар китобхонаи Донишкадаи ҳуқуқи донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур дар муҳаррами соли 1087 ҳ.қ. китобат шуда, 184 барг дорад ва шомили ҳафт рисола аз «Кашф-ул-ҳақоиқ» аст.

4. Нусхаи «Кофу Қоф». Ин нусха дар китобхонаи Малак нигаҳдорӣ мешавад ва микрофилми он бо шумораи 4188 дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ мавҷуд аст. Ин нусха 86 барг дорад ва чанд барг аз поёни он афтодааст [28].

Дар баробари ин, Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард рисолаи дигаре аз Азизуддини Насафиро, ки «Баён-ут-танзил» унвон дорад, тасҳеҳ ва дар соли 1391 тариқи интишороти «Сухан» дар Теҳрон ба нашр расонидааст. Мавсуф дар тасҳеҳи ин асар низ аз чандин нусхаҳои хаттии он истифода намуда, ки дар натиҷа матне қобили таваҷҷуҳ таҳия шудааст.

Ба таъкиди худи вай ин китоб низ дар асоси чаҳор нусха тасҳеҳ ёфтааст, ки асоси онро нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Маҷлиси шурои Исломӣ таҳти шумораи 4136/2 ташкил медиҳад. Нусхаи мазкур дар соли 852 ҳиҷри қамарӣ китобат шудааст.

Нусхаи дигари мавриди истифодаи мураттиби китоб нусхае ба шумор меравад, ки дар Китобхонаи Малак таҳти шумораи 4196/2

нигаҳдорӣ мешавад. Як нусхаи дигар, ки аз он Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард истифода намуда, таҳти шумораи 35 дар китобхонаи Бодлиён маҳфуз аст. Китобати нусха дар моҳи муҳаррами соли 1263 ҷараён гирифтааст ва ба ин хотир аст, ки мураттиби китоб онро чандон муътабар намедонад.

Ниҳоят нусхаи чоруми мавриди истифодаи мураттиби китоб нусхае ба шумор меравад, ки таҳти шумораи 405/2 дар китобхонаи маркази Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад. Ин нусха низ чандон таърихи қадимӣ надорад ва дар соли 1283 китобат шуда, ба навиштаи таҳиягари китоб ғалатҳои зиёде дорад ва афтодагиҳои он фаровон аст [29, с. 145].

Тавре зикр карда шуд, дар Тоҷикистон танҳо ягона матни рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидааст, ки аз ҷониби Рустам Шукуров сурат гирифтааст. Муқоисаи матншиносии ин асар, ки ба хатти сириллик рӯи чоп омадааст, бо матни аслии форсии он, ки аз ҷониби Ҳақвардии Носирӣ дар Эрон тасҳеҳ ва нашр шудааст, нишон медиҳад, ки дар оғози матн чун ин таҳмид ба забони арабӣ омада, «Алҳамдулиллоҳи раббилоламин вал оқибату лил мутақин. Вассалавоту (вассалому) ало хайри халқаҳу Муҳаммад ва олиҳи-т-тайибин-ат-тоҳирин вуҷуд дорад, аммо дар матни сириллики он ҳазф шудааст [25, с. 140].

Ҳамзамон, қисмати аввали матни китоб дар нашри маҷаллаи «Садои Шарқ» анҷом ёфта, чунин аст: Аммо баъд: «Чунин гӯяд, Азъафу зуъафо ва ходими фуқаро, Азиз ибни Муҳаммади Насафӣ, ки ҷамоате аз дарвешон аз ин бечора дархост карданд, ки дар маърифати олами кабир ва олами сағир ва дар маърифати мабдаъ ва маод, рисолае ҷамъ кун ва баён кун, ки мабдаъ ҳар як ҷудост, ё мабдаъ ҷумла яке аст ва маод ҳар як ҷудост, ё маод ҷумла яке аст. Ва баён кун, ки нузул чист ва уруҷ чист. Ва баён кун, ки аввал нузул аст, он гаҳ уруҷ; ё аввал уруҷ аст, онгаҳ нузул.

Ва дигар дархост карданд, ки мебояд сухани ҳар тоифае, ки нақл кунӣ, бемайлу таассуб нақл кунӣ» [Садои Шарқ, 1991].

Дар матни форсие, ки аз ҷониби Ҳақвардии Носирӣ ба табъ расидааст, ба ҷои «ҷамоате аз дарвешон» «ҷамоати дарвешон» омада ва ҳамзамон пас аз он таркиби «касаруҳумуллоҳӣ» сабт шуда, ки дар нашри тоҷикӣ ба чашм намерасад [25, с. 113].

Аммо нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки ҷумлаи охири порчаи боло дар матни форсӣ ба сурати зайл сабт гардида: Ва баён кун, ки нузул чист ва уруҷ чист. Ва баён кун, ки аввал нузул аст, он гаҳ уруҷ; ё аввал уруҷ аст, онгаҳ нузул. Ва дигар дархост карданд, ки мебояд сухани ҳар тоифае, ки нақл кунӣ, бемайлу таассуб нақл кунӣ, ва аз худ тарҷеҳи сухани ҳеҷ як накунӣ, чунонки ҳар як гуфтаанд, нақл кунӣ” [25, с. 41].

Ба назар мерасад, ки ҳангоми таҳияи матн бо хатти сириллик таҳиягари он ба хотири ба фаҳми хонандаи тоҷик наздик шудан, ҷумлаи охирро ба шакли дигар, яъне «ончунонки ҳар як гуфтаанд, биёред» даровардаанд, чун шакли «биёред» камтар ба сабки нигориши асар ва умуман осори классикӣ қаробат дорад.

Аз диди матншиносӣ набояд ба чунин амал даст зада шавад, зеро шеваи тасҳеҳи мутуни адабӣ тақозо мекунад, ки бояд матн онгуна ки ҳаст, зикр гардида, баъдан дар бахши тавзеҳот ва ё ҳошияи матн ба унвони шарҳи матлаб нукоти мазкур таъкид карда шавад.

Баъдан, мусаллам аст, ки рисолаи мазкур бо шеваи муроҷиат ба дарвеш ба қалам омадааст, аммо маълум нест, ки чаро мураттибони матни тоҷикӣ онро ба шакли муроҷиатии ҷамъ, яъне баён кунед ё биёред, даровардаанд.

Порчаи дигар бошад, дар матни тоҷикии анҷомшуда, чунин оварда шудааст: «Ва ин маҷмуаро «Мабдоъ ва маод» ном ниҳодам. Чун бихонданд, баъзе гуфтанд, мутаввал аст ва суханон бағоят рӯшан аст ва хоса авомро аз он насиб мебояд, ки чунон бошад, ки ҷуз хосро аз он насибе набошад. Ин дархости дигарро иҷобат кардам ва рисолаи

«Мабдоъ ва маод»-ро мухтасар кардам ва ин мухтасар «Зубайдат-ул-ҳақоиқ» ном кардам ва аз Худованд мадад ва ёрӣ хостам, то аз залал ва хато нигоҳ дорад» [25, с. 113].

Дар матни форсӣ бошад, порчаи мазкур ба шакли зайл омадааст: «Чун он рисоларо тамом кардам», (он маҷмуаро) рисолаи «Мабдаъ ва маод» ном ниҳодам. Мутаввил буд, илтимос карданд, ки ихтисоре кун, он мухтасарро эҷоз кардам ва «Зубдат-ул -ҳақоиқ» ном ниҳодам ва аз Худои Таоло хостам, то аз халал нигоҳ дорад. Аннаҳу ъала залика қадир (ва Уст ба ҳамачиз қодиру тавоно)» [25, с. 41- 42].

Мусаллам аст, ки дар чандин маврид дар мутуни мазкур фарқиятҳое ба чашм мерасад ва ба эҳтимоли зиёд мураттибони нашри тоҷикии рисола аз нусхаи дигар истифода кардаанд, ки албатта, таҳлили қиёсии онҳо мавзуи баҳси ҷудогона ба шумор меравад.

Аммо ба назар мерасад, ки унвони аввали ин рисола, ки ба таъкиди муаллифи он «Мабдаъ ва маод» аст, дар матни сириллики он шояд иштибоҳан «Мабдоъ ва муод» рафтааст ё имкон дорад, ки дар нусхаи мавриди истифодаи онҳо ҳамин гуна омадааст.

Қабл аз тавзеҳи бобҳо бошад, дар матни форсӣ чунин омадааст: «Ва ин мухтасар мабнӣ аст бар ду боб. Ва ма тавфиқи илла биллаҳи алайҳи таваккалту ва илайҳи найиб» [25, с. 42].

Аммо дар матни сириллик танҳо ин ҷумла омадаасту халос «Ва бинои ин рисола бар ду боб ниҳодам» Боз ҳам ҷумлаи охири арабӣ ҳазф шудааст ва ба мушоҳида мерасад, ки мураттибони матни сириллик ба эҳтимоли зиёд тамоми ҷумла ва таркибҳои арабиро аз матни рисола берун овардаанд.

Ҳамзамон дар матни сириллик як вежагии дигаре ба мушоҳида мерасад, ки мураттибон дар қавсайн бархе аз вожагони мураккабро шарҳу тавзеҳ додаанд.

Дар матни ба сириллик таҳияшуда қабл аз шуруи матни асли таъбири «Феҳрист-ал-абвоб» (Феҳристи бобҳо) омадааст ва аммо ин дар матни форсӣ ба мушоҳида намерасад. Ба монанди ин таҳлили қиёсии ин ду матн таъкид бар он медорад, ки дар мутуни мавриди истифодаи таҳиягарони онҳо фарқиятҳои зиёде ба чашм мерасанд ва сабабу омилҳои ин дигаргуниҳоро метавон дар чандин нукта таъкид дошт:

Аввал, маълум аст, ки мураттибони ҳар ду нашр аз мутуни мухталиф истифода кардаанд, ки ин нуктаро қиёси чанд пора аз ин матн ошкор месозад.

Дар баробари ин, маълум аст, ки таҳиягари матни форсии китоб аз чандин нусхаҳо истифода кардааст, ки дар муқаддимаи хеш ба он таъкид доштааст.

Дуюм, дар матни сириллик ҷумла ва таркибҳои арабӣ ҳазф шудаанд, инчунин бархе вожаву таркибҳо ба гунаи дигар хонда шудааст, ки ишорат ба чанде аз онҳо ин андешаро собит мекунад.

Сеюм, дар матни сирилик мураттибон ба хотири фаҳми осони матни асар бархе вожагонро дар қавсайн тавзеҳ додаанд, ки, албатта, ин шева ба тақозои замони таҳияи он анҷом шудааст.

Баъдан дар бархе маворид ифодаҳоро барои ба фаҳми мардум наздик гардидан, ба забони тоҷикии имрӯз мутобиқ намудаанд.

Ҳарчанд барои фаҳми матлабҳо ин кор муфид аст, аммо ба тақозои равишҳои матншиносӣ бояд он дар ҳошия ё бахши тавзеҳот анҷом дода мешуд, зеро ин амал ҳам навъе тасарруфи мураттибон дар матн ҳисобида мешавад.

Баҳсу баррасии марбут ба масъалаҳои нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ баёнгари он аст, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нусхаҳои фаровони осори ин адиби суфӣ маҳфузанд, ки ин гуфта баёнгари шуҳрати зиёд ва маъруфияти асарҳои насрии адиб ба шумор меравад.

Дар канори ин, гунаҳои мухталифи матни осори вай низ ба чашм мерасанд, ки таҳлили қиёсии як матни форсӣ ва нашри дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» анҷомёфтаи рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ҳақиқати ин амрро бозгӯӣ мекунад.

Ихтилоф дар матни нусхаҳо худ баёнгари он аст, ки имрӯз зарурати таҳияи мутуни илмӣ-интиқодии осори Азизуддини Насафӣ бар асоси нусхаҳои хаттии дар ихтиёр мавҷудбуда ва нашрҳои хуби анҷомёфта дар Эрону кишварҳои дигар бояд сурат гирад, ки умедворем дар фурсатҳои баъдӣ ин кори муфид ва босамар ба анҷом расонида шавад.

Аз сӯи дигар, зарурати фароҳамоварии нусхаҳои хаттии осори адиб аз китобхонаҳои ҷаҳон пеш меояд, ки агар аз назари аввал ин нуфуз ҷойгоҳи осори Азизуддини Насафиро дар миёни донишмандону аҳли мутолиа дар саросари олам муқаррар кунад, аз сӯи дигар ба истиқболи шеваи баён ва нигориши вай таъкид меварзад, ки барои таҳия ва тасҳеҳи мутуни комилан саҳеҳ ва мукаммали осори нависанда шароит фароҳам меоварад.

## 2.2. САРЧАШМАШИНОСИИ ОСОРИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ ВА СОХТОРУ МУНДАРИҶАИ РИСОЛАҲОИ «ЗУБДАТ-УЛ-ҲАҚОИҚ» ВА «КАШФ-УЛ- ҲАҚОИҚ»

Маълум аст, ки заминаҳои таълифи осори ирфонӣ ба сарчашмаҳои фикрии муаллифи он пайванд мегирад ва дар баробари ин эҷоди ин навъ осор пеш аз ҳама дар натиҷаи мутолиаи мукаммали таълифоти пешиниён низ имконпазир мегардад. Ҷомеаи башарӣ дар пайи рушди тафаккури ақлу зоиқа дар шинохти каломи мансур аз назари муҳтаво ва шаклу анвоъ ба умқу паҳнои он назари ҳамешагӣ доштанд ва доранд.

Азизуддини Насафӣ пеш аз он ки даст ба таълифи осори ирфонии хеш занад, аз баракоти ҳидоят ва раҳнамоии чандин тан аз орифони номвари ҳамасри хеш баҳра гирифтааст, ки хатти иршоди ин бузургони тариқат ҳам дар ташаккули руҳонӣ ва ҳам таълифи осори гаронарзиш нақши муассир гузоштаанд. Албатта, яке аз чунин чеҳраҳои маъруфи ирфонӣ Саъдуддини Ҳамавӣ мебошад, ки ба унвони устоди Азизуддини Насафӣ маъруф аст.

Баробари ин, ҳарчанд номи аксаре аз ҳодиёни Азизуддини Насафӣ ва устодони вай дақиқан маълум нест ва дар осораш ишорат нашуда, аммо файз бардоштан аз баракоти ҳидоёти онҳо дар таркиби матн ҷо-ҷо ишорат шудааст.

Аз ҷумла, ҷое дар китоби арзишманди худ «Зубдат-ул-ҳақоиқ» менависад: «Эй дарвеш, ин бечора дар олам сафари бисёр кард ва бузургони бисёр дарёфт аз уламову ҳукком ва машоих ва дар хидмати ҳар яке муддатҳои мадид будам ва ҳар чӣ фармуданд, кардам, аз таҳсилу такрор ва аз муҷоҳадоту азкор фавоиди бисёр аз эшон ба ман расид ва чашми андаруни ман ба мулку малакут ва ҷабарут кушода шуд ва майдони фикри ман фаррох гашт ва уламоро, ки фунуни илм доштанд, дӯст гирифтам [25, с. 34].

Ин ҷо маълум мегардад, ки Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни сафарҳои хеш аз баракоти униш ва фазилати шахсиятҳои бузурги ирфону ҳикмат ва фалсафа баҳра гирифта, файзи дониши ононро низ дар осораш рехтааст. Аз ин лиҳоз, яке аз аввалин ва муҳимтарин сарчашмаҳои таълифоти ӯ ҳамин суҳбату ҳамнишинӣ бо акобири ҳикмату ирфон ва ҳидояти онон ба шумор меравад, ки Азизуддини Насафӣ мушаххас ба онҳо ишорат мекунад.

Баробари ин, агарчӣ сарчашмаи дигари таълифи осори ирфониву фалсафии Азизуддини Насафӣ осори фалсафиву ирфонии пешиниён ба шумор меравад, он ҳам ба ҳидоят ва раҳнамоии урафову уламои мазкур пайванди азалӣ ва ногусаtaниро дар худ дорад, чун аксари ин осорро маҳз бо тавсияи ин бузургон мутолиа намудааст.

Ҳамин тавр, мутолиаи осори Азизуддини Насафӣ равшан месозад, ки дар ҷараёни зиндагӣ ва эҷоди хеш осори фаровонеро мутолиа намудааст, ки онҳо дар такмили таълифоти вай нақши муассир гузоштаанд. Зимни мутолиаи асарҳои Азизуддини Насафӣ маълум гардид, ки вай аз рисолаҳои «Халлон-ул-вафо», осори Ибни Сино, «ал-Ламаъ», «Кашф-ул-маҳҷуб"-и Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия», осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, таълифоти Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, аз ҷумла «Кимиёи саодат», «Эҳё-ул-улумуддин», «Мушкот-ал-анвор», осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, рисолаҳои Тоҷиддини Ушнавӣ, «Авориф-ул-маориф», осори Шайхи Ишроқ, «Мирсод-ул-ибод"-и Наҷмиддини Розӣ, таълифоти Муҳйиддин ибни Арабӣ, ашъори Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишобурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Афзалуддини Кошонӣ, ҳамзамон аз осор ва аҳволи устоди хеш Саъдуддини Ҳамавӣ ва дигарон истифода намудааст. Ба таври хоса таъкиди як нукта зарур аст, ки Азизуддини Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ» матлаби ҷолиберо нақл намуда, ки ба тариқи зайл ишорат аз он рафтааст: «Дар соли 680 хобе дидам, ки тайи он Саъдуддини Ҳамавӣ

ҳикоят карда; «маъонӣ, ки ман дар чаҳорсад пора китоб ҷамъ кардаам, Азиз он ҷумларо дар даҳ рисола ҷамъ карда ва ҳарчанд ки ман дар ифхо (пинҳон кардан) ва пӯшидан саъй кардаам, ӯ дар изҳор (зоҳир ва ошкор кардан) кӯшида. Андеша мекунам, ки мабодо аз ин раҳгузари ноҷинсе ба ӯ озоре диҳад» [28, с. 4].

Тавре ишорат шуд, ин хоб дар асари «Маҷолис-ул-ушшоқ» ба шеваи дигар ҳам нақл гардида, ки қаблан зикри он рафт.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки корбурди абёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз «Маснавии маънавӣ» аҳли таҳқиқро ба ин натиҷа расонидааст, ки чун онҳо ҳар ду ҳамзамон будаанд, ба эҳтимоли зиёд ҳамсуҳбат шудаанд. Чун дур ба назар менамояд, ки дар он рӯзгор ба зудӣ дар ихтиёри ӯ қарор доштани осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхии ҳамасраш ба Азизуддини Насафӣ дар ҳоли ба суҳбати ҳамдигар нарасидан дастрас шуда бошад.

Аммо дар таълифоти Азизуддини Насафӣ, ки то кунун ба нашр расидаанд, ишорате ба ин ҳамсуҳбатӣ нарафтааст ва ба эҳтимоли зиёд агар дар ҳақиқат иттифоқ афтода бошад, таҳқиқи комили осори нависанда шояд гиреҳи ин мушкилотро боз намояд.

Аз ҷумла дар китоби «Кашф-ул-ҳақоиқ» ҷое Азизуддини Насафӣ ба ин рубоии Мавлонои Балхӣ истинод меварзад.

**Рубоӣ:**

Эй дар талаби гираҳкушоӣ мурда,

Бо васл бизода в-аз ҷудоӣ мурда.

Эй бар лаби баҳр ташна бар хоб шуда,

В-эй бар сари ганҷ аз гадоӣ мурда. [28, с. 75]

Ё дар китоби «Инсони комил» ин ду байти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз «Маснавии маънавӣ”-ро иқтибос овардааст.

**Байт:**

Чун ба берангӣ расӣ к-он доштӣ,

Мусиву Фиръавн доранд оштӣ.

Чунки берангӣ асири ранг шуд,

Мӯсие бо Мӯсие дар ҷанг шуд. [26, с. 48]

Мирбоқирии Фард зимни таҳқиқи осори Азизуддини Насафӣ муқаррар намудааст, ки чанд мавзуъ ва ҳикояти мушобеҳи дигар дар осори Азизуддини Насафӣ ва «Маснавӣ» ба чашм мехӯрад.

Аз ҷумла достони рақобати чиниёну румиён дар наққошиву суратгарӣ, ки дар дафтари аввали «Маснавӣ» ҷой дорад дар «Инсони комил»-и Азизуддини Насафӣ ба он таваҷҷуҳ шудааст [26, с. 17].

Албатта, бо таъкиди мазкур ҳаргиз наметавон ин матлабро қатъан изҳор дошт, ки Насафӣ бардоште аз «Маснавии Маънавӣ» карда бошад. Боз ҳам дар ин маврид мусаҳҳеҳи осори Азизуддини Насафӣ Мирбоқирии Фард дуруст таъкид медорад, ки «Мавлоно ва Насафӣ ҳар ду аз осори Имом Муҳаммади Ғазолӣ таъсир пазируфтаанд, сарчашмаи мазомини муштарак ва мушобеҳ «Эҳё-ул-улумаддин» ва «Кимиёи саодат"-и Ғазолӣ ё манобеи дигаре бошад ва Азизуддини Насафӣ онҳоро айнан аз «Маснавӣ» нақл накардааст.

Дар умум, мутолиаи осори Азизуддини Насафӣ ин нуктаро равшан мегардонад, ки барои шарҳу тафсири масоили ирфонӣ ва фалсафӣ аз сарчашмаҳои мансур ва манзуми осори ирфонӣ ва фалсафии пешиниён суд ҷуста, андеша ва афкори хешро такмил бахшидааст.

Дар ин миён асарҳои «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки муҳимтарин масоили ирфонӣ дар онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, аз ҷойгоҳи муҳиме дар миёни таълифоти Азизуддини Насафӣ бархӯрдоранд.

«Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи муҳимтарин осори ирфонӣ ва фалсафии Азизуддини Насафӣ мебошад, ки онро аслан баргузида ё талхиси китобе бо номи «Мабдаъ ва маод» медонанд. Дар ин китоб пеш аз ҳама, нависанда ба шарҳи ақидаҳои чаҳор гурӯҳ аз афроди мухталиф мепардозад, ки худ ононро чунин номгузорӣ намудааст: аҳли шариат,

аҳли ҳикмат, аҳли ваҳдат, ки боз онҳоро худ ба ду гурӯҳ қисмат кардаст, аввали ҳукамо ва дуввуми урафо.

Асли ин асар мисли аксари таълифоти дигари Азизуддини Насафӣ посух ба суолот ё мушкилоти дарвешон аст. Аз ин рӯ, зимни муқоисаи он бо матолиби асарҳои дигари ӯ, хоса «Мақсад-ул-ақсо» маълум мегардад, ки такрори матолиб дар ин таълифот низ ба мушоҳида мерасад.

Вале ин такрор на аз рӯи он аст, ки рисолаҳои адиб такрори ҳамдигар ҳастанд, балки чун шеваи аслии нигориши онҳо ба пурсиш ва мушкилоти орифону дарвешон такя мекунад, муаллиф ҳам барои посух гуфтан ба суолоти мушобеҳ ва ҳам таблиғи афкори ирфонии хеш бо забони шевову сода иқдом намудааст.

Усули баёни осори Азизуддини Насафӣ ҷаззобият ва равониву содагии сабки сухани форсисароёни Фарорудро дар худ ҳифз намудааст, ки баҳси ин мавзуъ ҷудогона сурат хоҳад гирифт.

Азизуддини Насафӣ дар муқаддимаи китобаш ангезаашро аз таълифи китоби мазкур ба гунаи зайл шарҳ додааст: «Аммо баъд: Чунин гӯяд, Азъафу зуъафо ва ходими фуқаро, Азиз ибни Муҳаммади Насафӣ, ки ҷамоати дарвешон – кассараҳумаллоҳ аз ин бечора дархост карданд, ки дар маърифати олами кабир ва олами сағир ва дар маърифати мабдаъ ва маод, рисолае ҷамъ кун ва баён кун ки мабдаъ ҳар як ҷудост ё мабдаъ ҷумла яке аст ва муод ҳар як ҷудост, ё муод ҷумла яке аст. Ва баён кун, ки нузул чист ва уруҷ чист. Ва баён кун, ки аввал нузул аст, он гаҳ уруҷ; ё аввал уруҷ аст, он гаҳ нузул. Ва дархост карданд, ки сухани ҳар тоифае, ки нақл кунӣ, чунонки гуфтаанд, нақл кунӣ. Чун он рисоларо тамом кардам, рисолаи «Мабдаъ ва маод» ном ниҳодам. Мутаввил буд; илтимос карданд, ки ихтисоре кун, он мухтасарро эъҷоз кардам, ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ном ниҳодам ва аз Худои Таоло хостам, то аз халалу нуқсон нигоҳ дорад. Аннаҳу ъала залика қадир (Уст ба ҳама чиз қодир ва тавоно). Ва ин мухтасар мабнӣ аст бар ду боб. Ва ма тавфиқи илла

биллаҳи алайҳи таваккалту ва илайҳи найиб (Ва ҳар чӣ аз ҷониби Аллоҳ буд таваккал ихтиёр кардем то ба манфиат анҷом гирад)» [25, с. 41- 42].

Азизуддини Насафӣ фаслҳои рисолаи хешро асл унвон кардааст ва таснифоти бобу фаслҳои рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба сурати зайл аст:

**Боби аввал:**

Дар маърифати олами кабир аст ва он муштамил аст бар се асл:

Асли аввал: Дар сухани аҳли шариат;

Асли дувум:Дар сухани аҳли ҳикмат;

Асли савум: Дар сухани аҳли ваҳдат.

**Боби дуюм:** Дар маърифати олами сағир ва ин боб муштамил аст бар се асл:

Асли аввал: Дар баёни инсон ва маротиби он;

Асли дувум: Дар баёни он ки инсони сағир нусха ва намудори инсони кабир аст;

Асли савум: Дар баёни он ки сулук чист. Нияти солик дар сулук чист [25, с. 43].

Дар таркиби ҳар яке аз ин аслҳои сегонаи ду боби китоб ҳамоно фаслҳои ҷудогона низ ҷой доранд, ки ба мавзуоти мухталифи ирфониву фалсафӣ ихтисос ёфтаанд. Масалан, фасли марбут ба офариниши олами малакут чунин ном гирифтааст: «Фасл: Дар баёни руҳ ва олами арвоҳ ва маротиби он» [50].

Вобаста ба бобу фаслҳои ҷудогонаи асари насрии «Зубдат-ул-ҳақоиқ» масъалаҳои муҳимтарини офариниши олам ва таснифоти табақаҳои он дар рисола шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар навбати аввал Азизуддини Насафӣ андешаҳои худро дар бораи олами сағир ва кабир баён медорад ва аз тавзеҳоти вай маълум мегардад, ки барои ифодаи худи инсон аз истилоҳи хоси ирфонии «инсони сағир» ва барои ифодаи олам аз мафҳуми «олами кабир» истифода намудааст.

Дар фасли аввали ин рисола масъалаи тавзеҳи моҳияти олам ва чигунагии ҳақиқати ҳастии он аз нигоҳи аҳли ирфон ба миён гузошта

шудааст. Азизуддини Насафӣ бо таваҷҷуҳ ба маънонии ирфонии истилоҳот бар ин натиҷа расидааст, ки инсон олами сағир аст ва тамоми ҷаҳонро олами кабир меноманд: **«Чун мании** оламро бидонистӣ, бидон, ки туро инсони сағир ва олами сағир мегӯянд ва тамоми оламро инсони кабир ва олами кабир мегӯянд» [25, с. 49-50].

Ҷолиб он аст, ки пас аз тавзеҳи матолиби хеш Насафӣ ҳамеша дар зимни муроҷиат ба дарвеш мазомини назарӣ ва ирфонии мафоҳим ва истилоҳоти хосро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар идомаи шарҳи матлаби боло бо муроҷиат ба қаҳрамони аслии осори ирфонии хеш «дарвеш» чунин таъкид мекунад:

«Эй дарвеш! Ту олами сағирӣ ва тамоми олам, олами кабир аст. Ту нусха ва намудори олами кабирӣ ва ҳар чӣ дар олами сағир ҳаст, дар олами кабир ҳаст ва ҳарчи дар олами кабир ҳаст, дар олами сағир ҳаст» [25, с. 49-50].

Маънии ирфонии назари Азизуддини Насафӣ дар он нукта тавҷеҳ ва баён ёфтааст, ки ӯ инсонро олами сағир медонад ва таъкид мекунад, ки ҳар чӣ дар олами кабир ҳаст, дар олами сағир ҳам хоҳад буд.

Аз ин рӯ, ин нукта ба он ишорат менамояд, ки мақоми инсон дар ҷаҳони омадшуд бузургу барифъат буда, ба таъбири Азизуддини Насафӣ аввалу охир ва зоҳиру ботини олами сағиру кабир аст.

Ин матлабро Азизуддини Насафӣ ба таври зерин таъкид ва ишорат намудааст: «Эй дарвеш! Ту «Аввал ва охир»-и худро бидон. Ва зоҳиру ботини худро бишнос. То аввалу охири олами кабир ва зоҳиру ботини олами кабирро бишносӣ. Эй дарвеш! Ҳарон ки мехоҳад, ки чизҳоро, чунонки ҳаст бидонад «ва бишносад, бояд ки худро чунонки ҳаст, бидонад ва бишносад» [25, с. 51].

Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни баёни ин мафоҳим ҳамон шеваи махсуси хешро, ки тавассути муроҷиат ба дарвеш дар тамомии рисола ҷараён дорад ва иншову ишорат шудааст, риоят карда ва фармудааст.

Аз шарҳу баёни Азизуддини Насафӣ маълум мегардад, ки «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо забони хоси насри ирфонии саршори мафоҳим ва истилоҳот ба қалам омадааст. Аз дидгоҳи дигар шарҳу тавзеҳи истилоҳот ва мафоҳиме, ки якояки онҳоро Азизуддини Насафӣ барои дарвешони наврох анҷом медиҳад, ин асари ӯро навъе ба як шарҳ низ бадал кардааст.

Дар саросари ин асар бо ҳамин шеваи хоси нигориш истилоҳот ва мафҳумҳои ирфонӣ тафсир шудааст. Дар идомаи сухан Азизуддини Насафӣ таваҷҷуҳи хешро ба шарҳу тафсири мафоҳим ва истилоҳоте чун ҷисм ва руҳ баён намуда, дар ин самт барои баррасии афкори ирфонии хеш дар муносибат ба инсон иқдом намудааст.

Аз ҷумла, ӯ навиштааст: «Бидон, ки руҳ ҷавҳаре басит аст. Ва муҳаррики ҷисм аст. Дар мартабаи наботӣ биттабъ ва дар мартабаи ҳайвонӣ билихтиёр ва дар мартабаи инсонӣ билақл. Ва агар ин иборот фаҳм намекунӣ бидон, руҳ ҷавҳари латиф аст ва қобили таҷзияву тақсим нест ва аз олим амр аст» [25, с. 50].

Зимни тафсири мафоҳими марбут ба офариниши инсон зинаҳои эҷоди табақаҳои инсонӣ дар сурати халқи паёмбарон, арвоҳи аввал, арвоҳи анбиё, арвоҳи авлиё ва орифон шарҳу баён ёфтааст. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар шарҳи Азизуддини Насафӣ роҷеъ ба офариниши маротиби вуҷуд, яъне пас аз инсон дар сурати анбиё, авлиё, орифон, зоҳидон, муъминон арвоҳи ҳайвоноту набroom офарида шудааст, сухан рафтааст. Баъдан, бо офариниши руҳи чандин ҳазор малоика ва офариниши олами малакут ба поён мерасад.

Ин ҷараёни офариниш бо шеваи зайл баён ёфтааст: «Чун Худои Таоло хост олами арвоҳро биёфаринад, ба он зубдаи нуронӣ назар кард. «Он» зубда бигудохт ва ба ҷӯш омад. Аз зубда ва хулосаи он руҳи хотам-ул-анбиё биёфарид. Аз зубда ва хулосаи он боқӣ, арвоҳи аввал-ул-азм биёфарид. Аз зубда хулосаи он боқӣ, арвоҳи расил биёфарид. Аз вай хулосаи он боқӣ, арвоҳи анбиё. Ва аз хулосаи он боқӣ, арвоҳи авлиё ва аз

хулосаи он боқӣ арвоҳи орифон. Аз хулосаи он боқӣ, арвоҳи зуҳҳод. Ва аз хулосаи он боқӣ, арвоҳи ибод. Ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ, арвоҳи муъминон ва хулосаи он боқӣ, арвоҳи бединон ва аз он пас арвоҳи кофирон. Ва аз он пас арвоҳи ҳайвонот ва аз он пас арвоҳи наботот биёфарид. Бо ҳар рухе чандин ҳазор малоика биёфарид. Олами малакут тамом шуд» [25, с. 51-52].

Ин ҷо ба таври боризу шоиста равшан мегардад, ки дар бахши аввали китоб масоили марбут ба офариниш шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Азизуддини Насафӣ ҳам дар тафсири мавзуоти марбут ба офариниши олам ва табақоти инсонӣ бо истифода аз мафоҳим ва истилоҳоти хос сухан кардааст, ки сабки нигориши асарро дар баробари салосату содагӣ ва равонӣ ба шеваи баёни таълифоти насри ирфонӣ пайванд бахшидааст.

Фасли дигаре, ки ба асли аввали рисола марбут аст «Дар баёни маротиби олами аҷсом (ҷисмҳо)» унвон дошта, дар он роҷеъ ба офариниши олам ва ҳафт табақаи осмон сухан меравад, ки дар истилоҳи урафо онро олами мулк унвон намудаанд.

Ин ҷо низ Азизуддини Насафӣ тавассути корбасти аносири офариниш мафоҳими хоси фалсафа ва ирфонро дар сурати ҳафт осмон ва офариниши он, аносири чаҳоргонаи ҳаво, об, хоку оташро ба кор гирифтааст, ки ба қавли вай дар умум таркиби олами мулк ҳастанд: «Бидон, ки чун Худои Таоло, хост ки олами аҷсомро биёфаринад, бадон дурди зулмонӣ назар кард. Он дурда бигудохт ва ба ҷӯш омад. Аз зубда ва хулосаи он «дурд» арш биёфарид. Аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони ҳафтум ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони шашум ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони панҷум ва аз хулосаи он боқӣ осмони чаҳорум ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони сеюм ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони дуввум ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ осмони аввал ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ унсури ҳаво ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ унсури об ва аз зубда ва хулосаи он боқӣ унсури хок, пас муфрадоти олами мулк тамом шуд» [25, с. 51].

Усули баёни Азизуддини Насафӣ, тавре гуфта шудааст, бо шеваи шарҳу тафсир ҷараён гирифтааст. Аз диди сохторшиносии матнҳо як нукта равшан мегардад, ки Азизуддини Насафӣ ба унвони як сӯфии назарияпардоз нахуст бо гунае масоили назариро баён мекунад ва баъдан бо муроҷиат ба дарвеш онҳоро дигарбора тавзеҳ медиҳад. Масалан, дар навбати аввал таъкид медорад, ки муфрадоти олами мулк ва малакутӣ бисту ҳашт омад. Чаҳордаҳ мулк, чаҳордаҳ малакут ва маркаб се, ҷимод ва наботу ҳайвон.

Ҳамчунин муфрадоти ҳуруф таҳти бисту ҳашт омаданд. Калима се омад, «исму феъл ва ҳарф» [25, с. 52].

Дар идома бо муроҷиат ба дарвеш ҳамин матлабро ба гунае тавзеҳ дода, баъдан пайванди олами арвоҳ ва аҷсом ва маротиби онро баён дошта, маротиби инсониро тавзеҳ медиҳад. Гӯё ба мушоҳида мерасад, ки бархе матолиб дар худи китоб такрор мешаванд, аммо тавре таъкид гардид, ба хотири тавзеҳ ва сареҳ баён шудани матолиб Азизуддини Насафӣ иқдом мекунад, ки нукотеро махсусан барои дарвеш ва дар умум барои ҳамаи мубтадиёни роҳи тасаввуф тафсир кунад. Ҳамин гуна мефармояд: «Эй дарвеш! Дар ин ҳеҷ сухан нест, ки муфрадоти мулк ва малакут бисту ҳаштанд. Сухан дар он аст ки аввал олами арвоҳ аст ва баъд аз он олами аҷсом, ё аввал олами аҷсом аст, онгоҳ олами арвоҳ ё ҳарду маҷмуъ аст ва дигар он ки аввал мартабаи аъло пайдо омад ва ба маротиб ба мартабаи асфал расид ё аввал мартабаи асфал пайдо омад ва ба маротиб ба мартабаи аъло расид. Дар ин сухан, тааммул бисёр кун, то бар ту макшуф гардад. То сухан дароз нашавад ва аз мақсуд боз намонам» [25, с. 52].

Бо ишораҳои «дар ин сухан тааммул бисёр кун» гоҳо маълум мешавад, ки худи Азизуддини Насафӣ ҳам такрори матолибро дар заминаи анҷоми шарҳои хеш эҳсос мекунад. Ба ин хотир аст, ки онро ба худи хонанда ё дарвешон ҳавола намуда, изҳор медорад, ки то бар ту макшуф гардад, то сухан дароз нашавад.

Мусаллам аст, ки дар фалсафаи офариниш ҳар як аз табақоти осмонӣ барои маротиби арвоҳ офарида шудааст. Тибқи муқаррароти Азизуддини Насафӣ «Маротиби арвоҳ, дар маротиби аҷсом ҳар як мақом гирифтанд, ҳар як дар мақоми худ. Арш мақоми руҳи хотами Анбиё шуд савмаа ва хилватхонаи эшон гашт» [25, с. 52].

Дар ин усули баёни Азизуддини Насафӣ як сабки бисёр ҷаззоб ва шево ба мушоҳида мерасад, ки гоҳо ифодаҳои фалсафӣ ва ирфонии ӯро тавассути такрори ибораҳои марғуб ба насри бадеӣ қаробат медиҳад. Масалан, истифодаи таркиб ва таъбирҳое чун «савмаа ва хилватхонаи эшон», ки ба маротиби арвоҳ нисбат дорад, баёноти Азизуддини Насафиро дар баробари ба сабки рамзии таълифоти ирфонӣ пайванд бахшидан, навъе назокат ато намудааст. Чун мусаллам аст, ки зоҳиран савмаа мансуб ба ибодатгоҳи насоро аст, аммо савмаа ва хилватхонае, ки Азизуддини Насафӣ ин ҷо офаридааст, ҳамоно дар маънии зоҳирии вожа, балки ба маънии табақаи осмонӣ ба кор рафта, ки ба ифодаи худи вай савмаа ё хилватхонаи арвоҳи анбиё, анбиё ва амсоли ин ба шумор меравад. Ҳамин тавр, ҳафт табақаи осмон аз диди мансубияти мақомӣ дар андешаҳои ирфонии дар ин усули баёни Азизуддини Насафӣ як сабки бисёр ҷаззоб ва шево ба мушоҳида мерасад, ки гоҳо ифодаҳои фалсафӣ ва ирфонии ӯро тавассути такрори ибораҳои марғуб ба насри бадеӣ қаробат медиҳад. Масалан, истифодаи таркиб ва таъбирҳое чун савмаа ва хилватхонаи эшон, ки ба маротиби арвоҳ нисбат дорад, баёноти Азизуддини Насафиро дар баробари ба сабки рамзии таълифоти ирфонӣ пайванд бахшидан, навъе назокат ато намудааст.

Чун мусаллам аст, ки зоҳиран савмаа мансуб ба ибодатгоҳи насоро аст, аммо савмаа ва хилватхонае, ки Азизуддини Насафӣ ин ҷо офаридааст, ҳамоно дар маънии зоҳирии вожа, балки ба маънии табақаи осмонӣ ба кор рафта, ки ба ифодаи худи вай савмаа ё хилватхонаи «арвоҳи анбиё», анбиё ва амсоли ин ба шумор меравад.

Масалан, истифодаи таркиб ва таъбирҳое чун савмаа ва хилватхонаи эшон, ки ба маротиби арвоҳ нисбат дорад, баёноти Азизуддини Насафиро дар баробари ба сабки рамзии таълифоти ирфонӣ пайванд бахшидан, навъе назокат ато намудааст. Чун мусаллам аст, ки зоҳиран савмаа мансуб ба ибодатгоҳи насоро аст, аммо савмаа ва хилватхонае, ки Азизуддини Насафӣ ин ҷо офаридааст, ҳамоно дар маънии зоҳирии вожа, балки ба маънии табақаи осмонӣ ба кор рафта, ки ба ифодаи худи вай савмаа ё хилватхонаи «арвоҳи анбиё», анбиё ва амсоли ин ба шумор меравад.

Аммо маротиб ва дараҷаҳои ба таъбири Азизуддини Насафӣ боқии одамиён ва арвоҳи набототу ҳайвонот аз олами улвӣ набуда, мансуб ба олами сифлӣ мебошанд, ки онро дар идомаи ин баҳс чунин шарҳу тафсир кардааст.

Масалан дар идома ишора мекунем, ки чунин омадааст: Нуҳ мартаба тамом шуд ва чаҳор мартабаи дигар ки боқӣ монда - яъне арвоҳи боқии одамиён ва арвоҳи ҳайвонот ва арвоҳи наботот ва табоиъ - инҳо на аз олами улвианд ва инҳо аз олами сифлианд. Табоиъ исфил-ус-софилин аст ва ҳар якеро аз афроди арвоҳ, аз аъло то ба исфил ба ин мартабаи асфал-ус-софилин нузул мебояд кард [25, с. 53].

Ба андешаи Азизуддини Насафӣ инсон имкон дорад, ки аз ин мартабаи сифлӣ дубора ба мақоми улвии хеш баргардад, чун на ҳамаи афрод ё одамиён дар мақоми сифлиён қарор доранд. Ӯ барои ин гурӯҳ ба таъбири хеш «баддинон», «кофирон”-ро нисбат медиҳад, аммо барои онҳо низ имконияти расидан ба мартабаҳои баланди маънавиро манзур мекунад.

Рукни аслии ин баргаштан ба мақоми аслӣ ҳамоно ба андешаи Азизуддини Насафӣ худшинос ва Худошинос будан аст, ки ин ҷо мо навъе ишорат ба ҳадиси Расули Акрам (с) –ро ба мушоҳида мегирем, ки фармуда: «Ҳар ки худро шинохт, Худоро шинохт».

Азизуддини Насафӣ ба ин хотир омили аслии расидан ба мақоми аввали хеш ё уруҷ ба он мартабатро дар худшинос ва Худошинос будан муқаррар мекунад, ки инсонро на танҳо дар роҳ намегузорад, балки ба асли хеш мерасонад ва худшинос албатти дар ин маврид Худошинос мебояд шуд. Боз аз ин ҷо уруҷ мебояд кард ва ба мақоми аввали худ бояд расид. Чун ба мақоми аввал расид, уруҷи ҳар як тамом гардад ва доираи ҳар як тамом шавад ва чун доира тамом шавад тараққӣ мумкин набувад, тараққӣ то ба ин ҷо беш нест, аммо дар роҳ мондан мумкин аст ва аз мақоми худ гузаштан мумкин нест. Агар дар роҳ мондан мумкин набудӣ, инзоли (нозил, фиристодан) кутуб ва ирсоли русул, абас будӣ [25, с. 53].

Маълум аст, ки сабки нигориши Азизуддини Насафӣ дар шарҳу тафсири мафҳумҳои фалсафӣ ва ирфонӣ, ки ба офариниши олам, хоса олами арвоҳ ва аҷсом бисёр содаву равон аст ва бар ин асос аст, ки бархе муҳаққиқони осори вай забони баёни адибро саҳли мумтанеъ ҳам гуфтаанд.

Баробари ин, дар муқоиса ба асарҳои дигари мансури ирфонӣ ба мушоҳида мерасад, ки Азизуддини Насафӣ ҳатто аз истифодаи муарработ, ҷумалот ва мафоҳими арабӣ дар нигоришоти хеш худдорӣ карда, матлабҳоро бо забони содаву равон тафсир мекунад. Аз ҳамин услуби баёни нависандагии вай равшан мегардад, ки ин шарҳу тавҳезотро дар воқеъ ӯ барои мубтадиён анҷом додааст, то ба таъбири худаш барои онҳо мафҳуми равшан ва фаҳмо бошад.

Аз сӯи дигар, чунин услуби баёни Азизуддини Насафӣ барои фаҳми дуруст ва дарки расои матлабҳои ирфонӣ, ки метавонад дар камолоти инсонӣ низ муассир бошад, омили муҳим шинохта шуда, аз ҷониби пасовандонаш ҳам дар қаламрави насри ирфонӣ ва ҳам тасаввуфи исломӣ истиқбол пайдо намудааст.

Чунин шеваи расо ва ҷаззоби баёни нависандагиро дар шарҳи офариниши инсон, ки аз забони Азизуддини Насафӣ дар «Зубдат-ул-

ақоиқ» зикр гардид, боз ҳам ба мушоҳида ва риштаи таҳқиқ мегирем: «Чун олами арвоҳ ва олами аҷсом биёфарид, онгоҳ маодан ва наботу ҳайвон ки маволид аст, пайдо овард ва дар охир ҳама Одам ва Ҳавворо биёфарид ва қиссаи эшон машҳур аст. Ва ин рисола ҷои он суханон нест ва онгоҳ фарзандони одам пайдо омаданд ва меоянд ба тадриҷ ба камоли худ мерасанд. Ҳар як то ба аввали мақоми худ уруҷ мекунанд, то доираи ҳар як тамом шавад. Яъне камоли ҳар як он аст, ки сайъ кунанд ва сайъ намоянд то ба аввали мақоми худ расанд ва дар роҳ намонанд» [25, с. 53].

Аз баёноти содаву равони Азизуддини Насафӣ барои хонандаи асарҳои вай ҳам равшан мегардад, ки дар поёни офариниш Инсон дар сурати Одаму Ҳавво чун сароғози эҷоди башарият офарида шуд. Ҳамоно зимни ҳамин баёнот низ гӯё матлабҳои болоиро дар бораи такмилаи маънавӣ ё камолоти инсонӣ такрор мекунад, яъне Азизуддини Насафӣ ҳамон ақидаро шарҳу баён мекунад, ки ҳар инсон агар саъй ва талош дар роҳи расидан ба мақсади хеш намояд, ба мақоми аввали хеш бирасад ва дар роҳ ҳаргиз намонад.

Ҳамин таъбири «дар роҳ намондан» бештар хоси забони тоҷикии Фарорудӣ аст, чун миёни мардум иборaҳои «дар нимароҳ намондан», «дар роҳ мондан» роиҷ аст ва ба назар мерасад, ки Азизуддини Насафӣ зимни корбурди баёноти хос ва ифодаҳои роиҷ дар фарҳанги мардум равониву назокати забони баёни хешро таъмин намудааст. Баробари ин, таъкиди Азизуддини Насафӣ ба такмилаи руҳонии инсон ва баргашти вай ба асли худ ҳамоно дидгоҳҳои орифонаи вайро дар бораи сайру сулуки маънавӣ бозгӯӣ мекунад.

Фалсафаи шинохти мақоми инсон дар андешаҳои Азизуддини Насафӣ аз афкори фалсафиву ирфонии пешиён сарчашма мегирад. Нависандаи суфӣ барои шарҳи маротиби офариниш бар осори динӣ, сарчашмаҳои тафаккури адёни мухталифи ҷаҳон дар бораи офариниш

такя мекунад ва мақомоти маънавии инсонро ки зинаи нахустини он аз худ гузаштагӣ ба шумор меравад, ба тариқи зайл тафсир мекунад.

**Фасл**

Бидон, ки дини ҳаниф ва дини қаюм ин аст ва Фитратуллоҳ, ки ҷумлаи одамиёнро бар он фитрат офаридааст, он маротиби арвоҳ аст. Агар чунончи ин маротиб, касбе будӣ мумкин будӣ, ки ҳар кас ба касб аз мақоми аввали худ даргузаштӣ ва ба мақоми болотар рафтӣ, авлиё ба касб ба мақоми анбиё расидӣ. Анбиё ба мақоми русул ва русул ба мақоми аввал-ул-азм ва аввал-ул-азм ба мақоми Хотами анбиё алайҳи салоту вас-с-алом расидандӣ [25, с. 54].

Аз ин тавзеҳоти Азизуддини Насафӣ нуктаи дигаре дар сохторшиносии матни асари вай маълум мегардад, ки ӯ баробари унвонгузории фаслҳо бархе аз фаслҳоро танҳо бо зикри номи фасл ба қалам овардааст.

Аммо мутолиаи матни осори нависанда маълум мегардонад, ки миёни фаслҳои бо ном ва бидуни унвон ва баёноти шарҳу тафсиркунандаи ӯ як пайванди мантиқӣ ва бофти муҳкам ҷой доранд. Нахуст, бо зикри мақомоти инсонӣ Азизуддини Насафӣ таъкид бар он медорад, ки дар ҳама зинаҳо инсон метавонад рӯ ба тараққӣ ва такомули маънавӣ дошта бошад. Баёни нависанда дар ин маврид ҳам хеле содаву равон ва қобили мулоҳиза аст, чун тафсирҳои ӯ аз мақомот ва зарурати такмилу таҷдиди он бо сабки равон ва орӣ аз ибҳомоти фалсафӣ ва таъсирпазирӣ аз ҷумалоти муарраб иншо гардидаанд.

Ба ибораи дигар, Азизуддини Насафӣ кӯшидааст, ки дар ҷараёни тафсири матолиб камтар аз муарработ ба кор бигирад. Ба ин бахш аз тавзеҳоти маротиби инсон руҷуъ мекунем: «Дар ҳама мақомот ҳамин тараққӣ, мумкин будӣ. Ва лекин дар роҳ мондан мумкин аст, аммо аз мақоми худ гузаштан мумкин нест.

«Эй дарвеш! Инчунин ки мақом ва маротиби арвоҳро донистӣ, ки ҳар якеро чунонки офариданд, офариданд, ва аз мақоми маълуми худ

намегузаранд. Арвоҳ чун ба ин олам оянд, гуфтор ва кирдори эшон ҳамчунин бошад ва ҳар якеро миқдоре маълум бошад, ки аз он дар натавонанд гузашт. Яъне чанд дар қолаб бимонад ва чанд нафас занад ва чанд хӯрад ва чӣ хӯрад ва чӣ гӯяд ва чанд гӯяд ва чӣ омӯзад ва чанд омӯзад» [25, с. 58].

Тамсил задан ба нукоти воқеии рӯзгор низ сабки «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро ҷаззобу равонтар гардонидааст. Масалан, вақте ба ҷумлаи поён руҷуъ мекунем: Дар ҷумлаи корҳо чунин медон, имкон надорад, ки барге бар дарахт биҷунбад ва чизе дар дили касе бигзарад, бе илм ва иродаи Худо.

Ин ҷо байти маъруфе аст дар миёни мардум дар фалсафаи худошиносӣ ба хотир мерасад.

**Байт:**

Бе амри он султони Ҳақ,

Барге наафтад аз дарахт.

Маълум аст, ки ин байт унсури шеъри мардумӣ дорад, чун қофия дар он риоят нашудааст, вале пайванди маъноии он бо каломи Азизуддини Насафӣ, ки барге аз дарахт наҷунбад ҷаззобияти мардумии забони осори насрии адибро таъмин намудааст. Баробари ин, таъбири дуввумӣ «чизе аз дили касе бигзарад низ ҳамин гуна сарчашма дар гуфторҳои мардумӣ дорад, зеро дар фарҳанги мардум таъбирҳои ҷолиби «аз дил гузаронидан», «аз дил гузаштан», «чизе аз дил гузаштан», «ба дил гузаронидан» маъруфанд, ки сарчашмаи аслӣ барои ҷаззобияти ин гуфтории Азизуддини Насафӣ шудаанд.

Баъдан, ҳамин як нуктаи бисёр шево ва андешаи орифонаи хешро муаллифи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо ҳамон услуби ба худ хоси муроҷиат ба дарвеш ва бо сабки махсуси насри ирфонӣ тафсир мекунад:

**«Эй дарвеш!** Бад-ин сухан шабоҳати бисёре меояд, агарчӣ аҳли шариат ба забон намегӯянд, ки одамӣ дар корҳо маҷбур аст. Аммо аз ин

суханони эшон лозим меояд, ки одамӣ маҷбур бошад. Чун наздики эшон ҳарчӣ ҳаст ба илм ва иродаи Ҳақ аст ва имкон надорад, ки бар хилоф ва иродати Ҳақ чизе пайдо ояд» [25, с. 54].

Пас ҷумлаи одамиён дар аҳвол ва афъол маҷбур бошанд ва ин сухан бинобар он аст, ки маълум тобеи илм аст ё илм тобеи маълум! Ва наздики эшон маълум тобеи илм аст. Пас ҳар чиз ки бошад, ӯро миқдоре бошад маълум, ки аз он дарнатавонанд гузашт. Ончунон ки Худо аз азал доност ва медонад, чунон бошад.

Ба наздики аҳли ҳикмат илм тобеи маълум аст. Пас аҳвол ва афъоли мардумро миқдоре маълум набошад. Таҳсили илм ва таҳсили мол ба саъйи одамӣ тааллуқ дорад. Ҳарчанд саъй беш кунанд илм ва мол беш ҳосил кунад. Некӣ ва бадӣ кардан ва андаку бисёр хӯрдан ба ихтиёри вай бошад ва ҷумлаи корҳо чунин медон, ки сухан дароз шуд ва аз мақсуд дур афтодем.

Дар идомаи асар шарҳу тафсири мақоми инсонҳо, ки аз аҳли имон ҳастанд, тавзеҳ меёбад. Азизуддини Насафӣ дар баёни ин матолиб низ сабки ягонаи иншои хешро риоят мекунад ва ҳамоно бо гузоштани унвони «Фасл» ба тафсири мақоми маънавии инсонӣ дар осмони дувум сухан мекунад.

Агар назарияҳои марбут ба мақомоти маънавии инсон дар таълифоти Фаридаддуни Аттор ҳафт шаҳри ишқ, дар гурӯҳи дигар ҳафт водӣ, дар назариёти аҳли тавҳид се зина ва амсоли ин аст, бо нишон додани ҷойгоҳи инсонҳо дар мақомоти эшон дар ҳафт осмон навъи Азизуддини Насафӣ сайри сулуки маънавии хешро дар ҳафт осмон муқаррар мекунад.

Ин усули биниш назарияи махсуси ӯро дар мавриди мароҳили тариқати ирфонӣ ба сурати ҳафт осмон муайян кардааст, ки махсуси худи Азизуддини Насафист:

**Фасл**

Бидон, ки руҳи ҳар ки дар мақоми имон муфориқат кунад, бозгашти ӯ ба осмони аввал бошад ва руҳи ҳар ки дар мақоми ибодат муфориқат кунад, бозгашти ӯ ба осмони дуввум бошад» [25, с. 113].

Аз ҷумлаи зикршуда метавон чунин хулоса кард, ки мақомот ҳамчунин фаҳмида мешавад, ки ҳар як дар ҳар мақоме, ки муфориқат кунад, бозгашти ӯ ба аҳли он мақом мебошад ва ҳайфи азим бошад, ки касе ба мақоми аввали худ нарасад ва натавонад расид ва ҳоли ин мартаба чунин хоҳад буд, ки гуфта шуд. Аммо он ки дар ин қолаб ба имон нарасад, бозгашти ӯ ба осмони аввал нахоҳад буд ҳатто дар ҳар кадом мартабае, ки қарор дошта бошад. Рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо чунин ҷумла ба поён мерасад: «Эй дарвеш! Соликонро аз ибтидои сулук то интиҳои сулук ин рисола кифоят аст» [25, с. 118].

Аз ин фармудаи Азизуддини Насафӣ равшан мегардад, ки тавре таъкид шуд, ин рисола барои аҳли сулук навишта шудааст ва дар умум тамоми мароҳили сайри сулуки маънавии орифро фаро мегирад. Ишорати муаллифи рисола ҳам ба ҳамин матлаб аст, ки асари мазкур дастури раҳнамо барои соликон аст, ки шеваҳои камолоти маънавиро фаро мегирад.

Аз ин нуқтаи назар, ҳарчанд бо забони содаву равон ва шево ба қалам омадааст, аммо саршори мафоҳим ва истилоҳоти ирфонӣ ба шумор меравад.

Дар китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и Азизуддини Насафӣ ба мақом ва ҷойгоҳои инсон дар андешаҳои ирфонӣ бар пояи фарҳангу андешаи исломӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Нукоте роҷеъ ба ин масъаларо донишманди аврупоӣ Луид Риҷвун дар бахши мардум ба «Камоли инсон» аз китоби худ «Азизи Насафӣ» баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки Азизуддини Насафӣ дар осори худ хусусиёте барои ҳар инсон бармешумурад. Бо мутолиаи хусусиёт ва сипас таъйини ин ки оё

ин хусусиёт ба валӣ ва ё ба паёмбар марбут мешавад ё на, метавон тафовути ин дуро нишон дод [115].

Такя бар асоси баррасиҳои хеш Луид Ричвун муқаррар мекунад, ки хусусиятҳои асосии инсони комил пеш аз ҳама мавҷуд будан ва дар маркази ҷаҳон қарор гирифтани вай ба шумор меравад.

Тавре дар бахши гузаштаи рисола таъкид шуд, инсон дар баробари олами сағир будан мақом ва ҷойгоҳи хосаеро дар шинохти орифонаи аҳли тасаввуф соҳиб аст.

Аз ин рӯ, дар ин китоб омадааст: «Бидон – «Аъузукаллоҳу Таоло фи дорайни» - ки аввал инсон як ҷавҳар аст ва ҳар чиз ки дар инсон мавҷуд шуд ҷумла дар он ҷавҳар мавҷуд будааст ва ҳар як ба вақти худ зоҳир шуданд ва он як ҷавҳар нутфа аст.

Яъне аз назари Азизуддини Насафӣ бармеояд, ки тамомати аҷзои инсон аз ҷавҳару эъроз ва аз аҷсому арвоҳ дар нутфаи он инсон мавҷуд буданд ва ҳар чиз, ки ӯро ба кор меояд то ба камол бирасад бо худ дорад. Ин нутфа ҳам котиб ва ҳам мактуб ва ҳам давот ва ҳам қалам мебошад.

Дар назари аввал баёни мақомоти инсонӣ дар андешаҳои Азизуддини Насафӣ ҳам ташаккули ҷисмонӣ ва ҳам таҳаввули руҳониро фаро мегирад. Аз ин рӯ, асли ҷисмонии инсонро нутфаи ҷавҳари аввали олами сағир унвон мекунад.

Маълум мешавад, ки дар таъйини маротиби ҷисмонии инсон ҳамон шеваҳои зуҳури мақоми ҷисмонии вай ва сурат бастани ҷавҳари инсон дар олами зоҳир шарҳу тафсир ёфтааст, ки онро муаллиф бо шеваи фалсафӣ ва ирфонӣ тафсир мекунад:

**«Эй дарвеш!** Нутфаи ҷавҳари аввал олами сағир аст ва олами ҷабарут олами сағир аст. Ва ҳаюлои аввал олами сағир аст ва олами ваҳдат олами сағир аст. Тухм олами сағир аст ва олами ишқ низ олами сағир аст. Нутфа бар худ ошиқ аст, мехоҳад, ки ҷамоли худро бубинад ва асмои худро мушоҳида кунад, таҷаллӣ хоҳад кард ва ба сифати феъл

хоҳад шуд ва аз олами иҷмол ба олами тафсил хоҳад омад ва ба чандин сувар ва ишкол зоҳир хоҳад шуд, то ҷамоли вай зоҳир шавад ва асмои вай зоҳир шавад. Чун ин муқаддамот маълум кардӣ, акнун бидон, ки нутфа чун дар раҳм меафтад, муддате нутфа аст ва муддате алақа (хуни баҳамбаста) аст ва муддате мазға (гуштпора) аст ва дар миёни мазға, изом (устухон) ва уруқ ва эъсоб пайдо оянд, то муддати се моҳ бигзарад ва он гоҳ дар аввали моҳи чаҳорум, ки навбати офтоб аст, оғози ҳаёт мешавад ва тадриҷи ҳис ва ҳаракати ирода аз вай пайдо меояд, то чаҳор моҳ бигзарад ва чун чаҳор моҳ бигзашт, ҷисму руҳ ҳосил шавад ва хилқати аъзо ва ҷавореҳ тамом гашт ва хуне, ки дар раҳми модар ҷамъ шудааст, ғизои фарзанд аст. Аз роҳи ноф ба фарзанд мерасад ва ҷисму руҳ ва аҷзои фарзанд ба тадриҷ ба камол мерасад то ҳашт моҳ бигзарад ва дар моҳи нӯҳум ки навбат боз ба муштарӣ мерасад аз раҳми модар мезояд [115].

Ин ҷо маълум мегардад, ки маротиби ташаккули ҷисмонии инсон дар раҳми модар ва сурати фарзанд гирифтани он баъд аз мавлуд, ки ба таъбири Азизуддини Насафӣ «Аз роҳи ноф ба фарзанд мерасад ва ҷисму руҳ ва аҷзои фарзанд ба тадриҷ ба камол мерасад то ҳашт моҳ бигзарад ва дар моҳи нӯҳум ки навбат боз ба муштарӣ мерасад аз раҳми модар мезояд, марҳилаи сурат бастани инсон ё такомули нутфа то ба ҳастии инсон бо номи фарзанд тафсир мешавад.

Ба мушоҳида мерасад, ки дар ин баёноти Азизуддини Насафӣ, ки ташаккули табиати инсонро фаро мегирад, як навъ сабки шевои форсии Фарорудӣ муҷассам аст, зеро ҳарчанд аз мафоҳими фалсафӣ ба кор мегирад, аммо равиши баён ва шеваи нигориши нависанда хеле мафҳум ва ба маърифати хонанда хеле наздик аст ва маълум мешавад, ки нависанда ин асарро барои мубтадиён ва орифони навроҳ дар маърифати ҳақиқати инсон ба қалам овардааст.

Тафсири пайдоиши асли инсон дар рисолаҳои Азизуддини Насафӣ пайванд ба он дорад, ки расидан ба мақоми инсони комил дар воқеъ

асоситарин натиҷаи тафаккуроти нависанда ба шумор меравад. Азизуддини Насафӣ аз он ҷо ки хусусиятҳои ҳар як мартабаи инсониро барои маърифат ба назари эътибор мегирад, дар назарияи инсоншиносии вай фардеро ба унвони инсони комил муаррифӣ мекунад, ки дар болотарин мизони маърифат қарор дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ягона будани сарчашмаи маърифат аз назари Азизуддини Насафӣ касе, ки дар маърифат ва шинохти маърифати хеш ба маротиб боло расидааст, инсони комил ба шумор меравад.

Мафҳуми камол ва инсони комили Азизуддини Насафӣ, ки баҳси меҳварии дар рисолаҳои худи ӯ ба шумор меравад, аз дидгоҳи сиёсӣ низ мавриди баррасӣ қарор дорад.

Аҳамияти сиёсии баҳси камол дар назари Азизуддини Насафӣ дар бозгашт солики комил аз дидори Худованд муҷассам мегардад. Инсони комил аз он ҷо ки тамоми марҳилаи маърифатро тай кардааст, беш аз ҳар касе медонад, ки салоҳи мардум дар чист.

Аз ишора дарк мешавад, ки Азизуддини Насафӣ ба болотарин дараҷаи маърифат расидааст ва тафаккури сиёсӣ ва фалсафӣ низ дар ҳамин нуқта муҷассам мегардад, яъне инсонҳо тавассути мизони маърифат ва идроку ақли худ нисбат ба олами ҳузур ва олами ғайб, аз шаъну вуҷуде бархӯрдор мешаванд.

Бадеҳист инсоне, ки ба авҷи қуллаи маърифат расидааст, инсони комил  ба баёни Азизуддини Насафӣ (халифаи Худо ) хонда мешавад ва халоиқи ниёзмандӣ ҳидояти ӯ мебошанд.

Ин ҷо маълум мегардад, ки Азизуддини Насафӣ барои ифодаи мафҳуми инсони комил аз мафҳуми халифаи Худо ё ба таъбири маъруфи қуръонӣ халифаи Худованд дар рӯи замин ба кор мегирад ва ин нукта матлаберо муқаррар месозад, ки назарияи марбут ба инсони комили Азизуддини Насафӣ низ чун дидгоҳҳои орифони дигар сарчашмаи қуръонӣ дорад.

Ҳамин тавр, Азизуддини Насафӣ маротиби мақоми инсонро ба таҳаввул ва такомули руҳии вай пайванд медиҳад, ки аз ҳама маротиби боло ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ӯ фарқияте миёни руҳи инсонӣ ва ҳайвонӣ гузошта, бар ин назар мерасад, ки руҳи ҳайвонӣ мадраки ҷузъиёт ва руҳи нафсонӣ мадраки ҷузъиёт ва руҳи ҳайвонӣ мадраки нафъ ва зарар аст ва руҳи инсонӣ ҳам мадраки нафъу зарар.

**«Эй дарвеш!** Руҳи инсонӣ, зинда аст. Чун руҳи инсониро донистӣ, акнун бидон, ки аҳли шариат мегӯянд, агар инсон бо вуҷуди ин истеъдод тасдиқи анбиё кард ва муқаллиди анбиё шуд, ӯро ва руҳи ӯро муъмин ном карданд. Агар бовуҷуди тасдиқ ва тақлиди анбиё, ибодат бисёр кард ва вақтҳои шаб ва рӯзро қисмат кард ва бештар ба ибодат гузаронид ӯро ва руҳи ӯро обид хонанд. Чун бо вуҷуди ибодат (бисёр) равӣ аз дунё ва молу ҷоҳ ва лаззоту шаҳвот гардонид ва аз ҳубби ҳолот бидонӣ озод шуд, ӯро ва руҳи ӯро зоҳид хонанд» [25, с. 114].

Бар асоси таҳаввулоти руҳонӣ Азизуддини Насафӣ мақоми ҳар яке аз инсонҳоро шуруъ аз руҳи анбиё, муъминон, зуҳҳод ва амсоли инро тавзеҳ медиҳад ва дар ниҳоят ба хулосае мерасад, ки руҳи аҳли ирфон ё орифон дар кадом мақом қарор мегирад ва дар чӣ асос таҳаввул мепазирад.

Бар ин асос таъкид медорад, ки «Чун бо вуҷуди зӯҳд, чизҳоро чунонки ҳаст, донист ва ҳадди тақлид ба ҳақ ба таҳқиқ расид ӯро, ориф хонанд. Чун бо вуҷуди маърифат, ӯро Ҳақ Таъоло ба тақарруб ва муҳаббату илҳоми худ махсус гардонид, ӯро ва руҳи ӯро валӣ ном карданд» [14,25].

Ба назари Азизуддини Насафӣ аҳли ирфонро Ҳақ таоло ба маърифат муқарраб ва аз муҳаббату илҳоми худ саршор мегардонад, онҳоро дар истилоҳ валӣ ё авлиё меноманд. Анбиё бо ваҳй ва муъҷизаи хеш аз дигар дараҷоти инсонӣ фарқ доранд. Вобаста ба ин Азизуддини Насафӣ мефармояд, ки «... ва агар бо ин ҳама Ҳақ Таоло ӯро ба ваҳй ва

муъҷизаи худ махсус гардонид ва пайғом ба халқ фиристод, то халқро ба Ҳақ даъват кунад, ӯро ва руҳи ӯро Набӣ ном ниҳоданд. Чун бо вуҷуди нубувват ӯро ба китоби худ махсус кард ӯро ва руҳи ӯро Расул ном карданд. Агар бо вуҷуди китоб, шариати аввалро мансух гардонид ва шариати дигар ниҳод ӯро ва руҳи ӯро аввалулазм хонанд. Чун бо вуҷуди ин ҳама, Ҳақ Таъоло ӯро хатми анбиё кард ӯро ва руҳи ӯро хотимат-ут-набийин хонанд» [25, с. 115].

Ин ҷо маълум мешавад, ки сухан дар бораи Паёмбари охируззамон Ҳазрати Муҳаммад (с) меравад, ки аҳли ирфон сӯфии аввалин низ шуморанд. Ҳамон андешаи нубувват ва валӣ ҳамчун мақоми инсон дар ин ҷо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар идомаи таъйини мақом ва дараҷоти инсонӣ масъалаи ҷанбаи руҳонияти ӯ ва таҳсилу муҷоҳида барои расидан ба мақоми инсони комил ба баҳсу баррасӣ кашида шудааст.

Ба назари Азизуддини Насафӣ уруҷи руҳ ин, ки таҳсилу такрор ва кӯшишу талош барои аҳли шариат ба мартабаи маротиби аҳли илм ва тақвоянд аммо ҳар як (ки) болотар аст, илм ва тақвои ӯ бештар аст ва мақоми ӯ дигар аст ва номи ӯ дигар ва ин на мартабаи атоианд ҳар якро мақоме маълум аст ва яке аз мақоми худ натавонанд болотар ҷойнишин шуд ва ё гузашт.

Ва дар ҳамин росто далолат бар он мешавад, ки бисёр кас ки худро шинохта бошад, аммо ба ахлоқи нек кор ороста набошад, ҳанӯз ноқис аст ва бисёр кас ки худро шинохта бошад ва ба ахлоқи нек ороста шавад, пас камоли одамӣ он аст, ки худро бишносад ва ба ахлоқи нек ороста шавад.

«Эй дарвеш! Инчунин ки дар ин рисола шарҳи инсон ва маротиб кардам, дар ҳеҷ рисолаи дигар накардам ва дигарон дар кутуби худ ҳам накардаанд, бояд ки ин бобро бисёр хонӣ ба тааммул ва тааннӣ, ки калиди хазонаи ғайб ва шаҳодати шинохтани худ аст» [25, с. 100].

Азизуддини Насафӣ дар идомаи баррасиҳои мақоми инсон мақоми ӯро аз дидгоҳи ҷисмонӣ низ баррасӣ намуда, сайри ташаккули онро аз наботӣ, ҳайвонӣ, нафсонӣ, инсонӣ ва қудсӣ иборат медонад. Барои шарҳу тавзеҳи ин дар рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» фасли алоҳида муқаррар намудааст, ки чунин унвон гирифтааст.

**Фасл**

Дар баёни он ки мизоҷ чист ва ҷисм чист ва руҳ чист ва дар баёни он ки як одамӣ чанд руҳ дорад.

Бидон, ки баъзе мегӯянд, ки баъзе аз одамиён чаҳор руҳ доранд, наботӣ, ҳайвонӣ ва нафсонӣ ва инсонӣ ва баъзе аз одамиён панҷ руҳ доранд, руҳи наботӣ ва руҳи ҳайвонӣ ва руҳи нафсонӣ ва руҳи инсонӣ ва руҳи қудсӣ ва мегӯянд, ки руҳи инсонӣ ва руҳи қудсӣ аз олами улвианд ва аз ҷинси малоикаи самовӣ [25, с. 101].

Ин панҷ руҳ ҳар яке ҷавҳареанд ҷудогона ва ғайри якдигар. Бадин ба масобати мушаккот аст ва руҳи наботӣ ба масобати зуҷоҷа аст ва руҳи ҳайвонӣ ба масобат фатила аст ва руҳи нафсонӣ ба масобати равған аст ва руҳи инсонӣ ба мусобати нур аст.

Баъзе мегӯянд, ки ҳар одаме, ки ҳаст, ӯро як руҳ беш нест, аммо он як руҳ маротиб дорад ва дар ҳар мартабае номе дорад аз асомии бисёр. Ҳарчанд тарбият ва парвариши бештар меёбанд, сифоте, ки дар зоти эшон макнун аст, бештар зоҳир мешавад, то ба ҳадди худ бирасанд ва чун ба ҳадди худ бирасанд, боз рӯй дар нуқсон ниҳанд. Ҳар чиз ки дар зери фалаки қамар аст, ӯро ҳадде ҳаст ва чун ба он ҳад расид, беш аз он тараққӣ ва уруҷро имкон набошад.

Муддати устувор, ки на уруҷ бошад ва на нузул, ҳам ҳадде дорад. Яъне ҳар чӣ дар зери фалаки қамар аст, уруҷе дорад ва он уруҷро ҳадде ва миқдоре маълум аст. Гӯё роҳи худ ин аст ва бар ин роҳ чандин гоҳ ба боло мебояд рафт ва чандин гоҳ ба зер мебояд рафт ва чандин гоҳ рост мебояд рафт ва ин сирот ба рӯи дӯзах кашида аст ва бад-ин сирот баъзе

хуш ва осон бигзаранд ва баъзе бағоят дар заҳмат бошанд ва нохуш ва душвор гузаранд ва ҳар ки аз ин сирот гузашт, аз дӯзах гузашт ва ба биҳишт расид, ҳамон биҳиште ки аввал дар вай буд [25].

Дар идомаи баҳсу баррасиҳои хеш Азизуддини Насафӣ ба муайян намудани мақом ва мартабати аҳли биҳишт ва худи он мепардозад. Дар ин маврид ҳам ӯ матлабро дар пайванд ба руҳу ҷисм шарҳу тафсир мекунад ва ҳатто ҳадафи хешро дақиқан ишорат мекунад, ки бояд дар асл ба ин мавзуъ пардохта мешуд, аммо зимнан аз мавзуъ дур шудем.

«Эй дарвеш! Ҷумла аз биҳишт меоянд ва боз ба биҳишт мераванд. Сухан дароз шуд ва аз мақсуд дур афтодем. Ғарази мо он буд, ки руҳ яке беш нест аммо ҷисм ва руҳ маротиб доранд ва маоние доранд, сурати хокро унсури хок мегӯянд ва маънии хокро табиат мегӯянд ва дар ҳар чаҳор инчунин медон. Пас чаҳор унсур бошад ва чаҳор табиат. Ҳар гоҳ ки ин чаҳор чиз бо якдигар меомезанд, чунон ки шарти он аст, аз ин миёна чизи муташобеҳулаҷзо пайдо ояд ва онро мизоҷ хонанд ва аз имтизоҷ гирифтаанд. Чун ин муқаддамот фаҳм кардӣ, акнун бидон, ки чун ин чаҳорро бо якдигар биёмезанд аз сурати ҳар чаҳор чизи муташобеҳулаҷзо пайдо ояд, онро ҷисми омехта ва мураккаб хонанд ва маънии ҳар чаҳор низ омехта шавад ва аз он чизи муташобеҳулаҷзо пайдо ояд ва онро руҳ хонанд. Пас уммаҳот муфрад буданд, аносир ва табоеъ мегуфтанд, чун бо якдигар биомехтанд ва мизоҷ пайдо омад, ҷисму руҳ мегӯянд. Агарчи аносир аҷсоманд «аммо» аҷсом баситанд ва уруҷу нузул надоранд. Акнун ин ҷисм аст, ки ба маротиб бармеояд ва дар ҳар мартаба номе дорад» [18, с.121].

Ба таъбири Азизуддини Насафӣ ҳақиқати руҳ ва ҳақиқати ҷисм ва ҳақиқати мизоҷ ин аст, ки ҷисм аз олами халқ аст ва руҳ аз олами амр, ҷисм аз олами Мавлак аст ва руҳ аз олами малакут ва Мавлак бе малакут ва малакут бе Мавлак имкон надорад, ки бошад ва ҳар ду бо якдигар рӯй

дар уруҷ доранд ва чун ба камол расанд, боз ҳар ду рӯй дар нузул хоҳанд дошт.

Бахше аз баҳсҳои фалсафӣ ва ирфонии асари «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба таҳқиқу баррасии се қисмати мизоҷ ва мавод ихтисос ёфтаанд. Ҷолиб он аст, ки Азизуддини Насафӣ ҳамчун нависандаи андешаманд ва соҳибзавқ дар ин баҳси рисолаи хеш андешаҳои хешро бо намунаҳои ашъори орифон ва бархе аз абёту рубоиҳои мансуби қаламии хеш тафсир ва собит намудааст.

Дар ҷараёни шарҳу тафсири ин андешаҳо равшан мегардад, ки ҳамоно кӯшиш мекунад, ки матлаб ва андешаҳои хешро кӯтоҳ баён намояд ва ҳатто агар дар мавриде, ки матолиб тӯлонӣ ё андаке ба дарозо бикашанд, сареҳан ишорат мекунад, ки сухан дароз шуд. Аз ин нигоҳ аксари расоили Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла ҳамин рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз дидгоҳи ҳаҷм бузург нестанд. Ҳамин баёни муъҷаз ва кӯтоҳ дар ҳамаи рисолаҳои ӯ риоят шудааст.

Чунонки гуфтем Азизуддини Насафӣ дар бархе мавориди андеша ва баёни хешро тавассути ашъори ҷаззоб ва орифона тасбит ва ба гунаи зайл тақвият медиҳад:

«Эй дарвеш! Руҳ аз ҷое намеояд ва ба ҷое намеравад, руҳ нур аст ва олами моломол ин нур аст. Ин нур аст, ки ҷони олам аст мукаммал ва муҳаррики олам аст дар мартабаи наботӣ билтабъ ва дар мартабаи ҳайвонӣ билихтиёр ва дар мартабаи инсонӣ билфеъл».

**Байт:**

Рав дида ба даст ор, ки ҳар зарраи хок

Ҷомест ҷаҳоннамой чун дарнигарӣ. (25, с. 98)

Ин шеваро дар идомаи баёни андешаҳои худ давом медиҳад, ки сурати зайл дорад:

«Эй дарвеш! Анворро дар мартабае табъ мегӯянд ва дар мартабае руҳ мегӯянд ва дар мартабае ақл мегӯянд ва дар мартабае нури мутлақ

мегӯянд ва халқи олам ҷумла толиби ин нуранд ва ин нурро берун аз худ металабанд ҳарчанд беш металабанд, дуртар мешаванд».

**Байт:**

Гуфтам зи талаб магар ба ҷое бирасам,

Худ тафриқа он буд, намедонистам.

Ҳарчанд мехоҳам сухан дароз нашавад, беихтиёр аз ман, дароз мешавад ва сухан аз қолаб берун меравад [25, с.98].

Ин ҷо низ мушоҳида мекунем, ки Азизуддини Насафӣ ҳамон ҳадафи кутоҳбаёнии хешро пайгирӣ мекунад, вале гӯё ба назари худи ӯ эҳсос мешавад, ки матлаб тул кашидааст, боз ҳамоно аз хонанда ва мутолиакунандагони осор узрхоҳӣ мекунанд. Гӯё ин матлаб дар зоҳир навъе такрор мешавад, аммо такрорҳои нависанда хеле бамаврид буда, ба сабки нигориши асарҳояш як навъ равонӣ ато кардаанд. Бар идомаи баёнот руҷуъ мекунем, ки ҳамоно боз ҳам андешаҳои худро бо шеър ҷамъбаст мекунад:

«Эй дарвеш! Чанд ба гирди олам гардӣ ва сафари ҳаррӯза кунӣ ва ба гирди ин зиракон биронӣ ва умру моли худ зоеъ кунӣ, ҳоҷат ба инҳо нест ва чандин нуктаҳои борикро ҳал кардан ҳоҷат нест.

Эй дар талаби гираҳкушоӣ мурда,

Дар васл фитода в-аз ҷудоӣ мурда.

Эй бар лаби баҳр ташна дар хок шуда,

В-эй бар сари ганҷ аз гадоӣ мурда» [25, с. 100].

Дар навбати аввал истифодаи ашъор дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо шеваест, ки гӯё навъе ҷамбъасти фикр аст. Аммо дар рисолаҳои дигар ишорате ба гӯяндаи он мекунад ё шеваи хоси таъкиди худро дорад, ки ин ҷо ҷой дорад. Ба эҳтимоли зиёд дар ин китоб шояд ашъори хешро бештар истифода бурдааст, ки ниёз ба таҳқиқи бештари ин масъала аст. Дар боби савуми рисола ба таври алоҳида ин мавзуъ таҳқиқ мешавад.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки дар андешаи Азизуддини Насафӣ инсон соҳиби мақоми хосае буда, ҷолиб аст, ки нависанда гоҳо барои

исботи назари хеш аз ашъори суханварони гузаштаи мо низ истифода бурдааст.

Азизуддини Насафӣ бо тақсими инсони комил ба инсони комили доно ва инсони комили тавоно нишон медиҳад, ки дар назари ӯ марди сиёсӣ бояд дар ҳар сурат тобеи дониш бошад. Навъи матлуби сиёсат барои Азизуддини Насафӣ ин аст, ки марди сиёсӣ, ки ба камол низ расидааст, ҳам аз дониш бархӯрдор бошад ва ҳам дорои қудрат ва тавоноӣ.

Суханони Азизуддини Насафиро дар ин ҷо бояд, ки дарк ва маърифат намуд, зеро ӯ бар ин ақида аст, ки инсони комил вориси анбиё аст ва бинобар ин мероси анбиё, ки дар назди Азизуддини Насафӣ илму амали анбиё аст, низ ба дараҷа ва камолоти инсони комил расидааст.

Азизуддини Насафӣ дар ҷои дигаре ҳам бар ҳамин эътиқод аст, аммо вақте ақлро дар олами сағир халифаи Худованд медонад, авҷи онро ақли ишроқӣ медонад, ки инсони комил бад-он расидааст. Бинобар ин, ҳар онки ба Худой наздиктар аст, саодатмандтар аст. Марди сиёсӣ бояд шароитеро барои мардум эҷод кунад, то мардум битавонанд заминаи касби саодати дунявӣ тавъам дошта бошанд, Азизуддини Насафӣ мегӯяд, чунин фарде бояд худ доираро тамом карда бошад ва ба такомул расида бошад, то битавонад дигаронро низ ба такомул бирасонад.

Зеро дар назари вай қудрат тобеи дониши инсонӣ бошад, дар ин сурат метавонад ҳам қоида ва ҳам қонуни нек дар миёни мардум ниҳанд ва барои мардум роҳат ва амният ба армуғон оваранд.

Азизуддини Насафӣ муътақид аст, ки инсони комили вай тавоноии ниҳодани қоида ва қонуни нек дар миёни мардумро метавонад дошта бошад ва ин тавоноӣ нақши сиёсии инсони комили вайро пуррангтар мекунад. Инсони комил бояд битавонад дар як вақт ҳам мазҳари илм

бошад ва ҳам мазҳари қудрат ва ин навъи матлуб назми сиёсӣ аст, ки Азизуддини Насафӣ дар пайи кашф ва ибрози он аст.

Бо ин ҳол Азизуддини Насафӣ ба шеваи аксар андешамандони сиёсӣ, ки як вазъи ормониро тасвир мекунанд, идома медиҳад, ки чунин шароите камтар ба вуҷуд меояд ва аз ин боис як роҳи ҳал вуҷуд дорад ва он ин аст ки марди сиёсӣ, ки мазҳари қудрат аст, тобеи дониши инсони комил бошад ва аз ӯ пайравӣ кунад. Ба ин тартиб Азизуддини Насафӣ нишон медиҳад, ки идораи умури иҷтимоӣ бояд табақаи дониши инсони комил бошад. Ҳол метавонад бевосита ё бовосита бошад. Аммо, дар ин наметавон шак намуд, ки инсони комил бартарин халоиқ ва шоистатарини онҳо барои ин амр аст.

Азизуддини Насафӣ дар рисолаи «Кашф-ул-ҳақоиқ» ҳам ба ин нукта ишора дорад ва дар бораи бартарии инсони комил, яъне ба таъбири ӯ доно чунин мегӯяд: «Касе ки ин аҳволро надорад, бартарӣ ва фазилат дорад. Аммо ин фазл замони маҳмуд аст, ки бояд дар инсони доно қарор дошта бошад, зеро ин қудрат ва тавоноӣ дар инсони доно сабаби ҳидоят ва роҳати мардум ва дар инсони нодон сабаби ранҷ ва залолат мегардад» [25, с. 168].

Аз тарафи дигар ба андешаи Азизуддини Насафӣ танҳо касе, ки ба мардум роҳат ва осоиш мерасонад, метавонад аз нури тавҳид мадад гирад, агар марди сиёсӣ зулм кунад ва боз бихоҳад аз нури тавҳид мадад гирад, ин ҳаргиз имконпазир набошад.

Гӯё Азизуддини Насафӣ дар ин ҷо меъёри зуҳуротро шомили марди сиёсӣ низ медонад. Марди сиёсӣ аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ бояд зуҳуроти ботинӣ дошта бошад ва авҷи зуҳурот дар инсони комил аст. Азизуддини Насафӣ дар идома мегӯяд, агар чунин касе ёфт шуд ва зуҳурот надошт, бояд чигуна бо вай рафтор намуд: «Авлиёе гуфтаанд, ки рафъи ширк ақл аст аз ҷиҳати он ки зулмат фасодро ҷуз ба нури тавҳид дафъ натавон кардан, нури тавҳид ба масобати нури офтоб аст ва зулмати фасод ба масобати зулмати шаб аст. Ва зулмати шабро ба ҳеҷ

чиз дигар рафъ натавон кардан ба ҷуз нури офтоб, ки тулӯъ кунад ва чун тулӯъ кард, зулмати шаб ба ҳазимат шуд» [25, с. 214].

Азизуддини Насафӣ дар ин ҷо ба забони рамз сухан мегӯяд, забоне ки Азизуддини Насафӣ маҷбур аст интиқодоти сиёсии хешро ба ин забон баён кунад. Истилои ваҳшиёнаи муғулон забон дар ҳалқум нигоҳ медошт. Зулмат ва торикии истилои муғулон аз назари Азизуддини Насафӣ ҳампояи ширк аст, ки мебояд дафъ шавад ва ин амр чизе аст, ки авлиёе гуфтаанд.

Дар андешаи Азизуддини Насафӣ инсонҳо ба ду даста тақсим мешаванд: комилон ва ноқисон.

Маълум ва равшан аст, ки барои Азизуддини Насафӣ афроде, ки ба такомул нарасидаанд ва оламро он гуна дар ҳақиқат ҳаст наметавонанд бубинанд, бояд тобеи инсоне бошанд, ки ба такомул расидааст.

Ҳамин тавр, рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи рисолаҳои барҷастаи Азизуддини Насафӣ ба шумор рафта, фарогири муҳимтарин матлаб ва андешаҳои муаллиф роҷеъ ба сайру сулуки маънавӣ мебошад.

Рисола ба ҳукми дастур барои соликони навроҳ ё ба истилоҳ мубтадӣ ба қалам омада, бо сабки махсус ва саршори истилоҳоту мафоҳими ирфониву фалсафӣ ба қалам омадааст.

Ҳарчанд дар баёноти Азизуддини Насафӣ корбурди мафоҳими хос, рамзҳои ирфонӣ ва фалсафӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо шеваи ҷаззоб ва содаву равони баёни ӯ то андозае мушкилот ва мураккабии сабки асарро аз миён бардошта, онро хонову муассир гардонидааст. Ҳатто Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни нигориши хеш кӯшидааст, ки матлабҳои маъхуз аз осори динӣ ва илмиро бо усули баёни хеш тавзеҳ дода, аз истифодаи муарработ даст кашад, ки ин ба сабки матини сухани нависанда бетаъсир намондааст.

Дар баробари ин, шеваи хоси истифодаи ашъор дар ин асари Азизуддини Насафӣ ба чашм мерасад, ки навъе ба хотири ҷамъбасти афкори суханвар ба кор рафта, андешаҳои ӯро такмил бахшидаанд.

Ҳамин шеваи кори Азизуддини Насафӣ омил бар он гардидааст, ки то ҷое сабки рисолаи нависанда ба навъи мақома шабоҳат пайдо намудааст, чун бештари маврид бо таркиби «эй дарвеш» яъне муроҷиат оғоз гардида, баъдан бо корбурди байт ё рубоӣ ҷамъбаст пайдо кардааст.

Дар умум, мурур ба сохтор ва муҳтавои рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» равшан месозад, ки ин асар ҳарчанд бо сурати рисола ё дар қолиби ин навъи насрӣ иншо гардидааст, аммо аз бархе равиш ва шеваи нигориши хосе бархӯрдор аст, ки сабки фардии ӯро муайян мекунад ва вижагиҳои онро дар дигар таълифоти ирфонӣ намудор месозад.

Рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз фаслҳои ҷудогонае, ки ҳар яке ба шарҳу тафсири масоили мубрами ирфонӣ ихтисос ёфтаанд, иборат буда, нависанда бо усули ба худ хос, яъне муроҷиат ба дарвешони наврох онро оғоз намуда, як навъ ҳар баҳсро ҷамъбаст мекунад.

Дар ҷараёни нигориш Азизуддини Насафӣ иқдом мекунад, ки бештар барои равшан шудани матолиб ба аносири воқеӣ ва мафоҳими ба дарку маърифат наздик масал занад, ки ин усули кори ӯ барои тақвияти ҷанбаҳои сабкии асар ва нуфузи арзишҳои бадеии он омил гардидааст. Тафовут миёни насри таълифоти Азизуддини Насафӣ дар асли табиати он аст, ки гӯяндаро дар он мақсаду марому муроде ба ҷуз баёни сода ва дорои қасде холӣ аз эҳсосоту ҳаяҷони дарунӣ набуда бошад ва хонанда ҳамагии онро ба содагии баёни матн фаҳм мекунад ва мақсад аз ин навъи баён муроди нависанда мебошад, ки худ борҳо бар ин матлаб ишорат дорад.

Азизуддини Насафӣ аз намояндагони мақомдори мақоми арзандаву бузурге дар тасаввуф аст, ки таъсиру нуфузи рисолаҳои таълифнамудаи ӯ ба сабку мазомини адабиёти форсӣ нақши муассир гузоштааст. Андешаҳои ирфонӣ, хусусан сабку услуби осори насрии ӯ, ки аз ҷумлаи

намунаҳои олии насри мусаҷҷаъ дар забони форсист, ба равнақи насри бадеӣ ва умуман ташаккули насри ирфонӣ таъсиру нақши намоён дорад.

Азизуддини Насафи бо офаридани андешаҳои орифона, афкори ахлоқиву иҷтимоии баланди худро дар осораш бо сабки гуворову шево ба қалам додааст.

Мебояд зикр намуд, ки Азизуддини Насафӣ дар густариши насри ирфонии адабиёти фарсу тоҷик манозили тариқат ва мақомоти сулуки ирфониро мудавван сохт ва дараҷабандии мақомотро бо диди андешаҳои олӣ нигоҳи тоза бахшида, шариат ва тариқатро дар роҳи дарёфтани ҳақиқат ба ҳамдигар ёвар шумурда мекушад, ки тасаввуфро ба як содагӣ ба пайравони ин роҳ бифаҳмонад.

## 2.3. РИСОЛАИ «МАҚСАД-УЛ-АҚСО» ВА СОХТОРУ МУҲТАВОИ ОН

Баррасӣ ва таҳқиқи мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ ин амрро мусаллам мегардонад, ки «Мақсад-ул-ақсо» рисолаи кутоҳ ва мухтасаре ба шумор меравад, ки ба эҳтимоли зиёд онро муаллиф қабл аз соли 680 ҳиҷрии қамарӣ таълиф намудааст.

Аз нигоҳи сохтор ин асар аз як муқаддимаи муфассал ва чанд боб таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар сабаби навиштани китоб дар муқаддимаи рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» чунин навиштааст: «Аммо баъд, чунин гӯяд азъафу заъфоъ ва ходими фуқаро Азиз ибни Муҳаммад ан-Насафӣ, ки ҷамоати дарвешони касаруҳумаллоҳ аз ин бечора дархост карданд, ки мебояд дар маърифати зоту сифот ва афъоли Худой ва дар маърифати нубуввату вилоят ва дар маърифати инсон ва дар маърифати мабдову маоди инсон китобе ҷамъ кунад ва дар аввали китоб баён кунад, ки раванда кист ва роҳ чист ва манзил чанд аст ва мақсад кадом аст ва дигар баён кунад, ки шариат чист ва тариқат чист ва ҳақиқат чист ва инсони комил кадом аст ва дигар баён кунад, ки суҳбат чист ва тарк чист ва сулук чист ва инсони комили озод кадом аст» [30, с. 45].

Муаллифи рисола дар ин замон худ иброз медорад, ки дархости эшонро иҷобат кардам ва аз Худованди Таоло ёриву мадад хостам, то аз ҳаззо ва залал нигоҳ дорад.

Маълум мешавад, ки рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» низ чун осори дигари нависанда, аз ҷумла «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони Комил», «Кашф-ул-ирфон», «Асрор-ут-тасаввуф», «Хос-ул-ҳуруф» бо дархости ҷамоати дарвешон ба қалам омадааст ва аслу муҳтавои он ба хотири маърифати оламу одам, шахси раванда ё солик, роҳу манзил, шариату тариқат, инсони комил, суҳбат ва тарку сулуку амсоли ин ба қалам омадааст.

Вобаста ба ин унвони бобҳои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» чунин тартиби номгузорӣ доранд:

- Дар маърифати зоти Худо;
- Дар баёни сифоти Худо;
- Дар афъоли Худо;
- Дар маърифати афъол бар қавли аҳли ҳикмат;
- Дар баёни эътиқоди аҳли тақлид ва аҳли истидлол ва аҳли кашф;
- Дар маърифати инсон.

Як нуқтаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» пеш аз ҳама асари назарии ирфонӣ ба шумор меравад, чун дар навбати аввал барои дарвешони наврох навишта шудааст.

Вобаста ба ин, маълум мешавад, ки он бештар фарогири шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ ба шумор меравад. Худи муаллиф низ ин матлабро чунин шарҳ додааст: «Ва ин китобро «Мақсад-ул-ақсо» ном ниҳодам ва дар ин китоб сухани аҳли тасаввуф ва сухани аҳли ваҳдат хоҳам навишт, ки равандагони роҳи Худо эшонанд».

Дар фасли аввали рисола дар шарҳи раванда аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ чунин омадааст: «Дар баёни он ки раванда кист ва роҳ чист ва манзил чанд аст ва мақсад кадом аст. Бидон, аъзакаллоҳу фиддорайн, ки: раванда дар аввал ҳис аст ва баъд аз муддате раванда ақл мешавад, ки ал-ақл нурун фил қалби юфаррику байнулҳаққи вал ботил (ақл нур аст ва ботилро аз ҳақ ҷудо менамояд) ақли маош ва баъд аз муддате раванда, нуруллоҳ мегардад. Ва аз ин чанд ҳазор солик, ки дар ин роҳ дароянд, яке бо охари дараҷоти ақл ва дараҷоти нуруллоҳ расад, боқӣ ҷумла дар дараҷоти ҳиссу дараҷоти ақлу дараҷоти нуруллоҳ бошанд».

Ин ҷо аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ истилоҳи ирфонии раванда шарҳу тафсир ёфтааст. Вижагии хоси корбурди истилоҳоти ирфонӣ дар ин асари Азизуддини Насафӣ дар он зуҳур меёбад, ки нависанда

кӯшидааст, ки гунаҳои тоҷикии истилоҳотро ба кор бигирад, ки дар осори дигари ирфонӣ дида намешаванд.

Масалан, ӯ ба ҷои сулук вожаи тоҷикии равандаро ба кор бурдааст ва ба ҷои силк калимаи роҳро. Ба мушоҳида мерасад, ки аз калимаи солик низ дар мавориди зарурӣ истифода мекунад. Масалан, баъд аз шарҳи истилоҳи ирфонии раванда дар ҳамин ҷо таъкид мекунад, ки «ва ин чанд ҳазор солик, ки ба роҳ дароянд». Аммо боз ҳам нуфузи гунаҳои тоҷикии истилоҳот ба чашм мерасад, ҳол он ки бештари маврид нависандагони суфимашраб аз вожаҳои «солик» ва «сулук» истифода кардаанд, ки аслан арабианд.

Ҳатто ба ҷои манозил ва мароҳил, ки дар истилоҳи аҳли ирфон ба таври васеъ истифода мешавад, Азизуддини Насафӣ ҳамоно вожаи «роҳ»-ро ба кор мегирад, ки ин ҷо ҳам ин мафоҳимро ифода мекунад ва ҳам тариқатро ки дар асл арабӣ ҳастанд.

Бидон, ки аҳли тасаввуф мегӯянд, ки «аз ту то ба Худой роҳ нест» аз ҷиҳати он ки зоти Худой номаҳдуд аст ва номутаноҳӣ, аввал ва охир надорад ва фавқу (боло) таҳт (поён) ва ямину (рост) ясор (чап) ва пешу пас надорад, яъне ҳеҷ ҷиҳат надорад, нурест номаҳдуд ва номутаноҳӣ (беинтиҳо) ва баҳрест бепоёну бекарон, ҳеҷ зарра аз зарроти мавҷудот нест, ки Худой ба зот бо он нест ва бар он муҳит нест ва аз он огоҳ нест».

Маълум мешавад, ки муҳимтарин вежагии сабки таълифи ин асар дар корбурди гунаҳои тоҷикии истилоҳоти ирфонӣ ва нуфузи истилоҳоти хоси аҳли тариқат дар шеваи баёни он ба мушоҳида мерасад, ки ҳамоно сабки хоси содаву равони тоҷикии Фарорудӣ доштани осори нависандаро бозгӯӣ мекунад.

Дар баробари ин, ҷиҳати такмили ҷанбаҳои бадеии насри асари хеш Азизуддини Насафӣ аз санъатҳои бадеӣ низ ба кор гирифтааст, ки омил ба тақвияти арзишҳои адабии асар гардидаанд.

Масалан, дар порaи боло Зоти Худовандро баҳре бекарон мешуморад, ки ҳеҷ зарра ва зарроти мавҷудот ба он наметавонад баробар бошад. Ин ҷо ҳам тамсил ва ҳам тазод ба мушоҳида мерасад.

Вақте шоир зоти Худоро баҳре бекарон медонад, ин ҷо ҳамоно шеваи хоси масал задани аҳли ирфон ба чашм мерасад. Дар ҳамин ҳол ҳам нависанда навъе истилоҳоти ирфониро ба кор мегирад, зеро баҳр, зарра, қатра низ дар назди аҳли ирфон аз мазмунҳои ирфонӣ низ бархӯрдоранд. Аз ин лиҳоз, барои баёни андешаҳои хеш ва шарҳу тафсири онҳо Азизуддини Насафӣ ин истилоҳоти хосро ба кор мегирад.

Чун дар дигар осори хеш Азизуддини Насафӣ дидгоҳҳои аҳли тасаввуф, муваҳҳидон ва ҳакимону файласуфонро шарҳу тафсир мекунад ва ин усули нигориши вай ба вуҷуди унсурҳои шарҳ дар таркиби асар таъкид меварзанд.

Масалан, дар фарҷоми ин фасли китоб таъкид медорад, ки «Аҳли ваҳдат ҳам мегӯянд, ки аз ту то ба Худой роҳ нест. Аз ҷиҳати он ки вуҷуд яке беш нест ва он вуҷуди Худой аст таоло ва тақаддус ва ба ғайр аз Худой вуҷуди дигар нест ва имкон надорад, ки бошад. Аҳли ваҳдат мегӯянд, он чи нест, худ нест ва он чи ҳаст, ҳастии Худой аст таоло ва тақаддус» [30, с. 48].

Аз вижагиҳои муҳими марбут ба ҷойгоҳи аносири шарҳ дар он зоҳир мешавад, ки он бештар хоси осори насрии ирфонӣ ба шумор меравад.

Нависанда чун дигар адибони ориф тавассути ба кор гирифтани рақамҳои муҳимтарин нишона ва аломати аҳли мавриди назари хеш, чун муваҳҳидону дарвешон ва дигар табақаҳоро баршумурда як ба як он аломотро тафсир мекунад. Аз ҷумла, дар шарҳи амали аҳли ҳақиқат аломати ин гурӯҳ ин шарҳҳоро овардааст.

«Эй дарвеш! Амали аҳли ҳақиқат ва аломати аҳли ҳақиқат ҳам даҳ чиз аст:

**Аввал** он аст, ки ба Худой расида бошад ва Худойро шинохта буд ва баъд аз шинохти Худой тамомати ҷавоҳири ашёро ҳамоно ки офарида шудааст, дониста ва дида бувад;

**Дуюм,** сулҳ аст, бо ҳама кас ва аломати он ки солики ба Худой расида он аст, ки бо халқи олам ба якбор сулҳ кунад ва аз эътирозу инкор озод ояд ва ҳеҷ касро душман надорад, балки ҳамаро дӯст дорад;

«Эй дарвеш! Ҳар кас дар маҳаллае аз мо даромадаанд ва бад-он сабаб ҳар касе бо асмое мансуб гаштаанд, якеро ҳанафӣ ва якеро шофеӣ ва якеро тарсо ва якеро ҷуҳуд ва якеро мусулмон ном ниҳодаанд, ҷумларо ҳамчун худ оҷизу бечора бинад ва толиби Худой шиносад».

**Сеюм,** шафқат кардан аст бар ҳама кас ва шафқат кардан он бошад, ки бо мардум чизе кунанд, ки мардум чун ба он кор кунанд дар дунёву охират суд кунанд ва аҳли шафқат насиҳат ва адаб кунанд ва аҳли илм насиҳат кунанд. Ва аҳли қудрат адаб кунанд, то мардум аз якдигар эмин бошанд;

**Чаҳорум,** тавозуъ аст бо ҳама кас, мардумро азиз дорад ва ба чашми ҳурмату иззат дар ҳама кас нигоҳ кунад;

**Панҷум,** ризову таслим ва озодиву фароғат аст;

**Шашум,** таваккул ва сабр аст ва таҳаммул;

**Ҳафтум,** бетамаӣ аст, ки тамаъ уммулхабоис аст;

**Ҳаштум,** қаноат ва фароғат аст;

**Эй дарвеш,** қаноату фароғат аст, ки соликро ба ҷое расонад;

**Нӯҳум,** озор норасонидан аст ва роҳат расонидан ба ҳама кас;

**Даҳум,** тамкин аст [30, с. 51].

Ба назар мерасад, ки Азизуддини Насафӣ низ чун дигар орифон бо зикри ин аломот гунае мақомоти маънавии роҳравро, ки то ба мартабаи аҳли ҳақиқат расидааст, бармешуморад ва ба навъе консепсияи сайри сулуки маънавии хешро баён медорад. Ба ибораи дигар, назари Азизуддини Насафӣ ба он мепайвандад, ки бо зикри ин сифот мехоҳад

баён кунад, ки барои ба ҳақиқат расидани роҳрав бояд ӯ даҳ дараҷаро тай намояд, ки ҳар яке аз онҳо ба нишонаи аломате дар тақсимбандии вай баррасӣ шудаанд.

Нуктаи дигаре, ки бояд афзуд, ин аст, ки рисолаҳои Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла «Мақсад-ул-ақсо» дар мақоми як фарҳанги ирфонӣ низ метавонанд хидмат кунад.

Ба дигар таъбир, дар таркиби ин асари нависанда мо метавонем унсурҳои мухталифи фарҳанги истилоҳоти ирфониро низ ба мушоҳида гирем, зеро бо шеваи чунин фарҳангҳо гоҳе маврид мусталеҳот ва мафоҳими ирфонӣ ба тavри муъҷаз шарҳу тавзеҳ шудаанд:

«Эй дарвеш! Ҷазаба иборат аз кашиш аст. Ва сулук иборат аз кӯшиш аст. Ва уруҷ иборат аз бахшиш аст».

Баробари ин, мусаллам аст, ки чун асар ба шеваи муроҷиат ба дарвешону навроҳон ба қалам омадааст, дар ҷараёни шарҳу тафсири мафоҳим ва истилоҳоти хос нахуст бо зикри «эй дарвеш» нависанда ба мубтадиён муроҷиат мекунад, ки ин нукта ба нуфузи санъати нидо дар насри ӯ таъкид меварзад. Аз ҷумла, пас аз шарҳу тафсири назари аҳли ваҳдат чунин меоварад:

«Эй дарвеш! Ту мепиндорӣ, ки Худой вуҷуд дорад ва ту ҳам ба ғайри вуҷуди Худой, вуҷуди дигар дорӣ. Ин саҳве азим аст ва пиндори хато аст».

***Байт:***

Як қадам бар нафси худ неҳ, он дигар дар кӯи дӯст,

Ҳар чи бинӣ дӯст бин, бо ину онат кор нест [30, с. 35].

Ин ҷо дар баробари зикри вижагии мазкури сабкии асари «Мақсад-ул-ақсо» дигар махсусиятҳои ҳунарии шеваи баёни нависандаро низ метавон таъкид дошт, ки он истифодаи ашъор ба шумор меравад. Намунаи он байти болост, ки ба эҳтимоли зиёд моли худи Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад, чун онро дар китоби «Инсони комил» ҳам

метавон ба мушоҳида гирифт ва баробари ин чанде аз шореҳони «Маснавии маънавӣ» дар шарҳи мақомоти маънавӣ ба ҳамин китоби нависанда ишорат кардааст.

Аммо ба мушоҳида мерасад, ки гунаи дигари он байт низ дар сарчашмаҳо рафтааст, ки чунин шакл дорад.

**Байт:**

Як қадам бар хештан неҳ, он дигар дар кӯи дӯст,

Ҳар чи бинӣ, дӯст бин, бо ину онат кор нест.

Яъне, дар гунаи дигари байт ба ҷои «як қадам бар нафси худ неҳ» шакли «як қадам бар хештан неҳ» омадааст.

Ҷои дигар, дар баёни шарҳу тафсири сайри илаллоҳ ва сайри филаллоҳ нукоте меоварад ва баъдан дар таъйиди назари хеш байте зикр мекунад: «Чун маънии ҷаззабаро донистӣ, акнун бидон, ки маънии сулук сайр аст ва сайр бар ду қисм аст: **сайри илаллоҳ** ва сайри филаллоҳ. Сайри илаллоҳ ниҳоят дорад, аммо сайри филаллоҳ ниҳоят надорад. Аҳли тасаввуф мегӯянд, ки сайри илаллоҳ иборат аз он аст, ки солик чандон сайр кунад, ки Худойро бишиносад, чун Худойро шинохт, сайри илаллоҳ тамом шуд, акнун ибтидои сайри филаллоҳ бошад ва сайри филаллоҳ иборат аз он аст, ки солик баъд аз шинохти Худой чандони дигар сайр кунад, ки тамоми сифот ва асомиву афъоли Худойро дарёбад ва илму ҳикмати Худойро бидонад ва сифоту асомии Худой ва илму ҳикмати Худой бисёр аст, балки ниҳоят надорад, агарчи ниҳоят надорад, то зинда бошад, дар ин кор бошад.

***Байт:***

Аз сифоти ту он чи ҳиссаи мост,

Камтар аз қатра беҳ зи сад дарёст. [30, с. 44]

Ҳангоми истифодаи ашъор вежагии дигари сабкии асар ба мушоҳида мерасад, ки ҳатто ба шеър будани он ба сурати зикри вожаи байт ишорате мефармояд.

Агар аз ду байт зиёда мавриди истифода қарор бигирад, ба он ҳамчун назм таъкид мекунад. Ин равиши кори нависандаро ҷои дигар чунин ба мушоҳида метавон гирифт:

«...акнун вақти зуҳури вилоят аст, чун вилоят зоҳир шавад, ҳақоиқ ошкоро гардад ва сурат пинҳон шавад ва гуфта шуд, ки то акнун дар мадрасаҳо баҳсӣ сурат мекарданд, акнун дар мадрасаҳо баҳси ҳақоиқ кунанд, ҳақиқати ислом ва ҳақиқати имон ва ҳақиқати саловату савм ва ҳаҷ ошкоро кунанд ва ҳақиқати биҳишту дӯзах ва сирот ва савобу аъқоб пайдо кунанд,

**Назм:**

Гар сари қадри тӯъма абдол шавад,

Ин ҷумлаи қилу қол помол шавад.

Ҳам муфтии шаръро ҷигар хун гардад,

Ҳам хоҷаи ақлро забон лол шавад. [30, с. 45]

Мавриди дигар ҳангоми шарҳу тафсири ҳақиқати муваҳҳидон ва маънии ваҳдат пас аз шарҳи матлаби хеш байте маъруф аз Фирдавсиро ба ин шакл ба кор мегирад:

**Байт:**

Ҷаҳонро баландиву пастӣ Туӣ

Надонам чиӣ, ҳар чи ҳастӣ, Туӣ» [31, с. 50]

«Дон, ки аҳли ваҳдат ду тоифаанд: як тоифа мегӯянд, ки вуҷуд яке беш нест ва он вуҷуди Худой аст таоло ва тақаддус ва ба ғайри вуҷуди Худой вуҷуди дигар нест ва имкон надорад, ки бошад ва ҳамин тоифа мегӯянд, ки агар чунон будӣ, ки ҳама рӯз будӣ ва шаб набудӣ, мардум рӯзро нашнохтандӣ ва ҳарчанд, ки доноён гуфтандӣ, ки ин рӯз аст, мардум фаҳм накардандӣ, аммо чун шаб ҳаст, мардум рӯзро мешиносанд, ҳамчунин агар ғайри Худой будӣ, мардум Худойро бишинохтандӣ, аммо чун ғайри Худой вуҷуд надорад, Худойро намешиносанд.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар ҳамин маврид шеваи истифодаи масал ҳамчун унсури муассир дар сабки нигориши нависанда ба назар мерасад. Дар идомаи шарҳи ин матлаб Азизуддини Насафӣ ба моҳиён масал мезанад, ки дар асл онҳо масали соликонанд ва зимнан як ҳикоягунае аз забони онон нақл мекунад, ки бо порчаи шеърӣ ҷамъбаст мешавад:

«Вақте моҳиён дар дарё ҷамъ шуданд ва гуфтанд чандин гоҳ аст, ки мо ҳикояти об мешунавем ва мегӯянд, ки ҳаёти мо аз об аст ва бақои мо ба об аст ва ҳаргиз обро надидаем, баъзе аз моҳиён гуфтанд, ки мегӯянд: Дар фулон дарё моҳие ҳаст доно ва обро дидаву обро мешиносад, пеши он моҳӣ равем, то обро ба мо намояд ё нишони об ба мо диҳад. Онон, ки доноёни эшон буданд, рӯй ба сафар оварданд ва муддатҳо дар сафар буданд, то ба он дарё расиданд ва он моҳиро диданду хидмат карданду суол карданд ва гуфтанд: Чандин гоҳ аст, ки мо ҳикояти об мешунавем ва мегӯянд, ки ҳаёти мо аз об аст ва бақои мо ба об аст ва ҳаргиз мо обро надидем, инак, ба хидмати шумо омадаем, то обро ба мо намоед. Он моҳӣ дар ҷавоб гуфт:

**Назм:**

Эй дар талаби гираҳгушоӣ мурда,
Бо васл бизода в-аз ҷудоӣ мурда.
Эй бар лаби баҳру ташна дар хок шуда,
В-эй бар сари ганҷ аз гадоӣ мурда. [30, с. 51]

Он гоҳ фармуд, ки фаҳм кардед. Гуфтанд, ки на. Он гоҳ фармуд, ки шумо ғайри об ба ман бинамоед, то ман обро ба шумо бинамоям. Гуфтанд: фаҳм кардем ва обро дидем [30, с. 51].

Тавре қаблан ҳам таъкид гардид, «Мақсад-ул-ақсо» аз ҷумлаи аввалин рисолаҳои ирфонӣ маҳсуб меёбад, ки ба забонҳои урупоӣ, яъне забони лотинӣ дар соли 1867 тарҷума гардидааст. Аз миёни нусхаҳои хаттие, ки аз ин асар дар кишварҳои Туркия, Эрон, Покистон,

Ҳиндустон ва Чин мавҷуд ҳастанд, маълум мегардад, ки китоби мазкур дар миёни мусалмонони сарзаминҳои мазкур соҳиби шуҳрати фаровон ва бузурге гардидааст.

Хоса, мавҷудияти чандин нусхаҳои хаттии ин асар ва осори дигаре аз Азизуддини Насафӣ дар китобхонаи Музеи Мавлонои Туркия баёнгари он аст, ки ин асар дар назди Мавлонои Балхӣ низ мақому манзалати хос доштааст.

Дар умум, аз баҳсу баррасии ҷойгоҳи «Мақсад-ул-ақсо» дар насри ирфонии форсу тоҷик маълум мешавад, ки он аз ҷумлаи осори муътабаре ба шумор меравад, ки нависандагони дигари қаламрави адабиёти тасаввуф аз муҳтаво ва мундариҷа, шеваи нигориши он таъсир бардоштаанд.

Фузун бар ин, худи нависанда баробари файзбардорӣ аз китоби муқаддаси Қуръони карим, аҳодиси набавӣ аз китобҳои муътабари нависандагони тасаввуф, чун Шаҳобуддини Суҳравардӣ ва андешаҳои дигарон файз бардоштааст.

Дар сабки нигориши нависанда нуфузи вожагони ноби тоҷикӣ афзалият дорад ва ин шеваи баён ҳатто дар корбурди шакли тоҷикии истилоҳот таъсир гузоштааст, ки дар осори дигари адибони аҳли тасаввуф дида намешавад. Баробари ин, корбурди ашъор ва масалҳои ирфонӣ дар тақвияти ҷанбаҳои бадеии насри ин китоби арзишманди тасаввуфӣ таъсири матлуб гузоштаанд.

Рисолаи мавриди назари мо баробари фарогирии масъалаҳои ҷудогонаи ирфонӣ аз ҷанбаҳои адабиву бадеӣ низ орӣ нест. Махсусан, оҳангнокӣ, мавзуният, ҷаззобият, корбандии саҷъ ва санъатҳои бадеӣ арзиши адабии онро боло бардошта, осори мазкурро ҳамчун асари муҳим муқаррар сохтааст.

Дар баробари ин, истифодаи порчаҳои манзуми шеърӣ барои ороиши ин асар ва баланд бардоштани арзиши адабии он мусоидат кардааст. Мавзуъҳои рисола ва истилоҳоти дигаре, ки барои ташреҳи

абъоди муҳаббат ба кор гирифта шудаанд, ин рисоларо дар баҳрагирӣ аз забони маҷозӣ, бартару авлотар муаррифӣ дар ташаккули насри ирфонӣ инъкос намудааст.

Ин амр як бори дигар ташаккули насри ирфонро дар истифода аз забони отифиву ҷаззобӣ дар амал нишон дода, пешкаши хонанда намудааст. Сабки нигориш ва забони рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ аз махсусиятҳое бархӯрдор аст, ки бо таҷаддуду навовариҳо дар забони давраи зиндагии нависанда имтиёзу бартарият нисбат ба дигар асарҳои ирфонӣ дорад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Аз таҳқиқу баррасии масоили меҳварии ин боби диссертатсия бармеояд, ки Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни таълифи осори насрии хеш, ки бештар хислати дастурӣ дошта, барои навроҳону мубтадиён иншо гардидаанд, аз осори қабл аз ӯ таълифшуда истифода кардааст. Дар осори насрии Азизуддини Насафӣ мо бештар ба номи осоре чун «Ихвон-ус-сафо» ва «Халлон-ул-вафо», осори Ибни Сино, «ал-Ламаъ», «Кашф-ул-маҳҷуб”-и Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия», осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, аз ҷумла «Кимиёи саодат», «Эҳё-ул-улумуддин», «Мушкот-ул-анвор», осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, рисолаҳои Тоҷиддини Ушнавӣ, «Авориф-ул-маориф», осори Шайхи Ишроқ, «Мирсод-ул-ибод”-и Наҷмиддини Розӣ, таълифоти Муҳйиддин ибни Арабӣ, ашъори Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишобурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Афзалуддини Кошонӣ ва дигарон дучор меоем ва бегумон ҳар яке аз ин таълифот дар мақоми китобҳои арзишманди сарчашмаҳои таълифи рисолаҳои Азизуддини Насафӣ шинохта мешаванд.

Дар баробари ин, ишорат ва нақли афкори устоди худи ӯ Саъдуддини Ҳамавӣ бозгӯи ин амр аст, ки андешаҳои ин орифи номвар ва устоди бузурги вай ҳукми сарчашмаи муҳими насри ирфонии Азизуддини Насафиро соҳиб шудаанд. Аз ин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки осори Азизуддини Насафӣ на танҳо дар партави афкор ва ақоиди ӯ иншо гардидаанд, балки онҳо барои ҳифзи афкор ва назароти орифонаи Саъдуддини Ҳамавӣ низ хидмат менамояд.

Ба таъбири дигар, насри ирфонии Азизуддини Насафӣ барои омӯзиши мероси маънавӣ ва афкору андешаҳои Саъдуддини Ҳамавӣ низ ба таври барҷаста хидмат мекунад.

Осори насрии Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла рисолаҳои «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо шеваи махсус барои мубтадиён ба

қалам омада, аз муқаддима, фаслҳои алоҳида дар бораи масоили марбут ба офариниши ҷаҳон, инсон, ақлу ишқ, маърифати сулук, шинохти шариат, тариқат ва ҳақиқат таркиб ёфтаанд. Рисолаҳо бо усули саволу ҷавоб, мухотаб навишта шудаанд ва ҳамеша муршид ё гӯяндаи асосӣ ба дарвеш муроҷиат мекунад.

Муроҷиат ба дарвеш худ баёнгари он аст, ки аксари масоили дар ин рисолаҳо шарҳу тафсирёфта барои соликони навроҳ изҳор гардида, дар такмили афкори ирфонии онон нақши муассир мегузоранд.

Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» низ ба шеваи расоили дигар ба қалам омадааст ва дар муқаддимаи он сабаби иншои асарро ба пурсишҳое марбут медонад, ки аз ҷониби мубтадиёни тариқат барояш додаанд ва ӯ дар посухи онҳо ҳадаф ва моҳияти аҳли ваҳдатро шарҳу тафсир кардааст.

Нусхаҳои расоили Азизуддини Насафӣ дар аксар китобхонаҳои олам маҳфузанд ва аз рӯи феҳристҳои мавҷуда қисмате аз онҳо дар фасли ҷудогонаи рисола муаррифӣ шудаанд. Нуфузи теъдоди нусхаҳои хаттии расоили ӯ худ далели равшани он аст, ки осори Азизуддини Насафӣ дар саросари қаламрави забони форсӣ маҳбубияти шоистаеро соҳиб будаанд. Ҳатто ҳифзи нусхаҳои зиёди хаттии осори ӯ дар китобхонаи музеи Мавлоно дар Қунияро ба таваҷҷуҳи хосаи ин орифи номовар ба таълифоти вай нисбат додан мумкин аст.

## БОБИ III

# САБКИ ТАЪЛИФ ВА АРЗИШҲОИ АДАБИИ РИСОЛАҲОИ ИРФОНИИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

## 3.1. ШЕВАИ НИГОРИШИ НАСРИ СӮФИЁНА ВА ТАҶАССУМИ ОН ДАР ОСОРИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Мусаллам аст, ки насри сӯфиёна ё сӯфия дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик бо касби вижагиҳои хоси хеш, ки дорои истилоҳоти хос, забони пуррамзу роз, корбурди муарработ ва амсоли ин маҳсуб мешавад, имтиёз мекунад.

Вале тавре борҳо ишорат шуд, сабки таълифоти расолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ пеш аз ҳама дар содагиву равонӣ ва салосати хоси он таҷассум дорад, ки ин шеваро ҳатто муҳаққиқони ғайрифорсии вай эътироф намудаанд. Аз ҷумла, Луид Винисис Ҷон Риҷвун дар асари хеш қайд карда, ки «Ҷанбаи мумайиз дар осори Азизуддини Насафӣ сабки форсии сода, равшан ва холӣ аз пургӯӣ аст.

Ҳадафи аслии Азизуддини Насафӣ ин аст, ки хонанда паёми ӯро бифаҳмад ва барои ҳусули ин ҳадаф Азизуддини Насафӣ ҳар мавзуеро аз чандин дидгоҳ арза мекунад ва дар поёни ҳар тавзеҳ меафзояд, ки «чунин медонам, ки тамом фаҳм накардӣ, рӯшантар аз ин мегӯям» [115, с. 39- 40].

Дар таснифоти анвои наср аз рӯи дарунмоя ва ё мавзуъ, ки дар таҳқиқоти донишманди соҳибноми ватаниву хориҷӣ, чун Худоӣ Шариф, Носирҷон Салимӣ, Ҷамоли Мирсодиқӣ, Ҳусайни Хатибӣ, Ҳусайни Размҷӯ ва дигарон насри сӯфиёна ё ирфонӣ ба унвони як навъи мустақили насри классикии тоҷик муаррифӣ шудааст, ки он аз вижагиҳои муҳим ва хосе бархӯрдор буда, ба ин ваҷҳ аз дигар анвои наср фарқ мекунанд.

Роҷеъ ба муҳтаво ва аслу ҷавҳари ин навъи наср донишмандон нуктаи назари мухталиф доранд. Аз ҷумла, академик Носирҷон Салимӣ бар мабнои муҳтаво ва матолиби осори мансури сӯфиёна онҳоро дар се даста гуруҳбандӣ намудааст:

1. Осори рамзӣ–ирфонӣ, ки дар он матолиби сӯфиёна бо шеваи links мармуз ё аз забони туюру вуҳуш иброз мегарданд;

2. Осори илмӣ-назарии тасаввуфӣ, ки дар он бештар аҳком ва аркони тасаввуф ва масъалаҳои назарии он шарҳу тавзеҳ меёбанд;

3. Осоре, ки нақлу ҳикоёт ва ривоятҳои марбут ба зиндагии шуюх ва гуфтори эшонро фаро мегиранд, ки дар табақот, маноқиб ва тазкираҳои ирфонӣ гирд омадаанд [129, 177].

Алиасғари Ҳалабӣ низ бар асоси такя бар мавзуъ ва матолиб ин навъ осорро ба се даста ҷудо намудааст:

1. Осоре, ки матолиби сода ва мафоҳими ҳамагониро фаро мегиранд.

2. Осоре, ки матолиби нодуруст ва нобихрадонаро фаро мегиранд [142, 123].

Тавре академик Носирҷон Салимӣ таъкид мекунад, «Манзури Ҳалабӣ аз ин бахши осори ирфонӣ ҳамон матолибе аст, ки дар онҳо гуфтори иғроқомез ва ривоёти дур аз фаҳму мантиқ ҷой доранд.

3. Осоре, ки матолиби рамзиву истиоравӣ доранд ва дасти ҳамагон аз фаҳму дарёфти онҳо маҳрум аст [117, 142].

Аз ин ҷо равшан мешавад, ки насри сӯфиёна аз вижагиҳои хосе бархӯрдор буда, дар адабиёти классикии тоҷик зуҳури аносири онро ба расоили «ат-Тайр» ва «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Сино, «Нур-ул улум»-и Абулҳасани Харақонӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абдулкарими Қушайрӣ, «Бахр-ул-ҳақиқат» ва «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Тамҳидот» ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ нисбат медиҳанд.

Яке аз аввалин рисолаҳои комил ё намунаҳои барҷастаи насри ирфонӣ китоби «Нур-ул-улум»-и Абулҳасани Харақонӣ дониста мешавад.

Вале дар умум, китоби ҷомеъ ва нахустин намунаи насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик асари маъруфи Алии Ҳуҷвирӣ «Кашф-ул-маҳҷуб» дониста шудааст [140, 142, 145, 137].

Осори Азизуддини Насафӣ бо он ки бо забони содаву равон ва шево ба қалам омадааст, фарогири истилоҳоти зиёди ирфонӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, метавон ҷилваҳои хоси насри ирфониро дар ҳар яке аз ин таълифоти вай ба мушоҳида гирифт, ки дар навбати аввал корбурди истилоҳоти ирфонӣ дар он барои бозтоби вижагиҳои ин навъи наср муассир афтодааст.

Дар аксари таълифоти ин нависандаи сӯфимашраб нуфузи истилоҳоти ирфонӣ ва ҳатто шарҳу тафсири онҳо ба мушоҳида мерасад. Мусаллам аст, ки маъруфтарин истилоҳи ирфонӣ ишқ аст, ки он дар аксари осори тасаввуфӣ ва фарҳангҳои истилоҳоти тасаввуф ба шарҳу тавзеҳи он дучор меоем.

Азизуддини Насафӣ низ дар китоби «Инсони комил» назари хешро роҷеъ ба истилоҳи мазкур баён дошта, аз ҷумла таъкид мекунад, ки «Ишқ буроқи соликон ва маркаби равандагон аст».

Пас, маълум мешавад, ки дар шарҳи ирфонии ин нависандаи сӯфӣ ишқ василаи камолот аст, яъне маркабест, ки соликони роҳи ҳақ тавассути он ба мақоми маънавӣ мерасанд.

Дар китоби «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ»-и Ҷаъфари Саҷҷодӣ дар шарҳи ирфонии вожаи ишқ чунин омадааст: «Ишқ завқи муфрат ва майли шадид ба чизе. Ишқ оташе аст, ки дар қалб воқеъ шавад ва маҳбубро бисӯзад. Ишқ дарёи бало ва ҷунуни илоҳӣ ва қиёми қалб аст бо маъшуқ билофосила» [95, с. 580].

Аз тафсири ирфонии истилоҳи ишқ ҳам маълум мешавад, ки пайванде бо назари ирфонии Азизуддини Насафӣ ҷой дорад, зеро ваќте завқи муфрат ва майли шадид мегӯяд, манзур ҳамон буроқи соликон ва маркаби равандагон аст, зеро танҳо завқи муфрат ва майли шадид метавонад мақоми буроқи соликро соҳиб шавад, то ӯро ба самти маъшуқи азалӣ боло бубарад. Ҳар чӣ ақл ба панҷоҳ сол андӯхта бошад, ишқ дар як дам он ҷумларо бисӯзонад ва ошиқро пок ва софӣ гардонад ва солик ба сад чилла он миқдор сайр натавонад кард, ки ошиқ дар як турфатулайн кунад» [26, с. 279].

Дар истилоҳи урафо се зинаи аслии тасаввуф ба таври «шариат», «тариқат» ва «ҳақиқат» муқаррар гардидаанд. Ҳамзамон мафоҳиме чун ваҳдат ва аҳли ваҳдат, ки онҳоро муваҳҳидон низ хондаанд, ба кор мераванд. Азизуддини Насафӣ ҳатто дар шарҳи ин мафоҳим дар рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» назароти хешро баён доштааст.

Аз ҷумла, чунин фармудааст:

Асли аввал: ин асл, дар маърифати худованди субҳон аст. Аз хос-ул-хос аҳли шариат савол карданд, ки Худо чист? Фармуданд, ки нури мунбасит аст ва аз аҳли ваҳдат пурсиданд, ки Худо чист? Фармуданд: аламуҷуд ҳуваллоҳ Аллоҳ» [25, с. 80].

Ибора ва вожагони «зоти ҳақ», «ҳақиқат» ва «маҷоз» низ дар шумори муҳимтарин истилоҳоти ирфонӣ қарор доранд. Бар ин асос Азизуддини Насафӣ низ мулоҳизоти хешро дар мавриди онҳо баён дошта, Худовандро зоти ҳақиқӣ ва дигарон, яъне оламу инсонро маҷозӣ номида, аз ҷумла фаҳмида мешавад, ки манзури Азизуддини Насафӣ дар ин маврид аз «Зоти Худо ҳақиқӣ ва зоти дигарон маҷозӣ аст», ин аст, ки яъне зоти дигарон аз зоти вай аст. Вуҷуди маҷозӣ аз вуҷуди ҳақиқӣ, на ба тариқи эҷоб бе ирода аст, балки ба тариқи эҷод бо ирода аст.

Дар тасаввуф равандаи роҳи ҳақро солик унвон мекунанд, ки тавассути риёзат ва муҷоҳидот пок ва софӣ мегардад. Дар ин порчаи асари Азизуддини Насафӣ ба мушоҳида мерасад, ки муҳимтарин

истилоҳоти ирфонии «солик», ба маънии равандаи роҳи ҳақ, миръот - ойинаи муҷаллои таҷаллиёти илоҳӣ, инсони комил, руҳи инсон, олами кабир ва сағир ва амсоли ин ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ ба забони аҳли хосон будани таълифоти нависандаро ба субут расонида, корбурди истилоҳоти мазкурро яке аз вижагиҳои хоси забонии насри сӯфиёнаи адиб муаррифӣ мекунанд.

Ба порчаи зер аз ин равиш мурур мекунем: «Чун дили солик ба риёзоту муҷоҳидот поку софӣ ва мусаққалу мунаввар шавад, миръоти нури Худо мегардад ва акси нури Худо дар ин миръот зоҳир мешавад ва чун дил солики миръоти Нури Худо гашт ва акси Нури Худо дар миръоти дили солик зоҳир шавад, дар ин сурат солик ба камоли худ мерасад ва инсони комил мегардад, пас солик то акнун, ки ба худ мешунид ва ба худ медид ва ба худ мегирифт ва ба худ медод, акнун ба нури Худо мешунавад ва ба нури Худо мебинад ва ба нури Худо мегӯяд ва ба нури Худо медиҳад ва ба нури Худо мегирад. Ҳамчунонки инсон маҷмӯае аст аз зоҳир ва ботин; Зоҳири инсон ҷисми инсон аст ва ботини инсон руҳи инсон аст, ҳамчунин олам маҷмӯае аст аз зоҳиру ботин; Зоҳири олам ҷисми олам аст ва ботини олам руҳи олам аст ва руҳи олам Худои олам аст» [136, с. 50-51].

Дар баробари ин, маълум мешавад, ки зимни корбурди истилоҳоти ирфонӣ Азизуддини Насафӣ дар мавориди зарурӣ чун дигар нависандагони аҳли тасаввуф ба шарҳи луғавӣ ва ирфонии мафоҳим ё истилоҳоти ирфонӣ низ мепардозад.

Аз ҷумла, дар асли сеюми рисолаи «Зубдат-ул- ҳақоиқ», ки «Дар баёни онки сулук чист ва нияти солик дар сулук чист» дар шарҳи маънии сулук, ки яке аз мафоҳими меҳварӣ ва истилоҳи махсуси ирфонӣ ба шумор меравад, чунин оварда: «Бидон, ки сулук дар луғати араб, иборат аз рафтан аст, алиюлитлоқ, яъне раванда шояд, ки дар олами зоҳир сайр кунад ва шояд дар олами ботин сайр кунад ва ба наздики аҳли тасаввуф

сулук иборат аз рафтани махсус аст ва ҳамон сайри илаллоҳ ва сайри филаллоҳ аст ва сайри илаллоҳ ниҳоят дорад сайри фӣ Аллоҳ ниҳоят надорад ва агар ин иборат фаҳм намекунӣ ба иборати дигар мегӯям» [25, с. 111].

Сабки хос ва шеваи махсуси нигориши худи Азизуддини Насафӣ дар чанд нукта муҷассам аст:

Аввал ин ки ӯ ба шарҳи луғавии мафоҳими ирфонӣ пардохта, онро аз ҳар ҷиҳат тавзеҳ медиҳад, яъне дар асли луғат сулук ин рафтан аст ва он имкон дорад, ки дар олами зоҳир ва ё ботин сурат бигирад;

Дувум ин ки нависанда шарҳи ирфониро бо ишорат ба ин «наздики аҳли тасаввуф чунон аст» тавзеҳ медиҳад ва таъкид мекунад, ки яъне ин мафҳуми хос аст ва ин рафтан аз рафтани аввал фарқ дорад. Ин маъниро танҳо дар забони аҳли ирфон метавон фаҳм намуд;

Сеюм ин ки бо таъкид бар ин ки агар ин маънӣ нафаҳмӣ ба иборати дигар мегӯям, истилоҳро ба гунаи дигар шарҳ медиҳад, яъне аз диди ирфонӣ онро аз чанд зовия ва бар чанд маънӣ тафсир мекунад.

Масалан, дар идомаи шарҳи ҳамин мафҳум чунин менависад: «Бидон ки ба наздики аҳли тасаввуф сулук иборат аз рафтан аст, аз ақволи бад ба ақволи нек ва аз афъоли бад ба афъоли нек ва ахлоқи бад ба ахлоқи нек ва аз ҳастии худ ба ҳастии Худой» [25, с. 111].

Ба назар чунин мерасад, ки ин ҷо нависанда ин истилоҳро ба забони бисёр шево ва равону салис баён мекунад, ки гӯё як навъ дар таркиби он саҷъ ҳам эҷод шудааст.

Содагии баён худ шореҳи он аст, ки мафоҳими мазкур барои навроҳон ё соликоне, ки тоза ба ҷодаи ирфон қадам гузоштаанд, гуфта шудааст.

Тавре гуфта шуд, аз муҳимтарин истилоҳоти ирфонӣ мақоми тавҳид аст, ки он хоси муваҳҳидон бошад. Азизуддини Насафӣ роҷеъ ба тавҳиди амалӣ дидгоҳҳои хешро баён намуда, таъкид медорад, ки тавҳиди амалӣ дар тариқат амалӣ намудани чизҳои бисёр бошад, ки дар натиҷа яке

шавад: «Тавҳиди амалӣ он аст, ки инсон, ба амал, чизҳои бисёрро яке кунад, ҳамчун маълумот ва машрубот ва тавҳид илми он аст, ки ба илм, чизҳои бисёрро яке донад» [136, с. 55-58].

Ҳамзамон, истилоҳоти дигаре чун олами иҷмол, олами ҷабарут, олами ишқ, олами тафсил, олами азамат ва асмоъ ва монанди ин ба кор гирифтааст. Маълум аст, ки дар тариқат ҷараёни хоси ирфоние бо номи «хоси асмо» ҷой дорад, ки дар шинохти Худованд аз тариқи шинохти номҳои Худованд мепардозанд.

Дар заминаи истифодаи истилоҳи «олами асмоъ» Азизуддини Насафӣ дар назари аввал ба рукнҳои ҳамин навъ силки ирфонӣ низ таъкид мекунад. Вобаста ба ин мефармояд: «Олами иҷмол, иборат аз олами ҷабарут ва олами ишқ иборат аз олами кибриёст ва олами тафсил иборат аз олами азамат ва олами асмоъ иборат аз олами иззат аст. Сифати Худои субҳон дар мартабаи зот ва феъли Худо дар мартабаи нафс ва исми Худо дар мартабаи ваҷҳ аст» [25, с. 112].

Ин ҷо дар навбати аввал таъкиди нависанда ба он аст, ки солик бояд дар тариқати хеш барои расидан ба Ҳақ аз олами асмоъ роҳ кушояд, яъне тавассути маърифати номҳои Ҳазрати Зулҷалол сайри сулуки маънавӣ анҷом медиҳад.

Равшан аст, ки яке аз аркони аслии тасаввуф маърифат ба шумор меравад. Маърифат ҳатто дар бархе аз шеваҳои таснифоти мароҳили сӯфиёна яке аз зинаҳои камолот дониста мешавад.

Азизуддини Насафӣ яке аз аслҳои тасаввуфро маърифати олам ба шумор меоварад ва бар асоси он табақаҳои камолоти маънавиро ба сурати аҳли шариат, аҳли ҳикмат, аҳли ваҳдат тафсир мекунанд.

Имкон дорад, ки дар андешаҳои Азизуддини Насафӣ зери мафҳуми аҳли шариат ҳатто мақоми соликоне ҳам фаҳмида шавад, ки дар зинаи шариат қарор доранд ё ба истилоҳи урафо мубтадиён ҳастанд.

Асли дувум: ин асл, дар маърифати олам аст. Аҳли шариат мегӯянд, ки олам исме аст барои мосивои ҳақ ва аҳли ҳикмат мегӯянд, ки олам исме аст барои ҳар маҷмуъ мутаҷонис ва аҳли ваҳдат мегӯянд, ки олам исме аст барои ҳар мартабае аз маротиби ҳақ [25, с. 114].

Ба мушоҳида мерасад, ки гоҳо бо истифодаи истилоҳоти фалсафӣ низ Азизуддини Насафӣ афкори ирфонии хешро муҷассам мегардонад. Масалан, ҷавҳар, ақл ва олами аҷсом, олами арвоҳ дар шумори ҳамин гуна истилоҳоте қарор доранд, ки тобишҳои ирфонӣ касб намудаанд. Баробари ин муҷодалаи ақл ва ишқ низ аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ берун намондааст. «Аҳли ваҳдат мегӯянд, ки мулук иборат аз сабаб аст ва асбоб аз олами аҷсом ва ҷисмонӣ бошанд ва аз олами арвоҳ ва руҳонӣ ҳам бошанд. Ҷисми ҳар кас дунёи вай аст ва руҳи ҳар касе охирати вай. «Варои ҳис ва ақл, таври дигаре ҳаст ба номи ишқ. Дар таври ишқ, маориф барои инсон маълум мешавад, ки дар таври ҳиссу ақл маълум намешавад. Ҷумлаи зарроти олам масти ишқанд. Ишқ аст, ки ҷони олам аст ва ишқ аст, ки ҷунбонандаи олам аст. Аҳли тасаввуф, муҳаббати муфратро ишқ меноманд» (25, с. 100).

Аз ин баҳсу баррасӣ маълум мегардад, ки баҳси ақлу ишқ дар ин асари Азизуддини Насафӣ тавассути истилоҳот ва мафҳумҳое чун «ҳис», «ақл» ва «ишқ» баён шудааст.

Ба шеваи хоси нигориши хеш ин ҷо низ Азизуддини Насафӣ ишқро ҳамчун ҷони олам тафсир мекунад, ки дар баёноти қаблии вай ба таври барҷаста ифода гардидааст.

Дар ҷавҳари таълимоти тасаввуф маърифати инсон қарор дорад, яъне ба таъбире Инсон барои расидан ба Ҳақ бояд нахуст худро бишносад.

Ба андешаи Азизуддини Насафӣ, инсон аз руҳи наботиву ҳайвониву инсонӣ дорад ва тамоми қолаби инсонҳо руҳи инсонии ӯро муҷассам мегардонад.

Асли севум: ин асл дар маърифати инсон аст. Ҳар одаме руҳи наботӣ дорад, ки маҳалли он ҷигар аст ва дар паҳлуи рост аст ва руҳи ҳайвонӣ дорад, ки маҳалли он дил аст, ки дар паҳлуи чап ва руҳи инсонӣ дорад, ки маҳалли он тамоми қолаб аст ва ин руҳ аст, ки аз олами амр аст ва пеш аз қолаб офарида шудааст [25, с. 109].

Азизуддини Насафӣ камолоти инсониро дар чаҳор мафҳуми ҷавҳарии ҳам тасаввуф ва ҳам фалсафа муқаррар мекунад, ки онҳо аз ақлу илму амалу ихлос сарчашма мегиранд.

Вобаста ба ин мавзуъ назари аҳли ҳикматро изҳор дошта, таъкид медорад, ки қабл аз ҳастии ҷисмонии инсонӣ нафси ӯ мавҷуд набудааст, зеро нафс дар қолиби инсонӣ қарор гирифтааст.

Дар ин маврид низ истилоҳоти «нафс», «қолаби инсон», «малак», «мулк» ва «малакут» ба кор рафтаанд.

Камоли инсон ба чаҳор чиз аст: «ақлу илму амал ва ихлос» ва фазли одамиён бар якдигар ба яке аз ин чаҳор чиз аст. Ба назари аҳли ҳикмат, нафси инсонӣ пеш аз қолаби инсон, билфеъл мавҷуд набуд, балки бо қолаби инсон билфеъл мавчуд шуд. Чун қолаб тамом шуд ва тамом тасвия ёфт, нафси инсон пайдо омад ва ин нафси инсонӣ дар қолаби инсон нест, аммо тааллуқе ба қолаб дорад ва он ҳам тааллуқи тадбирӣ [25, с. 113].

Дар меъдаи инсон, чаҳор қувва вуҷуд дорад: «ҷозиба ва мосика ва ҳозима ва дофеа ва соҳиби шариат, ин чаҳор қувваро чаҳор малик мегӯяд. Руҳи нафсонӣ, ки дар димоғ аст, бар ду қисм мудрака ва муҳаррика аст ва муҳаррика, худ бар ду қисм боиса ва фоила аст» [25, 67].

Дар китоби «Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ»-и Зиёуддини Саҷҷодӣ зимни шарҳи маънии ирфонии истилоҳоти илм, ақл, амал чунин омадааст: Ақл ба назди орифон чизе аст, ки бад-он васила Худоро ибодат кунанд. Дар «Каламот»-и Бобо Тоҳир аст, ки «ал-ақлу сироҷул убудият» ва ҳақ аз ботил ва тоат аз маъсият, илм аз ҷаҳл бад-он имтиёз

ниҳода шавад. Ақл ду гуна аст: ақли маош, ки маҳалли он сар аст ва ақли маод, ки маҳалли он дил аст» [95, с. 475].

Дар ин фарҳангномаи ирфонӣ маънии ирфонии илм ба маънии зер тавзеҳ ёфтааст: «Илм-дониш ва донистан. Кошонӣ гӯяд: Мурод аз илм нурест муқтабас аз машкути нубувват дар дили бандаи муъмин, ки бад-он роҳ ёбад ба Худой, ё ба кори Худой ё ба ҳукми Худой. Ва ин илм васфи хоси инсон аст ва идрокоти ҳиссӣ ва ақлии ӯ аз он хориҷ. Ва фарқ миёни ин ақл ва илм он аст, ки ақл нурест фитрӣ, ки бадон салоҳ аз фасод ва хайр аз шарр мутамайиз гардад ва он муштарак аст миёни муъмин ва кофар. Ва илм хоси муъминон аст. Ва илме, ки муштарак аст миёни муъмин ва кофар ақле аст, ки тамйиз кунад миёни салоҳ ва фасоди умури дунёӣ» [138, с. 586-587] .

Дар бахши дигари ин китоб шарҳи валӣ, набӣ, дӯст, яқин ва истилоҳу мафоҳими дигари ирфонӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд ва ин матолиб баёнгари он аст, ки Азизуддини Насафӣ кӯшида, ки бар асоси фарҳанг ва осори дигари ирфонӣ диду назари хешро дар бораи ин мафоҳим баён намояд.

Аз ин ҷост, ки гоҳо шарҳи луғавии мафоҳими мазкурро меорад ва ҳатто ҳамин ҷо ҳам маълум аст, ки ишорати вай ба луғот ҳамоно луғоти аҳли ирфон ба шумор меравад, ки ин аз маънии тавзеҳдодааш бармеояд. Асли чаҳорум: ин асл, дар маърифати набӣ ва валӣ аст. Дар луғат, «валӣ» ба маънои наздик ва «набӣ» ба маънои огоҳкунандааст. Аҳли шариат мегӯянд, ки «валӣ» он аст, ки Худойи мутаол якеро аз бандагон худ ба дӯстии худ баргузид ва муқарраби ҳазрати худ гардонид ва ба илҳоми худ ӯро махсус гардонид, то ҳастии Худо ва ягонагии Худо ӯро яқин шавад ва «набӣ» он аст, ки Худойи таоло якеро аз бандагони худ ба дӯстии худ баргузинад ва муқарраби ҳазрати худ гардонад ва ба илҳоми худ ӯро махсус гардонад, ҳастии Худо ва ягонагии Худо ӯро яқин шавад, он гоҳ ба ваҳйи худ ӯро махсус гардонад ва ба халқ фиристад, то халқро аз Худо хабар кунад..., ба назари хавоси аҳли ваҳдат, «набӣ» он аст, ки

ба хавоси ашёъ расида бошад ва бар хавоси ашёъ иттилои тамом дошта бошад, аммо «валӣ» он аст, ки ба ҳақоиқи ашёъ расида бошад.

Касе, ки ҳам ба хавоси ашёъ расида ва ҳам ба ҳақоиқи ашё тамом иттилоъ ёфта бошад, инсони комил аст ва инсони комил, бар ду қисм аст: як қисмро болиғ ва як қисмро ҳур мегӯянд. Миёни болиғ ва ҳур дар илм тафовут нест. Дар қатъи пайванд тафовут аст. Болиғ, халқро даъват кунад ва хоҳад, ки мардум тобеъ ва мунқоди вай бошанд, аммо ҳур, даъвати халқ накунад ва феъли ӯ ҷуз назора кардан набошад ва сифати ӯ ҷуз ризо ва таслим набошад. Пас аз он боз ҳам ба тарҳи ду мафҳуми ҳам фалсафӣ, яъне мӯъҷиза ва каромот, ки аввалӣ хоси нубувват ва дигаре хоси орифон бошад, мепардозад.

Муаллиф, моҳияту шабоҳат ва тафовутҳои муъҷизаву кароматро тавзеҳ дода ва ба баёни назари ҳукамо дар ин бора низ руҷуъ мекунад. Асли панҷум: ин асл, дар маърифати муъҷиза ва каромат аст. Аҳли шариат муъҷиза ва кароматро аз афъоли Худо ва хориқи одат мустамар муаррифӣ мекунанд, ки бар дасти набӣ ва валӣ зоҳир мегардад.

Ба эътиқоди аҳли ҳикмат, ирода нафс, сабаби буруз ва зуҳури ҳаводис дар қолаб ва ҷисм мегардад, вале аҳли ваҳдат дар тафсири мӯъҷиза ва каромат ба хосият таваҷҷуҳ менамоянд ва ишора мекунанд, ки бархе аз инсонҳо хосияте доранд, ки дигарон фоқиди он ҳастанд. Ҳама мавҷудот, аз ҷумла инсон, дорои хосиятанд ва хосият асари замону макон аст ва наметавон онро бо касб ба даст овард.

Муъҷиза ва каромат коре хориқи одат ба шумор меояд ва хориқи одат дар инсон хосият аст ва муъҷизаи анбиё ва каромоти авлиё аз хосияти инсон маҳсуб мегардад, албатта хосият дар машраби аҳли ваҳдат камол нест ва аз фазоил ба шумор меояд ва албатта ин фазл, замоне маҳмуд аст, ки дар он инсони доно қарор дошта бошад.

Дар умум, баррасии ҷойгоҳи истилоҳоти ирфонӣ дар осори Азизуддини Насафӣ маълум менамояд, ки ин нависандаи сӯфимашраб дар таълифоти хеш бо шарҳу басти силсилаи истилоҳот ва мафоҳими

ирфонӣ забони нигориши асарҳояшро ба вижагиҳои хоси насри сӯфиёна пайванд бахшидааст.

Сабки таълифоти Азизуддини Насафӣ воқеан ба гунаи ҳамон шеваи маҷлисгӯёни сӯфиву аҳли минбараст ва онро воситаи насри маснӯъ метавон донист ки навъи вазну ҳолат аз шеър дар он эҳсос мешавад.

Агар чӣ Азизуддини Насафӣ кӯшидааст то дар бештари мавორид ин насри мавзунро бо овардани қиёфӣ ба шеър наздиктар созад бисёр иттифоқ афтодааст, ки танҳо ба вазн басанда кардаву аз овардани саҷъу қофия чашмпӯшидааст ва гоҳе низ каломи ӯ ба ашъори ҳиҷоии қофиядор мемонад.

Масалан барои мисол чанде аз таъбироти зебоеро аз Азизуддини Насафӣ меорем, ки онгунае, ки дар насри у гуфтем, то собит шавад: «Ба қиёматашон азоби **азим** аст, ки **доим** аст ва **муқим** аст ва эшон баргузиданд залолатро бар **ҳидоят**, суд накарданд дар ин **тиҷорат** ва набуданд ёбандаи ҳадду ҳидоят. Инҳо буванд аз ҳар чӣ битарсанд, **раҳанда** ва ба ҳарчӣ умед доранд **расанда**».

Дар канори ин, ба мушоҳида мерасад, ки дар мавориди лозим бархе аз ин истилоҳ ва мафоҳимро худ тавзеҳ медиҳад, ки дар ин замина дидгоҳҳои хоси ирфонии вай ба ин рамзу истилоҳ муқарррар мегарданд. Имконият дорад, ки дар заминаи осори насрии Азизуддини Насафӣ як фарҳангномаи хоси мафоҳим ва истилоҳоти ирфонӣ муратаб гардад.

Илова бар ин, Азизуддини Насафӣ дар равнақ ва мақоми насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик бо таълифоти рисолаҳои гаронмояи хеш ҷойгоҳи хосаеро соҳиб гаштааст. Азизуддини Насафӣ аз меъросбарони бузургтарин суханварони форсу тоҷик маҳсуб мешавад, ки бо эҷоди олии баён, сабки хос ва андешаи созандаву тозаи орифона дар моварои адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи хоси худро пайдо намуда, аз оғози зуҳури фарҳанги ирфонӣ ба ҳайси орифи номовари ҷаҳони ислом эътироф

гардида, бо офаридани осори ирфонии худ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик нақши босазои хешро гузоштааст.

Азизуддини Насафӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони таърихи адабиёт ва тасаввуф ҳамчун нависанда, муфассир, воизу сӯфӣ ва мударриси соҳибном бо эҷоди осори гаронмоя дар насри мусаҷҷаъ дар адабиёти форсӣ ва ҳам ҷиҳати танзими ирфони амаливу назарӣ, ташреҳу тавсияи меъёру мароҳил ва мақомоти маънавии инсон дар шинохти асолати худ корҳои муҳимро анҷом додааст.

Бино ба иттилои тазкираи «Маҷолис-ул-ушшоқ» ва рисолаи худи ӯ «Кашф-ул-ҳақоиқ» Азизуддини Насафӣ домани иродати Саъдудини Ҳамавиро гирифта ӯро нахуст Пири худ эътироф менамояд.

## 3.2. ВИЖАГИҲОИ САБКИИ НАСРИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Тавре дар мавориди марбут ба шинохти осори Азизуддини Насафӣ таъкид шуд, осори насрии ӯ аз вижагиҳои муҳими сабкӣ бархӯдор аст, ки нахуст метавон ба як забони содаву равон ва шево будани он таъкид ва ишорат варзид.

Яке аз муҳаққиқони аврупоии Азизуддини Насафӣ Лоид Ричен дар иртибот ба ин ҷанбаи сабкии осори насрии ин нависандаи суфӣ менависад, ки «Нахустин ҷанбаи мумайиз дар осори Азизуддини Насафӣ сабки форсии сода, рӯшан ва холӣ аз пургуии ӯст».

Адабиётшиноси варзида ва номдори тоҷик Носирҷон Салимов мухтассоти сабкии осори ирофниро чунин тавсиф додааст:«насри илмӣ ва чунин фурӯоти он, мисли насри илмии фалсафӣ, насри таълифоти риёзӣ ва табиӣ, насри осори тиббӣ, насри ҳикмати амалӣ, ки матолиби ахлоқӣ, тарбиявӣ ва сиёсиро фаро гирифтааст; насри мазҳабӣ, ки шомили тафсирҳои Қуръон, осори илмию мазҳабӣ ва бадеию динӣ мебошад; насри тасаввуф, ки асарҳои илмию назариявӣ ва сиёсиро фаро гирифтааст» [117, с. 380].

Аз ин тавсиф фаҳмида мешавад, ки дар раванди ташаккул ва пайдоиши насри ирфонии форсу тоҷик, хоса насри сӯфия назароти хосаи илмӣ иброз гардидаанд.

Ҳадафи аслии Азизуддини Насафӣ ин аст, ки хонанда паёми ӯро бифаҳмад ва барои ҳусули ин ҳадаф Азизуддини Насафӣ ҳар мавзуъро аз чанд дидгоҳ арза мекунад ва дар поёни ҳар яки он тавзеҳ меафзояд ки «чунин медонам, ки тамом фаҳм накардӣ, рӯшантар аз ин бигӯям» [126, с. 29-30].

Се тан аз донишмандони муосири Эрон, ки роҷеъ ба сабкшиносии асари «Кашф-ул-ҳақоиқ» мақолае муфассал навиштаанд, бар асоси ин рисолаи Азизуддини Насафӣ эътироф намудаанд, ки «Азизуддини

Насафӣ яке аз пуркортарин нависандаҳои қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ аст, ки теъдоди зиёди китоб ва рисола дар мавзуоти ирфонӣ, ҳикамӣ ва фалсафӣ аз худ ба ҷой гузоштааст.

Аз муҳимтарин вижагиҳои насри Азизуддини Насафӣ содагӣ ва равонии лафз аст, чунончи камтар насре аз осори баҷомондаи қарни ҳафтум аз назари содагӣ ва равонӣ ба пояи насри Азизуддини Насафӣ мерасад [171, с. 13].

Сабаби аслии равониву салосати насри Азизуддини Насафӣ пеш аз ҳама бар асоси шеваи форсии Фарорудӣ, ки забони тоҷикӣ асли онро ба вуҷуд овардааст, ба қалам омадани ин таълифот ба шумор меравад.

Ин албатта ба асли забони модарии нависанда, ки решаи он ҳамин забони тоҷикии имрӯза ҳам маҳсуб меёбад, рабт мегирад.

Барои намуна як мисол аз рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» меоварем, ки ҷаззобият ва равонии забони насри нависандаро муҷассам мегардонад: «Чун солик бар ақвол ва афъолу ахлоқи нек мулозимат кунад, анвори маориф бар вай рӯй намояд ва чизҳоро чунонки чизҳо ҳаст, бидонаду бибинад ва чун ба маориф рӯй намуд ва дар маориф ба камол расид ва чизҳоро чунонки чизҳо ҳаст, донист ва дид, ориф он бошад, ки аз ҳастии худ бимирад ва ба ҳастии Худой зинда шавад» [26, 111, 110].

Чунонки аз ин назарҳои навишторӣ бармеояд, нависанда бештар гунаҳои сирф тоҷикии таркиб ва калимотро ба кор мегирад, ки дар аксари маврид дар таълифоти дигари насри ирфонӣ муодилҳои арабии он ба кор меравонд.

Масалан, таркиби тоҷикии «рӯй кардан», ки ба ҷои зоҳир шудан истифода шудааст, инчунин чизҳо ба ҷойи шайъ ва амсоли ин. Ҳамон руҷуи хоси муаллиф ба забони форсии Фарорудӣ омил ба ҷаззобияти сабки нигориши нависанда гардидааст.

Аз сӯи дигар, таваҷҷуҳи махсуси нависанда ба шарҳу тафсири вожагон аз дидгоҳи ирфонӣ, ки қаблан ба ин масъала руҷӯъ шуд, яке аз муҳимтарин хусусияти насри ӯро ба вуҷуд овардааст.

Ин ҷо низ тафсири шахсияти ориф ба ҳамон равиши махсуси сабки нигориши Азизуддини Насафӣ сомон ёфтааст. Баробари ин, тавре борҳо таъкид шуд, яке аз муҳимтарин омилҳои гароиш ба соданависӣ ва ҳам таваҷҷуҳ ба тафсири истилоҳоти хоси ирфонӣ барои мубтадиён навишта шудани аксари расоили Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши рӯзгор ва осори ирфонии Азизуддини Насафӣ ба забонҳои арабиву форсӣ барои таҳқиқи таърихи тасаввуф, таҳаввул ва такомули ақоиди ирфонӣ, таърихи ислом ва ихтилофҳои мазҳабӣ, ташаккул ва таҳаввули марҳилаҳои услубии насри бадеӣ дар адабиёти форсу тоҷик аҳамияти калон дорад.

Барои шарҳу тафсири бештари матолиб аз такрори таркиб ва ҷумлаҳо ба кор гирифтани нависанда низ омил ба таъмини ҷаззобияти сабки нигориши вай гардидааст.

Истифодаи таркибҳои хоси роиҷ дар гӯиши мардуми Фароруд дар аксари осор ва навиштаҳои Азизуддини Насафӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар ҷумлаи зер вожаи «бағоят» ба маънии хеле ва бисёр сарчашма дар ҳамин гуфтор дорад: «Дар сулук ду чиз бағоят муаззам аст ва бе он ду чиз сулук муяссар нашавад. Яке суҳбати доно ва яке андак хӯрдан» [27, с. 113].

Ҳатто дар ин ҷо истифодаи вожаи андак ба ҷои камтар ҳам шеваи нигориши нависандаро ба сабки баёни роиҷ дар форсии Фароруд наздик гардонидааст.

Дар сабки нигориши Азизуддини Насафӣ гоҳо истифодаи вожагони роиҷ дар забони мардум ҳам ба чашм мерасад, ки онро нависанда хеле бамаврид ва дар ҷойи хеш ба кор мегирад.

Масалан, дар фасли «Дар баёни ҳиҷоб ва мақом» таъбири «дафъ мебояд кард»-ро ба кор гирифтааст, ки он ба ҳамин шеваи корбурд дар фарҳанги мардумӣ ба маънии нест кардан, дур кардан роиҷ аст: «Бидон ки ҳар чизе, ки аз худ дафъ мебояд кард ва аз пеш бармебояд дошт, иборат аз ҳиҷоб аст ва ҳар чизе, ки худро ҳосил мебояд кард ва бар он

мебояд буд, иборат аз мақом аст» [26, 112]. Дар ин ҷумлаи кӯтоҳ баробари корбурди мувофиқи таъбири мазкур чанд унсури муҳими сабкии насри Азизуддини Насафӣ ба мушоҳида мерасад.

Истифодаи таъбири «бидон ки» мусаллам месозад, ки аксари ҷумлаҳои осори насрии нависанда ба ҳамин таркиби муроҷиат оғоз мешаванд ва ҳамон матлаби барои мубтадиён ҳамчун раҳнамо навишта шудани ин осорро бозгӯӣ мекунанд.

Ҷои дигар бошад, ин таъбирро ибораи муроҷиатии «эй дарвеш» иваз намудааст. Баробари ин, таркибҳои «аз пеш бардоштан», «ҳосил кардан», «бар он будан» низ ҳамон сабки хоси тоҷикона доштани насри нависандаро бозгӯӣ мекунанд.

Дар сабки таълифи нависанда истифодаи фаровони рақамҳо барои ифодаи матолиб низ ба чашм мерасад. Маълум аст, ки руҷуи нависанда ба ин шеваи корбурди рақамҳо ба хотири мустанад ва дақиқу мушаххас баён намудани афкор ва андешаҳои хеш сурат гирифтааст.

Намунае барои ин шеваи баёни адиб зикр мешавад: «Ва ақаботи ин роҳ низ чаҳор аст: дӯстии ҷоҳу дӯстии молу тақлиду маъсият. Ва усули мақомоту ҳолоти ин роҳ ҳам чаҳор аст: ақволи нек, афъоли нек ва ахлоқи неку маориф» [116].

Дар ин ҷо баробари тазаккури арқом як навъ дар банди охири матлаб таркиботи ақволи нек, афъоли нек ба ҳам саҷъ шуда омадаанд.

Гоҳе ба назар мерасад, ки такрори рақамҳо дар таркиби матн як оҳангнокии хосе бар баёни нависанда эҷод намуда, сабки иншои рисоларо ҷаззоб мегардонад.

Масалан, дар ин порча такрори вожаи «чаҳор» аз ҳамин хусусияти сабкӣ бархӯдор мебошад: «Ин чаҳор мақом бардоштан ва бад-ин чаҳор мақом расидан ба чаҳор чиз муяссар шавад: бар узлату кам гуфтану кам хӯрдану кам хуфтан, аммо бояд ки дар суҳбати доно ва марди доно кӯшиш кунад» [28, 116].

Дар баробари ин, ба мушоҳида мерасад, ки дар таркиби матни боло феълҳои «бардоштану расидан » ва таъбирҳои «кам гуфтану кам хӯрдану кам хуфтан» ҳам саҷъ шудаанд ва ҳам такрори калимоти таркиби онҳо низ оҳанги ҷумлаҳои насрии нависандаро навъе ба шеър наздик сохтааст. Баробари ин вожаи «бад-ин», ки бо чунин шева аслан дар таркиби ашъор ба кор меравад, ба ҳамон шеваи баёни шоиронаи насри Азизуддини Насафӣ таъкид меварзад.

Мебояд бо итминони комил ёдовар шуд, ки Азизуддини Насафӣ дар осори мансури хеш аз қабили «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Мақсад-ул-ақсо», «Инсони комил» ва рисолаи гаронбаҳои дигари худ аз анвои саҷъ ҳамаҷониба истифода кардааст.

Корбурди санъати саҷъ низ дар оҳангнокии ҷумлаҳо ва қаробати онҳо ба шеваи шоирона нақши муассир гузоштааст.

Устод Шафеи Кадканӣ дар ин маврид истилоҳи шеъри мансурро ба кор гирифтааст, ки бегумон насри Азизуддини Насафӣ аз ҳамин вижагии муҳими сабкӣ бархӯрдор мебошад.

Насри фаннӣ яъне сабке, ки дар таърихи таҳаввури насри форсӣ шевае аст, ки дар он намунаҳои барҷастаи насри ирфониро дар мавзуоти мухталиф ҳамроҳ бо забони гуфтор метавонем баён кунем.

Вижагиҳои насри фаннӣ истифода аз унсури саҷъ аст, ки бархе аз муҳаққиқон саҷъро аз хусусиёти забони арабӣ медонанд ва ҷамъе дигар онро дар осори Эрони бостонӣ решаёбӣ мекунанд.

Масалан ба ин ҷумла руҷӯъ хоҳем кард: «Андак хӯрдан он бошад, ки бад-он субот намоянд, ки аз субот корҳо кушояд ва аз бесуботӣ ҳеҷ коре наёяд» [28, с. 113].

Ин ҷо феълҳои таркиби «корҳо кушояд» ва «ҳеҷ коре наёяд» дар поёни ду ҷумла баробари саҷъ шудан, гӯё қофияе барои ин шеъри мансур эҷод кардаанд.

Ҳамзамон, ҳар ду таъбир ҳам сарчашма дар луғати форсии фарорудӣ доранд, зеро аввалӣ ба гунаи «кушоиши кор» маъруф аст, ки дар сабки нигориши камтар осори насрӣ дида мешавад ва бештар дар гуфтори мардум имрӯз ҳам маъруф аст.

Дувум, «ҳеҷ кор наёяд», ки ба шаклҳои аз дасташ коре барнаёмадан», «коре карда натавонистан» «ҳеҷ коре карда натавонистан» низ маъруфанд.

Бо такя ба ин андеша метавон назари Раҳим Мусулмонқуловро дар хусуси собиқаи корбурди санъати саҷъ дар адабёти тоҷику форс, бахусус насри он тасдиқ карда, нақши Азизуддини Насафиро дар истиқбол ва таҳкими густариши санъати мазкур муқаррар сохт.

Корбурди ташбеҳ ва тамсил низ дар насри Азизуддини Насафӣ, хоса дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар мавриде вай маротиби инсонро ба дарахт монанд кардаву менависад: «Инсон маротиб дорад, чунонки дарахт маротиб дорад. Пайдост, ки дар ҳар мартабае аз маротиби дарахт чӣ пайдо ояд. Пас кори боғбон он аст, ки заминро нарм ва мувофиқ медорад ва аз хору хошок пок мекунад ва об ба вақт медиҳад ва муҳофизат мекунад, то офате ба дарахт нарасад, то маротиби дарахт тамом пайдо ояд ва ҳар як ба вақти худ зоҳир гардад ва кори соликон низ ҳамчунин аст. Бояд ки риёзат ва муҷоҳадат аз ҷиҳати он бошад, ки одаме шаванд ва маротиби инсонӣ дар эшон зоҳир гардад» [28].

Дар ин порча низ чанд нуктаи муҳими вижагии сабкии дигар ба чашм мерасад, ки ҳамоно ба забони иншои асар ва баҳраварии он бар шеваи тоҷикии Фароруд пайвандӣ дорад.

Дар ин ҷо вожа ва таркибҳои хошок, аз хору хошок тоза кардани замин, нарм кардани замин, об додан, одам шудан ва амсоли ин бештар миёни тоҷикон роиҷ буда, корбурди онҳо назокати шеваи нигориши асарро таъмин кардаанд.

Мусаллам аст, ки дар таълимоти тасаввуфии роиҷ дар қаламрави Мовароуннаҳр, ки бо номи нақшбандия маъруф аст, яке аз тадбирҳои муҳим «даст ба кору дил ба ёр» ба шумор меравад.

Заминаҳои таҳаввули ин ғоя дар таълимоти ирфонии Азизуддини Насафӣ низ истифода шудааст. Ҳанӯз қабл аз ривоҷи ин таълимот дар ин минтақа аносири ин тадбирро мо дар асарҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ мушоҳида мекунем, ки дар он талқини ба кор машғул будан ба чашм мерасад. Ӯ мефармояд: «Солик бояд баландҳиммат бошад. То зинда аст дар кор бошад ва бар саъю кӯшиш машғул бувад, ки илму ҳикмати Худой ниҳоят надорад» [28, 134].

Талқини ба кор машғул будан минбаъд ба ҷавҳари таълимоти нақшбандиён мубаддал гардид, ки ин ҷо тавре мебинем, решаҳое дар андешаҳои Азизуддини Насафӣ дорад.

Шахси бадкор ва сарватпарастро дар миёни мардум баднафс мегӯянд, ки ин вожа ҳам бештар дар фарҳанги мардуми тоҷик маъруф аст. Дар баробари ин ки Азизуддини Насафӣ аз он истифода мебарад, дар муқобили он вожае нав бар ҳамин шева ба сурати «некнафс» офаридааст, ки хеле ҷолиб буда, ибтикори нависандаро дар сохтмони вожагони мураккаб бозгӯӣ мекунад.

Дар порчаи зерин ба ин нукта руҷуъ мешавад: «Баднафс аст он ки ҳамарӯза ранҷ ба мардум расонад ва ранҷи мардум хоҳад ба забон ё ба даст ва ё ба мол. Чун маънии бадӣ бидонистӣ, бояд, ки аз он дур бошӣ. Ва некнафс аст, он ки ҳамарӯз роҳати мардум хоҳад ва ҳама вақт роҳат ба мардум расонад ба забон ё ба даст ё ба мол... [28, 117].

Дар ин ҷо низ ҳамон такрори калимаву таркибот вобаста ба шеваи нигориши нависанда такрори муқаррарӣ ва заъфи нависандагӣ нестанд, зеро дар мавриди аввал барои ранҷ расонидан ва мавриди дуввум ҷиҳати тавзеҳи матлаби роҳат расонидан ба кор рафтаанд.

Дар ин такрор як навъ таҳаввули маъноӣ ба чашм мерасад, яъне зимнан нависанда ин такрорро барои ифодаи ду маънӣ ва матлаби ба

ҳам муттазод ба кор гирифта, аз ин роҳ ба сурати ҷолиб аз санъати тазоду муқобала истифода намудаст.

Ба ибораи дигар, нависанда муваффақ бар он гардидааст, ки бо шеваи ҳунармандона дар зимни як матлаб се саънати бадеиро канори ҳам ба кор барад, ки ба халоқияти ҳунарии адиб таъкид мекунад.

Ба ибораи дигар, дар як вақт нависанда ҳам тазоду муқобила ва ҳам такрорро мавриди истифода қарор дода, аз ин роҳ салосату равонии забони таълифоти хешро таъмин намудааст, ки ин ба арзишҳои адабии осори насрии нависанда ишорат мекунад.

Яке аз вижагиҳои муҳим, ки ба нуфузи ҷанбаҳои адабии осори насрии Азизуддини Насафӣ нақши муассир гузоштааст, корбурди масал ё зарбулмасалу мақол ба шумор меравад. Ин равиши кори нависанда ҳам барои тазйини сабки нигориши таълифоти вай ба кор гирифта шудааст. Масалан, дар китоби «Кашф-ул-асрор» ба хотири шарҳи ҳолу ҳавои инсонҳое, ки натавонанд сабур бошад ва асрори хешро нигаҳ надоранд, чунин менависад: «Баъзе касон сабур бошанд ва дар таҳаммули бори асрор қавӣ буванд ва агарчӣ ба сурат заъиф ва низор бошанд, аммо ба маънӣ қавӣ ва кибор бошанд. Ба ҳар боде дар ҳаво нашаванд ва ба ҳар обе ғарқа нашаванд, ки ба ихтиёр дурар ва луълуи маониро аз баҳри ботини худ зоҳир кунанд, бе садафи сурат зоҳир накунанд, то назари номаҳрамон ба он наафтад» [104].

Дар назари аввал дар сабки нигориши асари Азизуддини Насафӣ як навъ баёноти тамсилӣ ба мушоҳида мерасад, чун ин ҷо дар зимни таркибҳои «дурру луълуи маонӣ», «таҳаммули бори асрор» асосан ҷавҳари инсонӣ манзур аст, яъне сабки баёни нависанда то ҷое тавассути масал задан бар ашёе ё сохтмони ибораҳои тамсилӣ бадеияти махсус касб намудааст.

Баробари ин, ин ҷо нависанда аз масали «ба ҳар боде дар ҳаво нашаванд ва ба ҳар обе ғарқа нашаванд»- ро мавриди истифода қарор додаанд, ки гунаи дигари он дар миёни мардум ба шакли «ба ҳар ош

ҷурғот нашудан» маъруф аст ва ин мақол дар мавриди машғули фикри худ будан ва дар анҷоми ҳар коре шитоб накардаву баръакс бо таҳаммул будан ба кор меравад.

Мавриди дигар бошад, ҳангоми шарҳу тафсири матлаби он ки ҷаҳон аз маҷмуи аздод иборат аст, менависад: «Эй дарвеш!, чун маълум кардӣ, ки гули ин вуҷуд бехор нест ва нӯши вай бе неш нест ва дигар донистӣ, ки дар ҳама корҳо муҷозот аст ва мукофот хоҳад буд, талаби хушӣ макун, то нохуш набошӣ ва ҳеҷ касро маёзор, то озурда нашавӣ» [26, 104].

Дар ин ҷо нависанда мақоли «гули ин вуҷуд бехор нест ва нӯши вай бе неш нест»-ро истифода кардааст, ки асли он ҳамон, ки гул бе хор нест ва нӯш бе неш» мебошад.

Дар иртибот ба бахши дувуми он, ки ҳар касеро биозорӣ худ озор бинӣ, низ метавон навъе баёноти тамсилиро мушоҳида кард, ки Азизуддини Насафӣ барои тасдиқи назари хеш намунаи шеърие ҳам овардааст, ки ба фармудаи аҳли таҳқиқ мансуб ба қалами худи шоир аст ва мисраи охири он худ навъе масал аст ва бештар ба шакли «ҳеҷ касро маёзор то озурда шавӣ» дар миёни мардум роиҷ бошад:

**Шеър:**

Роҳат маталаб дило агар мешунавӣ,
К-аз мазрааи худ он чӣ киштӣ, даравӣ.
Ал- қисса аз ин қазия рамзе бишунав,
Озори касе макун, ки озурда шавӣ.

Зарбулмасали мавриди истифодаи Азизуддини Насафӣ, ки «гули ин вуҷуд бехор нест», баъдан дар адабиёти классикии тоҷик бо шакли «дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад» дар як ғазали Бадриддин Ҳилолӣ дар мақоми ирсоли масал омадааст.

**Байт:**

Ҳар ҷо ки ҳабибест, ба паҳлуш рақибест,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад. [48, 88]

Дар миёни мардум, хоса аҳли назар мақоле ҳаст, ки ба сурати зайл садо медиҳад: «Нафс ба масобати чашм аст ва ақл ба масобати офтоб». Ин мақолро Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни шарҳу тафсири ҷойгоҳи нафс ва ақл ба сурати зайл ба кор гирифтааст: «Ва ба наздики ин тоифа нафс дигар аст ва ақл дигар. Чунонки дар берун чашм ба воситаи офтоб идроки чизҳо мекунад, дар андарун нафс ба масобати чашм аст ва ақл ба масобати офтоб» [28, 105].

Ин ҷо дар сабки нигориши нависанда ҳам навъе баёни тамсилӣ ба мушоҳида мерасад, зеро ӯ нафси инсониро ба чашм масал мезанад ва ақли ӯро ба офтоб.

Баробари корбурди мақол дар ин порча ҳунари нависандагии адиб дар самти корбурди моҳиронаи санъати тамсил низ ба чашм мерасад. Дар идома ин шева равшантар ҷилвагар мешавад. Зеро нависанда ҳар нафси инсониро ба чароғ масал мезанад, ки яке андарун аст ва яке дар берун.

Ин маънӣ ба сурати зайл баён гардидааст: «Пас ҳар нафсеро ду чароғ аст, яке аз андарун ва яке аз берун. Чароғи андарун ақл аст ва чароғи берун устоди доно» [28, 132].

Дар ин порча шеваи нигориши тамсилии Азизуддини Насафӣ дар таҳаввули ҷанбаҳои бадеии сабки насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик тавассути корбурди тамсил ва ирсоли масал роҳро ҳамвор сохтааст. Муҳимтарин вазифаи тамсил дар он аст, ки андеша ва маъниро равшан месозад.

Ба таври умум, метавон изҳор дошт, ки сабки нигориши осори насрии Азизуддини Насафӣ дар баробари салосату равонӣ аз муҳимтарин арзишҳои адабиву бадеӣ баҳрабардорӣ, ки ин пеш аз ҳама дар корбурди моҳиронаи саноеи бадеӣ, истифодаи вожагони нобу нодири хоси фарҳанги Фароруд, баҳрабардорӣ аз муҳимтарин вижагиҳои сабкӣ дар сурати шарҳу тафсири маъниҳои луғавӣ ва

ирфонии вожагону таъбирҳо, корбурди тамсил ва ирсоли масал, зарбулмасал ва мақолҳои мардумӣ ва амсоли ин ба назар мерасад.

## 3.3. ШЕВАҲОИ ИСТИФОДАИ АШЪОР, АМСОЛ ВА ҲИКОЁТИ ТАМСИЛӢ ДАР ОСОРИ НАСРИИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Дар баробари шеваи хоси нигориш, корбандии воситаҳои тасвири бадеӣ яке аз арзишҳои адабии осори Азизуддини Насафиро истифодаи намунаҳои ашъори шоирони пешин муқаррар кардаанд. Зимни мутолиаи осори насрии Азизуддини Насафӣ маълум мегардад, ки ӯ бештари маврид дар китоби «Кашф-ул-асрор» намунаҳое аз ашъори шоирони гузаштаро ҷиҳати тақвияти андешаҳои ирфонии хеш ба кор бурдааст.

Такрори бархе аз ин ашъор дар китобҳои дигари вай чун «Баён-ут-танзил» ва «Инсони комил» ба чашм мерасанд. Таҳқиқ дар шеваи корбурди ашъори шоирон дар осори насрии Азизуддини Насафӣ маълум месозад, ки дар таркиби осори вай аз ашъори шоирони орифе чун Саноӣ, Аттор, Мавлонои Балхӣ, Бобо Афзали Кошонӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва дигарон пораҳои манзум истифода шудааст.

Дар як маврид байте аз муқаддимаи «Шоҳнома» низ ба кор рафтааст. Ҳамчунин аҳли таҳқиқ тахмин намудаанд, ки худи Азизуддини Насафӣ ҳам ашъоре сурудааст ва бархе аз намунаҳои ашъори хешро дар таркиби осори мансураш дар баъзе мавридҳо ба кор гирифтааст.

Муаллифи тазкираи ирфонии «Маҷолис-ул-ушшоқ» ду рубоӣ аз Азизуддини Насафиро дар китоби хеш бо таъкид бар мавориди эҷоди он овардааст, ки ин санад низ андешаи дар баробари осори мансур аз ин нависанда боқӣ мондани намунаҳои ашъорро низ собит мекунад.

**Рубоӣ:**

Эй сели фано, номи ман аз ёд бубар,
Бардор зи хокаму зи бунёд бубар.
Бар домани ӯ то нанишинад гарде,
Аз кӯчаи ӯ ғуборам, эй бод, бубар.

Рубоии дувумро ба таъкиди муаллифи тазкира ҳангоми гузаштан дар дарёи Омӯ навиштааст, ки ба сурати зайл аст.

**Рубоӣ**:

Кас дар кафи айём чу ман хор мабод,

Меҳнатзадаву ғарибу ғамх(в)ор мабод,

Не рӯзу на рӯзгору не ёру на дил,

Кофар ба чунин рӯз гирифтор мабод [19, 116].

Мусаллам аст, ки ҳадафи аслии истифодаи ашъори мазкур тақвияти андешаҳои ирфонии муаллиф ба шумор мераванд. Аммо дар канори ин ба назар мерасад, ки Азизуддини Насафӣ тавассути ба кор гирифтани ин ашъор ҷанбаҳои адабии осори хешро такмил намудааст.

Ба таъбири дигар, корбурди ашъор дар асарҳои насрии Азизуддини Насафӣ арзишҳои адабиву бадеии таълифоташро боло бурда, ба сабки равону ҷаззоби нигориши вай асари матлуб гузоштааст.

Дар ҷараёни муоинаи истифодаи ашъор дар осори насрии Азизуддини Насафӣ маълум мешавад, ки ӯ намунаҳои шеъриро барои тасбити назариёти ирфонии хеш ва ҳамзамон шарҳу баёни матолиб ба кор гирифтааст. Дар баъзе ҳолат нахуст бо шевае хоса аввал ҳикояте меоварад, ки ин равиши кори ӯ ҷанбаҳои ҳунарии осори мансури адибро тақвият мебахшад.

Ин ҷо зикри ҳикояти моҳиён, ки пештар зикр шуд, ки ба эҳтимоли зиёд маҳсули андешаи худи Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад, баробари навъе ҳикояти тамсилӣ будан ҳамон шеваи нигориши ҳикоёт дар таркиби мақома маҳсуб мешавад, ки бо шеър ҷамъбаст шудаанд.

Дар ин ҳикоят Азизуддини Насафӣ бо зикри «доно фармуд» иктифо намудааст. Дар натиҷаи ҷустуҷӯ маълум гардид, ки ин рубоӣ ба қалами Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ тааллуқ дорад. Аммо дар Девони рубоиёти шоир бархе фарқиятҳо ба чашм мерасад, ки аз ҷумла дар мисраи дуюм ба ҷои «бо васл бизода», «дар васл фитода» ва дар мисраи савум ба ҷои

«дар хок шуда» «дар хоб шуда» ва дар мисраи чорум ба ҷои «аз» в-аз» омадааст.

**Рубоӣ:**

Эй дар талаби гираҳкушоӣ мурда,

Дар васл фитода в-аз ҷудоӣ мурда.

Эй бар лаби баҳр ташна дар хоб шуда,

Эй бар сари ганҷу в-аз гадоӣ мурда [20, с. 657].

Доктор Саидалиасғар Мирбоқирии Фард ин рубоиро дар муқаддимаи асари «Баён-ут-танзил» ба Мавлоно мансуб донистааст. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки мисраи сеюмро худи ӯ дар пешгуфтори мазкур ба шакли дуюм, яъне «Эй бар лаби баҳр ташна дар хоб шуда» зикр намуда, вале дар матни «Кашф-ул-асрор», ки онро низ худи вай тасҳеҳ карда, шакли аввалиро овардааст. Баробари ин, дар ҳошияи «Кашф-ул-асрор» таъкид мекунад, ки ин рубоӣ дар саҳифаи 149 «Мухторнома»-и Аттор омадааст ва онро ба Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва Бобо Афзали Кошонӣ низ нисбат додаанд [27, с. 350].

Ҳамзамон, меафзояд, ки ин рубоиро гӯё дар вақти даргузашти Муҳаммади Хоразмшоҳ нафаре сурудааст ва дар китоби «Маориф»-и Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ низ омадааст.

Аммо дар нашри мукаммали Девони Бобо Афзал, ки дар Кошон нашр шудааст ва мавриди истифодаи мо қарор дошт, ин рубоӣ дида нашуд. Дар бахши рубоиёти китоби «Мусаннифот»-и Бобо Афзали Кошонӣ низ рубоии мазкур дида нашуд. Маълум мешавад, ки ба Девони рубоиёти Бобо Афзал илҳоқ шудааст ва дар асл ба ин шоир тааллуқ надорад.

Дар мавриди дигар, дар ҷараёни шарҳу тафсири аслу моҳияти талаби хушии дунёӣ кардан, ба гунаи зайл аз рубоие истифода кардааст:

Нест бе ранҷу роҳат ин дунё,

Хунук онро, ки кард ҳар ду фидо.

Ҳангоми зикри дувум бошад, нахуст таъкид мекунад, ки «Ва дигар хуш гуфтааст». Аз ин ишора маълум мешавад, ки байти дувум моли Саъдии Шерозӣ будааст.

**Байт:**

Хоҳӣ, ки ту озор наёбӣ зи касон,

Озор ба андаруни мӯре марасон.

Ин байт ба гунаи дигар дар девони рубоиёти Саъдӣ, ки ҳамасри Азизуддини Насафӣ ба шумор меравад, ба шакли зайл омадааст.

**Байт:**

Хоҳӣ, ки бар аз мулки Сулаймон бихурӣ,

Озор ба андаруни мӯре марасон.

Дар аксари маворид қабл аз овардани намунаҳои шеърӣ Азизуддини Насафӣ таъбири «он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст»-ро истифода бурдааст.

Аксари пажӯҳишгарон ҳамин вожаи азизро ба маънии номи худи нависанда фаҳмида гумон бурдаанд, ки ин намунаҳо бештараш мансуби хомаи худи ӯ ҳастанд. Вале дар асл чунин нест.

Масалан, ҷое дигар дар китоби «Кашф-ул-асрор» оварда: «Ва ҳаройина бояд, ки чунин бошад, ки аломати ҷаҳли мураккаб ин аст ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

**Рубоӣ**:

Қавме ба хаёл дар ғурур афтоданд,

В-аз ғояти ҷаҳл дар сурур афтоданд.

Маълум шавад, чу пардаҳо баргиранд,

К-аз кӯи ту дури дур афтоданд. [28, с. 42]

Дар аввал гумон меравад, ки шояд рубоӣ ба қалами худи нависанда тааллуқ дошта бошад. Аммо таҳқиқ дар асли он муқаррар намуд, ки ин рубоӣ дар миёни рубоиёти Абусаиди Абулхайр ба мушоҳида мерасад,

аммо ду мисраи он фарқ мекунад. Шакли дар маҷмуаи рубоиёти Абусаиди Абулхайр омада ба тартиби зайл аст.

**Рубоӣ:**

Қавме ба хаёл дар ғурур афтоданд,

В-андар талаби ҳуру қусур афтоданд.

Қавме муташаккиканду қавме ба яқин,

Аз кӯи ту дури дур афтоданд. [28,с. 42]

Ин шеваи корбурди ашъор хеле зиёд ба кор рафтааст. Аз ҷумла, ҳангоми тафсири матлаби он ки ҳар амали анҷомдодаи инсон ҷазо ва мукофоти худро дар пай хоҳад дошт, байти зерин оварда шудааст:«Эй дарвеш, ба яқин медон, ки муҷозот ва мукофот, албатта, хоҳад буд. Ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

Байт:

Чу бад кардӣ, мабош эмин зи офот,

Ки воҷиб шуд табиатро мукофот». [28, с. 103]

Зимни анҷоми ҷустуҷӯ дар мавриди асли байт маълум гардид, ки он аз маснавии «Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ гирифта шудааст. Ин байт дар бахши хотимаи достон, ки «Андарз ва хатми китоб» унвон дорад, интихоб ва дар ин бахши китоби Азизуддини Насафӣ ҷой гирифтааст.

Гоҳо ба назар мерасад, ки дар ҷараёни истифодаи ашъор Азизуддини Насафӣ онҳоро дар иртибот ба шарҳу тафсири зарбулмасал ва мақолҳое низ ба кор гирифта дар асари хеш истифода кардааст.

Бегумон, корбурди ин гуна зарбулмасалу мақолҳо, ки шумораи фаровоне аз онҳо дар осори насрии Насафӣ ба чашм мерасад, ҷанбаҳои адабӣ ва сабки нигориши насри нависандаро тақвият додаанд. Аз ҷумла, дар ин ҷо зимнан барои тақвияти фикри хеш нахуст бо ишорат бар он ки «зиракон» доранд, мақоли «барбаста дигар бошаду барруста дигар”-ро овардааст ва баъдан дар тавзеҳи он ва такмили андешаҳои хеш намунаи

шеърӣро истинод намуда: «Ва бар шатҳу томот худро ба уламо ва машоих монанд карданд, аммо зиракон донанд, ки «барбаста дигар бошаду баррустa дигар» [28, с. 113].

Ва он инсон аст ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

**Рубоӣ:**

Эй нусхаи номаи илоҳӣ, ки туӣ,

В-эй оинаи ҷамоли шоҳӣ, ки туӣ.

Берун зи ту нест, ҳар чӣ дар олам ҳаст,

Аз худ биталаб, ҳар он чӣ хоҳӣ, ки туӣ [146].

Ин рубоии маъруф дар девони рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ омадааст. Танҳо дар мисраи охири он шакли «дар худ биталаб» ба кор рафтааст.

Мирбоқирии Фард дар ҳошияи «Кашф-ул-асрор» навиштааст, ки ин рубоӣ дар «Мирсод», «Мармузот», «Мусаннифот»-и Бобо Афзал ва «Нузҳат-ул-маҷолис» низ нақл ва ба Наҷми Розӣ, Бобо Афзал ва Маҷдуддини Бағдодӣ мансуб шудааст [22, с. 366].

Дар китоби «Мусаннифот»-и Бобо Афзали Кошонӣ дар бахши рубоиёт дар саҳифаи 767 омадааст.  Аммо дар китоби Девони Бобо Афзали Кошонӣ, ки мавриди истифодаи мо қарор дошт, ин рубоӣ дида нашуд. Ба эҳтимоли зиёд, шояд ба девони ин суханвари ориф низ илҳоқ гардидааст.

Азизуддини Насафӣ дар шарҳи матлаби мазкур, ки ҳар яке аз ашё ва мавҷуди коинот оина ҳастанд ва миёни онҳо инсони доно оинаи гетинамой ба шумор меравад, ки дар вуҷуди вай маҷмӯи маротиб ҷой гирифтааст, бо ҳамон шеваи хоси хеш менигорад: «Яъне, агарчӣ анвои коинот ҳар як оинаанд, аммо анвои инсон оинаи гетинамой аст ва агарчӣ фарде аз афроди мавҷудот ҷомест, аммо инсони доно ҷоми ҷаҳоннамой аст. Пас инсони доно маҷмӯи маротиб омад ва маъҷуни акбар ва ҷоми ҷаҳоннамой омад ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

**Рубоӣ**:

Дар ҷустани Ҷоми Ҷам ҷаҳон паймудам,

Рӯзе нанишастаму шабе нағнудам.

З-устод чу васфи Ҷоми Ҷам бишнидам,

Чун ҷоми ҷаҳоннамои Ҷам ман будам. [28, 147]

Ин рубоӣ ба Бобо Афзали Кошонӣ тааллуқ дорад, ки дар Девони шоир омада ва чанд фарқият ҳам дорад.

**Рубоӣ**:

Дар ҷустани Ҷоми Ҷам ҷаҳон паймудем,

Рӯзе нанишастаму шабе носудем.

З-устод чу васфи Ҷоми Ҷам пурсидем,

Чун ҷоми ҷаҳоннамои Ҷам мо будем. [22, 144]

Дар навбати аввал маълум мешавад, ки гунаи дар Девони шоир омада ба шакли ҷамъ зикр шудааст ва ба ҷои калимаи бишнидам дар мисраи савум «пурсидам» сабт гардидааст.

Дар ҷараёни шарҳи матлаби фарқи инсон ва ҳайвон шоир инсонро дорои ҳавоси махсус ба шумор меоварад, ки ин дар амалкарди касби илм ва иқтисоби анвор ба ҷилва меояд.

Дар ин маврид нависанда бо зикри шеър иктифо намуда, менигорад: «Эй дарвеш, ҳайвон махсус аст ба ҳиссу ҳаракати ихтиёрӣ ва инсон махсус аст ба иктисоби улум ва иқтибоси анвор.

**Байт:**

Дар ту чизе ҳаст, к-андар олами мавҷуд нест,

Дар ту мавҷуд аст ҳар чизе, ки андар олам аст. [28, 148]

Аз рӯи он ки ин ҷо ишорат ба азизе ё доно нашуда ва танҳо бо зикри шеър нависанда кифоят намудааст, тахмин намудан мумкин аст, ки шояд байти мазкур моли худи шоир бошад, чун дар давовини шуарое, ки аз ашъори онон суханвар истифода кардааст, ин байт дучор наомад. Албатта, ин тахмин аст ва бо шеваи дигар муроҷиат намудани

Азизуддини Насафӣ ба байт ягона далели мо ба нисбат ёфтани байт ба худи нависанда дар ҳоли ҳозир ба шумор меравад.

Тавре аз истифодаи ашъор маълум мешавад, Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни таълифи асарҳои хеш аз анвоъи мухталифи он ба кор гирифтааст.

Агар дар мавориди қаблан зикршуда бештар мо рубоӣ ва абёт аз таркиби маснавиҳоро ба мушоҳида гирифтем, ба назар мерасад, ки байтҳое аз таркиби қасида ва ғазалиёти шуароро низ истифода кардааст.

«Эй дарвеш, ин ҷо сарҳадди он аст, ки солик аз дӯзах халос ёбад ва ба биҳишт расад ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфта.

**Байт:**

Бимир, эй дӯст, пеш аз марг, агар мезиндагӣ хоҳӣ,

Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо» [28, с. 151].

Ба таъбири Азизуддини Насафӣ он азиз Саноӣ будааст, зеро ин байт аз яке аз қасоиди Саноӣ баргирифта шудааст, ки бо матлаи зайл оғоз мешавад.

**Байт:**

Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло,

Қадам з-ин ҳар ду берун неҳ, на он ҷо бошу на ин ҷо. [35, с. 55]

Азизуддини Насафӣ барои тафсири бархе аз андешаҳои худ ба ҳикоёт ё ёддоштҳое руҷӯъ мекунад, ки заминаҳои воқеӣ доранд ва аз рӯзгори худи нависанда берун омадаанд.

Аз таъкиди бахши аввали як ёддошти ҳикоятмонанди нависанда маълум мешавад, ки он дар замони дар Бухоро иқомат намудани ӯ иттифоқ афтодааст.

Баёни мустанади бархе аз воқеоти рӯзгор барои барқарор намудани ҷузъиёти зиндагонии вай низ дорои аҳамияти хос мебошанд: «Вақте ин бечора дар Бухоро буд, рӯзе Шайх Саламаллоҳ бо асҳоб ба саҳро мерафтанд ва ин бечора низ мувофиқат кард. Чун ба саҳро рафтем, ин бечора дар он ҷамъият аз чанд кас биранҷид ва аз берун омадан

пушаймон шуд. Чун шаб даромад, Расулро ба хоб дид, фармуд, ки, Ё азиз, шайтони лоҳавлро мешиносӣ? Гуфтам на, Ё Расулаллоҳ. Фармуд, ки фалону фалон кас деви аузхон ва шайтони лоҳавлхонанд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, акнун шинохтам. Фармуд, ки аломати шинохт он бошад, ки аз эшон ҳазар бошӣ. [28, с. 155-156].

Бо таъкид бар ин матлаб як вежагии дигари сабкии осори насрии Азизуддини Насафӣ маълум мешавад, ки ӯ ашъорро барои маънигузории аҳодиси набавӣ низ ба кор мегирад.

Дар мавриди шарҳи ҳадиси маъруфи «Ҳар чиз ба асли худ баргарданда аст» нахуст менависад, ки пок ба пок ва хок ба хок руҷӯъ мекунад. Ва баъдан бо ишорате ба ҳамон шеваи хеш менависад.

Ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

**Шеър:**

Буду нобуди ту як қатраи об аст ҳаме,

Ки зи дарё ба карон омаду бо дарё шуд. [28, 149]

Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки байти мазкур ҳам аз Девони Аттори Нишобурӣ гирифта шудааст. Дар матни асари «Кашф-ул-асрор» ҳамон гуна, ки зикр ёфт, низ омада.

Аммо дар Девони Аттор байти мазкур дигаргуна сабт шудааст [4].

**Байт:**

Буду нобуди ту як қатраи об аст ҳаме,

Ки зи дарё ба канор омаду бо дарё шуд.

Тасҳеҳкунандаи матни «Кашф-ул-асрор» Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард низ ин фарқҳои байтро дар ҳошия нишон додааст, бидуни зикри муаллифи он.

Таъкиди як нуктаи дигар низ зарур аст, ки Азизуддини Насафӣ ин байтро дар «Кашф-ул-асрор» ду маротиба истифода бурдааст. Мавриди дигар дар саҳифаи 271 ҳангоми шарҳи ин матлаб, ки хоки ҳамаи мавҷудот, яъне инсону ҳайвону набстот яке аст, менависад, ки «Ва чун инсон зоҳир шуд, бозгашти инсон ба хок хоҳад буд, яъне қолаб ба

ҷавҳари хок бозгардад ва руҳ ба табиати хок бозгардад, ки бозгашти ҳар чиз ба асли худ хоҳад буд….[28, с. 270] ва дар поёни изҳори назари хеш таъкид мекунад, ки «Ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст».

Пасон ҳамин байтро такроран зикр мекунад.

**Байт:**

Як қадам бар нафси худ неҳ, дигаре дар кӯи дӯст,

Ҳар чӣ бинӣ, дӯст бин, бо ину онат кор нест. [28. 172]

Азизуддини Насафӣ ин байтро дар ду мавридд, аввал дар ҳамин китоби «Кашф-ул-асрор» ва баъдан дар китоби «Инсони комил»-и хеш ба кор гирифтааст ва ҳатто бештари шореҳони «Маснавии маънавӣ» зимни истифода аз ин байтҳо ба китоби «Инсони комил»-и Азизуддини Насафӣ ирҷоъ дода, ба Азизуддини Насафӣ нисбат додаанд. Вале ишорати худи Насафӣ дар ин китоб худ далели он аст, ки байт моли муаллиф нест. Гоҳе ин байт ба Абдуллоҳи Ансорӣ низ нисбат дода шудааст.

Аммо гунаҳои дигари байт низ ба чашм расид, ки яке аз он ин аст.

**Байт:**

Як қадам бар фарқи худ неҳ, дигаре дар кӯи дӯст,

Ҳар чӣ бинӣ, дӯст бин, бо ину онат кор нест.

Ин гунаи байт бештар дар нусхаҳои электронии мутун мавриди истифода қарор гирифтааст, аммо дақиқан муаллифи он маълум нест.

Тавре ишорат шуд, ба ғайр аз ин Азизуддини Насафӣ аз қасоид ва абёте аз ғазалиёти шуаро истифода карда, аз ин роҳ дар тақвияти ҷанбаҳои адабии осори хеш ва афкори орифонаи худ иқдом намудааст. Ба мавриди дигар руҷуъ мешавад:

«Ва он азизи дигар хуш гуфтааст:

Ту худро дар ҳиҷоби хеш магзор,

Ҳиҷоби ту туӣ, аз пеш бардор».

Он чи Азизуддини Насафӣ ишорат намуда, ки азизе дигар хуш гуфтааст, маълум мегардад, ки ин байт аз як ғазали Аттори Нишобурӣ

гирифта шудааст ва аммо мисраи аввал дар сурудаи ин шоир ба сурати дигар аст.

Дар Девони шоир байт ба шакли зайл омадааст.

**Байт:**

Қадам дарнеҳ, агар мардӣ дар ин кор,

Ҳиҷоби ту туӣ, аз пеш бардор.

Дар мавриди қитъаи зер таҳиягари «Кашф-ул-асрор» Мирбоқирии Фард дар муқаддимаи асари дигари ӯ «Баён-ут-танзил» [29,16] тахмин мекунад, ки он шояд ба қалами худи шоир тааллуқ дорад.

**Қитъа:**

Ҷӯёни иттисол басе халқу ҳақ азиз,

К-аз найситон ба ҳаст муҳол аст иттисол.

Васлу фироқи халқ ду чиз иқтизо кунад,

Ӯ нест ҷуз яке на фироқ асту на висол. [29, с. 225]

Далели аслии муҳаққиқ барои интисоби шеъри мазкур ҳамон зикри ибораи «он азиз аз сари ҳамин назар гӯяд» маҳсуб меёбад.

Ин ҷо зикри «он азиз» гӯё ҳамчун номи худи муаллифи асар фаҳмида шудааст.

Ба андешаи мо, ин нуқтаи назар на ҳамеша мавриди қабул буда метавонад, зеро тавре таъкид шуд, як шеваи аслии зикри ашъори шуарои дигар истифодаи ҳамин ибора аст ва маълум мешавад, ки дар ағлаб маврид ҳангоми корбурди ин таъбир дигар суханваронро дар назар дорад ва шояд баръакс ҷое, ки чунин таъкид ба чашм намерасад, онҳо ашъори худи нависанда бошанд.

Гоҳо Азизуддини Насафӣ ба таври дақиқ худ муаллифи ашъорро зикр мекунад. Аз ҷумла, ҳангоми овардани як рубоӣ чунин таъкид мекунад: Шаҳобуддини Суҳравардӣ ин маъниро дар назм оварда.

**Рубоӣ:**

Дил мағзи ҳақиқат асту тан пӯст бубин,

Дар кисвати руҳ сурати дӯст бубин.

Ҳар чиз, ки он нишони ҳастӣ дорад,

Ё сояи нури ӯст ё ӯст, бубин. [28, с. 311]

Аммо ин рубоӣ ба шакли зайл дар Девони ашъори Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ низ ба чашм мерасад.

**Рубоӣ:**

Дил мағзи ҳақиқат асту тан пӯст бубин,

Дар кисвати руҳ сурати дӯст бубин.

Ҳар зарра, ки ӯ нишони ҳастӣ дорад,

Ё сояи нури ӯст ё ӯст бубин. [20, с. 655]

Рубоии дигаре, ки дар саҳифаи 228 аз китоби «Кашф-ул-асрор» бо ҳамон шеваи ишорат ба «он азиз» зикр шудааст, дар Девони Бобо Афзали Кошонӣ дар саҳифаи 49 бидуни тағйирот омадааст.

**Рубоӣ:**

Ҳар нақш, ки бар тахтаи ҳастӣ пайдост,

Он сурати он кас аст, к-он нақшорост.

Дарёи куҳан чу барзанад мавҷе нав,

Мавҷаш хонанду дар ҳақиқат дарёст. [22, 49]

Аз баррасии ашъор мавриди дигар дар асари «Кашф-ул-асрор» зикршуда маълум мегардад, ки дар он сухан аз шарҳу тафсири офариниш ва ҳастӣ ёфтани аносири он аст ва шоҳиди шеъриро суханвар барои тақвияти ҳамин ҷанбаи фикрии хеш ба кор гирифтааст:

«Ин ҷумла чизҳо, ки пайдо омадаанд, аз он лавозим аст ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст» [28, с. 216].

**Байт:**

Офариниш нисори фироқи туанд,

Бар мачин чун хасон зи роҳи нисор

Ин байт аз қасидаи Санoӣ баргирифта шуда, ки байти матлаи он чунин аст.

**Байт:**

Талаб эй ошиқони хушрафтор,

Тараб эй шоҳидони ширинкор. [35, 141]

Дар шарҳи асмо ва мусаммо Азизуддини Насафӣ навишта, ки «Ҳеҷ аз ин асомӣ намонад, ҷуз исми вуҷуд». Ва ин байтро овардааст.

**Байт:**

Машав аҳвал, мусаммо ҷуз яке нест,

Агарчи ин ҳама асмо ниҳодем». [28, с. 233]

Ҷустуҷӯҳо муқаррар намуд, ки ин байт аз як ғазали Аттори Нишобурӣ баргирифта шуда, аммо мисраи аввали он бо тағйироти зер:

Мабош аҳвал, мусаммо ҷуз яке нест,

Агарчи ин ҳама асмо ниҳодем.

Дар ҷои дигар ҳангоми истифодаи шеър ба шеваи дигари корбурдӣ Азизуддини Насафӣ танҳо бо зикри шеър иктифо мекунад ва шояд ин равишро истифодаи ашъори хеш баргузидааст.

Аммо бо сабаби байти тахаллус будани шеъри аҷоибот аз тазаккури «он азиз» иҷтиноб меварзад, чун маълум аст, ки ин шеър аз Саноист:

Ҳадиси ошиқон ин буд Саноӣ,

Сухан кутоҳ шуд, аллоҳу акбар. [28, с. 232]

Вақте ба шарҳу тафсири ҳақиқати вуҷуд мепардозад, ҳама ашё ва мавҷудотро аз Худованд медонад ва барои субути назари хеш ин байтро меоварад.

**Байт:**

Ҷаҳонро баландиву пастӣ туӣ,

Надонам чиӣ, ҳар чӣ ҳастӣ, туӣ. [28, с. 232]

Ин байти маъруф маълум аст, ки ба қалами Абулқосими Фирдавсӣ тааллуқ дорад ва дар муқаддимаи «Шоҳнома» омадааст. Дар ду маврид аз рӯи ибораи таъкидӣ надоштани назари нависанда қабл аз овардани

шеър тахмин метавон кард, ки онҳо маҳсули хомаи худи нависанда мебошанд. Мавриди аввал байти зерин аст:

Онро, ки нишон доғи ишқ аст,

Бар чеҳраи ӯ чу нур пайдост. [28, с. 240]

Ба ҳангоми зикри байти дигар низ нависанда бо овардани шеър иктифо намудааст ва ба гумони ғолиб шояд байти худи ӯ бошад.

**Байт:**

Бохудӣ куфру бехудӣ дин аст,

Он чӣ гуфтем, мағзи он ин аст. [28, с. 243]

Дар ин ҷо манзури нависанда аз бехудӣ ҳолати ирфониест, ки инсон дар он аз ҳолати худии худ берун меравад ва ҷисму тааллуқи дунёро фаромуш мекунад. Агар ӯ бо худ аст, пас дар тааллуқи олам ва побастаи нафси инҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, фалсафаи бохудиву бехудиро ҳамчун ду мафҳуми хос дар ирфон талқин мекунад.

Мавориде низ ба мушоҳида мерасад, ки Азизуддини Насафӣ танҳо як мисраъ аз ашъори шоиронро зикр мекунад ва тавассути ҳамон назари хешро собит мегардонад. Масалан, ба ҳангоми тафсири шафаоту шафаъ ва дар асоси он баёни ҳақиқати ҷузъу кулл менависад: «Гуфтаанд, ки маънии шафоат ин аст, аз ҷиҳати он ки шафоат аз шафаъ аст ва шафаъ ҷуфт кардан ва чизеро ба худ кашидан аст. Яъне, майл сифати ҷузъ аст ва ҷазб сифати кулл ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфтааст.

**Байт:**

Ба сӯи кулли худ бошад ҳамеша ҷунбиши аҷзо [28, с. 267].

Бар асоси ҷусторҳо маълум гардид, ки ин мисраъ аз як қасидаи Саноӣ гирифта шудааст ва шакли комили байт чунин мебошад.

**Байт:**

Пас акнун гар сӯи дузах гароӣ бас аҷаб набвад,

Ба сӯи кулли худ бошад ҳамеша ҷунбиши аҷзо.

Дар робита ба асолати дарё ва мавҷ, ки яке ҷовидонӣ ва дигаре туфони зиндагӣ бошад, таъкиде мекунад ва байте меоварад: «Эй дарвеш,

дарёст, ки ҳар соат мавҷе бармеорад. Пайдо бошад, ки бақои мавҷ чанде бувад. Ва он азиз аз сари ҳамин назар гуфта.

**Байт:**

Ба як соат, ба як лаҳза ба як дам,

Дигаргун мешавад аҳволи олам. [28, с. 274]

Ҷустуҷӯ дар асли байт маълум намуд, ки зимни ишорат бар он дар матолиб ва нигоштаҳои дигар аҳли таҳқиқ ба ҳамин сафҳаи китоби Азизуддини Насафӣ ирҷоъ додаанд.

Аз ҷумла, Маҳдии Фидоии Меҳрубонӣ дар «Пайдоии андешаҳои сиёсии ирфонӣ дар Эрон» зимни зикри ин байт дар мақолаи мусаммо ба «Маърифат ва ҳастӣ дар назари Азизуддини Насафӣ» дар ҳошия чунин таъкид намудааст: «Насафӣ ҳамвора мегӯяд, олам биайниҳ ба мавҷи дарё мемонад, ки суботе надорад ва дар «Кашф-ул-асрор» дар бораи тағйири мудом ин байтро овардааст.

**Байт:**

Ба як соат, ба як лаҳза ба як дам,

Дигаргун мешавад аҳволи олам. [28, с. 141]

Ба эҳтимоли зиёд, метавон тахмин намуд, ки шояд байти мазкур ба худи муаллиф тааллуқ дошта бошад ва маънии он ҳамон дар кутоҳтарин фурсат тағйир ёфтани оламро талқин мекунад. Ба назари Азизуддини Насафӣ имкон дорад, ки дар як мижжа задан, ки ин ҷо вожаҳои лаҳза ва дам онро шарҳу баён мекунанд, олам тағйир ёбад ва дигаргуние иттифоқ афтад, ки инсон ҳаргиз интизори он нест.

Дар мавриди дигар як рубоие истифода шудааст, ки ба сурати зайл мебошад.

**Рубоӣ:**

Дар даҳр ҳар он ки ними ноне дорад,

В-аз баҳри нишастан ошёне дорад.

На ходими кас бувад, на махдуми касе,

Гӯ шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне дорад. [28, с. 283]

Зимни ҷустуҷӯ дар сарчашмашиносии рубоии мазкур муқаррар гардид, ки он дар Девони Умари Хайём мавҷуд аст ва ба қалами ин шоири шаҳири рубоисаро нисбат дода шудааст.

Ҳосили маънии ин рубоӣ он аст, ки инсон бояд бо ҳарчӣ дорад, қаноат варзад, зеро доштани як бурида нон ва манзили содаву хуб барояш кофист, ки зиндагонии шоистаеро ба сар бубарад.

Ба ибораи дигар, вақте инсон муҳтоҷи касе набошад ва ё дар хидмати касе нест, ӯ дар ҳақиқат дорои як ҷаҳони бузрг аст. Азизуддини Насафӣ ҳамин накду назар ва ҷаҳоншиносии хешро бо истифода аз рубоии мазкури Умари Хаём собит мекунад ва изҳор медорад, ки бояд инсонҳо фалсафаи қаноатро ончунонки бояд дарку маърифат намоянд то ба қадри ҳар лаҳзаи умри азизи хеш бирасанд.

Дар умум, барррасӣ ва таҳқиқи шеваҳои корбурди ашъор, амсолу ҳикам ва ҳикоёти тамсилӣ дар таркиби осори насрии Азизуддини Насафӣ муқаррар месозанд, ки ин равиши кори ӯ барои тақвияти ҳам ҷанбаҳои мавзуӣ ва ҳам сабкии осори фалсафӣ ва ирфонии ӯ нақши муассир гузоштаанд.

Шеваи кори адиб аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тавассути истифодаи ин аносири адабӣ Азизуддини Насафӣ муваффақ бар он шудааст, ки сабки насри хешро аз доираи насри илмии фалсафӣ ва ирфонии орӣ аз арзишҳои адабӣ берун бурда, ҷанбаҳои адабии онҳоро тавассути ин равиши кори матлуби хеш тақвият бубахшад.

Маҳз, ҳамин шеваи нигориш омил бар он омада, ки ҷанбаҳои бадеӣ ва адабии осори насрии ирфонӣ ва фалсафии Азизуддини Насафӣ имтиёз касб намуда, мақоми ӯ дар таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик муқаррар ва муайян гардад.

Ба ибораи дигар, корбурди ашъор, амсол, ривоёт ва ҳикоёти тамсилӣ дар осори ин ҳаким ва файласуф дар баробари истифодаи саноеи бадеӣ дар сабки нигориши таълифоти Азизуддини Насафӣ ба мо

имкон медиҳад, ки ӯро ҳамчун нависандаи соҳибсабке муаррифӣ намоем, ки дар ташаккули ду навъи насри асримиёнагии форсу тоҷик - фалсафӣ ва ирфонӣ саҳми босазое гузоштааст.

Баробари ин, маҳз аз рӯи истифодаи шавоҳиди шеърӣ дар таркиби осори насрӣ, ки он ҳам аз шеваҳои мухталиф ва қобили мулоҳиза бархӯрдор аст, аҳли таҳқиқ муайян намудаанд, ки баробари иншои асарҳои мансур Азизуддини Насафӣ ба сурудани шеър ҳам иштиёқи тамом доштааст.

Бархе намунаҳои ашъори худи ӯ дар таркиби осораш омадаанд ва ин моро ба натиҷае мерасонад, ки минбаъд бояд ковишҳое дар заминаи пайдо намудани ашъори шоир тавассути мутолиа ва таҳқиқи осори дигари адабиву ирфонӣ, тазкираву номаҳо, баёзҳо ва мақомаву анвоъи дигари насрӣ анҷом диҳем.

Мавҷудияти ин намунаҳои шеърӣ низ ҳарчанд дар навбати аввал дарак аз он медиҳанд, ки бештари онҳо барои ифодаи мазмунҳои ирфонӣ ва масоили тасаввуфӣ ба қалам омада, Азизуддини Насафиро чун орифи соҳибном ва шоир муаррифӣ мекунанд, аммо дар умум баёнгари он ҳастанд, ки Азизуддини Насафӣ дар сурудани ашъор низ маҳорати тамом дорад ва ашъораш низ саршори шигардҳои ҳунариву маъноӣ ҳастанд.

## ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Таҳқиқу баррасии масъалаҳои меҳварии боби сеюми диссертатсия, ки ба масоили марбут ба сабки таълиф, шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ, намунаҳои ашъор пайванди ногусастанӣ доранд, моро ба натиҷаҳое мерасонад, ки дар навбати аввал Азизуддини Насафӣ чун бештари умри хешро дар қаламрави Мовароуннаҳр сипарӣ кардааст, сабки хоси насри роиҷ дар ин сарзаминро ки бештар унсурҳои он дар забони тоҷикии имрӯз боқӣ мондааст, дар таълифоташ нигоҳ дошта, нуфуз бахшидааст.

Соддагиву равонии баёни насри Азизуддини Насафӣ аз он дарак медиҳад, ки ҳарчанд дар забони осори он истилоҳоти ирфонӣ ва тасаввуфӣ ба кор рафтаанд ё мавориди зарурӣ аз муарработи муайяне истифода кардааст, вале дар умум сабки иншои осори вай бо равониву соддагии баён аз таълифоти дигари ирфонии замони хеш фарқ мекунанд.

Яке аз муҳимтарин омилҳои таваҷҷуҳи ӯ ба сабки соддаву баёни равон барои навроҳони тариқат иншо гардидани осораш ба шумор меравад ва ҳамин омил сабаб шудааст, ки нависанда ҳатто мушкилтарин масоили тасаввуфиро бо забони сода ва орӣ аз такаллуфот баён дорад, ки барои маърифат ва фаҳму дарки онҳо осон гардад.

Дар баробари ин, Азизуддини Насафӣ барои ҷаззобияти каломи хеш аз силсилаи ашъори шоирон дар таркиби рисолаҳои худ истифода намуда, ба ин сабаб сабки иншои осорашро боз ҳам рангинтар гардонидаст.

Бештари маврид ӯ аз рубоиёти шоироне чун Фирдавсӣ, Умари Хаём, Бобо Афзали Кошонӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Саноӣ, Аттор ва Мавлонои Балхӣ истифода кардааст. Ҳангоми таҳқиқ маълум шуд, ки бархе намунаҳои ашъори дар таркиби рисолаҳои насрии Азизуддини Насафӣ истифодашуда ба қаламӣ худи ӯ тааллуқ доранд ва ин шеваи баррасӣ имконият медиҳад, ки мо маҳорати суханварии адибро на танҳо ҳамчун нависанда, балки дар сурудани шеър низ муқаррар намоем. Ба

ибораи дигар, рисолаҳои мансури Азизуддини Насафӣ ба мо имконият медиҳанд, ки ӯро ҳамчун шоир бишносем ва мақоми ҳунариашро чун шоир баррасӣ ва таҳқиқ намоем.

Аз дигар воситаҳои муҳими рангорангии сабки таълифи рисолаҳои Азизуддини Насафӣ корбурди ҳикояти мухталиф ва саноеи бадеӣ ба шумор меравад.

Аз мутолеаи таълифоти Азизуддини Насафӣ равшан мегардад, ки ӯ ҳикоёти зиёдеро бар асоси мутолеаи китобҳои дигар ба ҳадафҳои хеш мутобиқ гардонида, барои собити назарҳои ирфониаш ба кор гирифтааст.

Аз ҷумла, чанд ҳикояти дар рисолаҳои Азизуддини Насафӣ мавриди истифода қарор гирифта, дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлонои Балхӣ низ дида мешаванд ва ин нукта гувоҳ бар он аст, новобаста ба ҳамзамонӣ ин ду адиби ҳамаср аз таълифоти хеш бохабар будаанд.

Корбурди саноеи бадеии ташбеҳ, таҷнис, истиора, маҷоз, тавсиф, саҷъ, сифатчинӣ ва амсоли ин забони баёни нависандаро хеле ҷаззобу рангин гардонида, истифодаи саҷъ мавзунии баён ва шоиронагии насрашро таъмин кардааст.

Мусаллам аст, ки насри Азизуддини Насафӣ ширин ва шевоест, ки тамоми ҳунарнамоиҳои шоиронаро дар он метавон дид ва ба таври бориз пайдо кард. Барои иттилоъ ба бархе аз ороишҳо ва санъатгариҳое, ки дар матнҳои рисолаҳои у истифода шудаанд ишорат кунем.

Масалан дар таълифоти Азизуддини Насафӣ ҳар се навъи саҷъ ба кор гирифта шуда, дар ҷойи худ моҳирона истифода шудааст.

Масалан дар ҷое, зикр шудааст, ки «Ба қиёматашон азоби азим аст, ки доим асту муқим аст». Масалан дар ин ҷумла мо навъе аз саҷъи мутавозиро мебинем, ки теъдоди ҳиҷоҳо ва сомити охир як айни ҳам аст дар мисоли «азим ва муқим».

Таърихи ташаккули адабиёт ва ирфони форсу тоҷик шаҳодат бар он медиҳад, ки Азизуддини Насафӣ дар баробари кушиши зиёд дар рушду равнақи тафаккури насри ирфонӣ аз ҷумлае метавон баршумурд, ки насри ирфониро бо маънои комили хеш равнақ дода, дар навъҳои мухталифи он маҳорати сухангустариашро дар шинохти равиши ин насри адабӣ собит намудааст.

Насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ки зуҳуру равнақи офаринишаш пайвастагӣ ба қарнҳои IX-X дорад, падидаи мураккабу мухталиф ва дар айни замон комилёри фарҳангӣ ба ҳисоб меравад ва зуҳури як силсила осори назарӣ, ки қавоиду қавонини эъҷоди бадеъро муайян мекунад, далели рӯшани ин гуфтаҳо ба ҳисоб мераванд.

Азизуддини Насафӣ андешаҳои орифона, афкори ахлоқиву иҷтимоӣ, ақоиди пешқадам ва эҳсосоти баланди худро дар осораш бо сабки гуворову шево имло намудааст.

Хидмати муҳими Азизуддини Насафӣ ба мактаби насри ирфони ин аст, ки манозили тариқат ва мақомоти сулуки ирфониро мудавван сохт ва дар дараҷабандии мақомот тартиби тозае овард. Ӯ шариат ва тариқатро дар роҳи дарёфтани ҳақиқат ба ҳамдигар ёвар шумурда мекӯшид, ки тасаввуфро дар шуури мардуми оддӣ бо исломи расмӣ баробар нишон бидиҳад.

Ташаккул ва пайдоиши адабиёти ирфонӣ, хоса насри ирфонӣ ба замоне пайванд мегирад, ки тасаввуф ҳамчун раванди фикриву маънавӣ бархӯрдҳои зиёдеро бо мафкураҳои мухталифи намояндагони дину мазоҳиб аз сар мегузаронд.

Мусаллам аст, ки дар оғози ташаккули худ ирфон асосан бар амал ё тариқат созгор буд ва аксари намояндагони он муҳимтарин аркони ин фирқаи маънавиро ба анҷоми фаризаҳои хоси худ идома

мебахшиданд. Ҳарчанд муҳаққиқон заминаҳои зуҳури ин ҷараёни фикриро ба дину мазоҳиби қаблазисломӣ, чун ойини буддову Зардушт, исову монавӣ нисбат медиҳанд, аммо даврони ташаккулу таҷаммӯи таълимии он ба замони пайдоишу интишори ислом мувофиқ меояд.

Усули таҳлили поэтикии насри ирфонии Азизуддини Насафӣ дар асоси масъалаҳои сарчашмашиносӣ, масоили поэткаи матнӣ, таърихӣ ва анъанавӣ роҷеъ ба пажӯҳишот оид ба сабкшиносии интиқодӣ, таҳлили матнӣ, монолог дар дохили монолог ва махсусияти насри ирфонӣ мавриди таҳқиқ карор дода шудааст.

Азизуддини Насафӣ пеш аз, он ки аз душвории баёни бархе аз дарёфтаҳояш сухан гӯяд мавзуи рисоларо кӯшиш мекунад дуруст ва сода барои мухотабон шарҳу баён намояд ва бар замми ин ҳам дарк мекунад, ки забони сӯфиёна қодир ба гузориши тамоми таҷрибаҳои вай нест ва ногузир бояд аз забони оммиву содабаёнӣ кумак бигирад. Бинобарин ӯ забони отифиро на барои оростани калом, балки барои интиқоли беҳтари маъно ва андеша дар фаҳми мардуми одӣ ба қалам дода аст.

## ХУЛОСА

Таҳқиқ ва баррасии зиндагинома, мероси адабиву ирфонӣ ва вижагиҳои осори насрии Азизуддини Насафӣ муқаррар менамояд, ки ӯ воқеан яке аз чеҳраҳои барҷастаи насри сӯфиёнаи форсу тоҷик ба шумор меравад, ки бо иншои силсилаи осори тасаввуфӣ ба инкишофи адабиёти тоҷик саҳмгузорӣ кардааст.

Пажӯҳиши куллии масоили меҳварии рисола моро ба натиҷаҳои муайяне мерасонад, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои рисола ба таври зайл метавон ҷамъбаст кард:

1. Азизуддини Насафӣ дар қаламрави насри ирфонии форсу тоҷик бо таълифи рисолаи ирфонӣ соҳиби мақоми шоистае гардида, ки то кунун бештари ин расоил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Яке аз ин рисолаҳо «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аст, ки ба шарҳу тавзеҳи масоили назарии ирфонӣ, аз ҷумла офариниши олам, олами сағир ва кабир, мақоми ҷисмонӣ ва руҳонии инсон, ҷойгоҳи инсон дар ҷаҳони омадшуд ва манзалати руҳонии ӯ бахшида шудааст.

Бахусус, дар пиндор ва андешаҳои ирфонии нависанда инсон ба унвони мақоми сағир тафсир мешавад, ки ин мақом ҷойгоҳи хеле муҳим ва барҷаста ба шумор меравад, зеро ба андешаи ӯ ҳар чӣ дар олами кабир ҳаст, дар олами сағир низ мавҷуд бошад, чун олами сағир баргирифта аз олами кабир мебошад.

Ин андеша пеш аз ҳама бар асоси он тавзеҳ мешавад, ки ин намояндаи насри назарии ирфонӣ бештар бо назардошти мақоми руҳонии инсон бар ин натиҷаҳо мерасад ва чун асли руҳонии инсон баргирифта аз олами кабир аст, маҳз ҳамин матлаб омили муассир дар тавзеҳи ҷанбаҳои ирфонӣ ва шарҳи ҳолоту мақомоти инсон гардиданд, ки ин масъалаҳо дар рисолаи мазкури Азизуддини Насафӣ пурра тавзеҳу ташреҳ ёфтаанд **[1-М]**.

2. Дар мавриди ин асар ҳарчанд тадқиқоти муҳиме ба анҷом нарасидааст, аммо ҳанӯз дар солҳои навадуми қарни бистум маҳз ҳамин

рисола тавассути маҷаллаи «Садои Шарқ» ба дасти хонандагони тоҷик расидааст. Имрӯз таҳия ва тасҳеҳу нашри осори насрии ин нависандаи аҳли тасаввуф, ки аслаш аз Мовароуннаҳр баромадааст, пеш омадааст. Таҳия ва нашри матни илмӣ-интиқодии рисолаҳои Азизуддини Насафӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқу баррасии бештари осори насрии сӯфиёнаи ӯ муваффақ гардида, дар муайян намудани мақоми адабии ӯ дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик бо пажӯҳишоти густарда саҳм гузорем **[2-М]**.

3. Аз баррасии рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ бармеояд, ки ӯ яке аз нависандагони барҷастаи адабиёти ирфонии форсу тоҷик буда, бо таълифи чандин рисолаҳои муҳим дар рушди насри сӯфиёна саҳми муносиб гузоштааст. Ҳарчанд бештари асарҳои насрии ирфонии Насафӣ ҷанбаи қавии фалсафӣ доранд, аммо афкори ирфонии ӯ низ паҳлӯҳои мухталифи осорашро ба ҷараёни тасаввуф пайванди муҳкам бахшидаанд.

Дар баробари ин, дар рисолаҳои ӯ масъалаҳои офариниши олам, таснифоти ҷаҳон, мақоми инсон ва худшиносии вай аз ҷойгоҳи муҳиме бархӯрдоранд, ки афкори орифонаи муаллифро тақвият бахшидаанд **[2-М]**.

4. Азизуддини Насафӣ яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти тасаввуфии форсу тоҷик маҳсуб мешавад, ки ба қалами вай осори фаровони ирфонӣ тааллуқ доранд. Роҷеъ ба зиндагиномаи вай ҳарчанд иттилооти камтаре дар сарчашмаҳо мавҷуд аст, аммо бархе аз нукоти муҳими рӯзгорашро метавон бар асоси навиштаҳои худи вай мушаххас намуд. Ба ибораи дигар, силсилаи осори Азизуддини Насафӣ ба ҳукми сарчашмаҳои аслии рӯзгори нависанда хидмат карда метавонанд **[6-М]**.

5. Мероси адабиву ирфонии Насафӣ бою ғанӣ буда, ба қалами вай бештар аз сӣ рисолаи ирфонӣ тааллуқ мегирад. Муҳимтарин таълифоти вай «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён -ут-танзил», «Мабдаъ ва маод», «Инсони

комил» ва амсоли ин ба шумор мераванд, ки асосан ба сифати рисолаҳои дастурӣ барои мубтадиёни силки тариқат навишта шудаанд. Арзиш ва аҳамияти расоили мазкур боис бар он шудааст, ки онҳо аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ шуруъ аз асрҳои XVI-XVII ба чандин забонҳои олам тарҷума шудаанд **[1-М]**.

6. Дар ҷараёни мутолиа ва таҳқиқи расоили Насафӣ маълум мегардад, ки ба ғайр аз осори насрӣ ӯ ба иншои ашъор низ иқдом кардааст. Бархе намунаҳои ашъори вай дар таркиби таълифоти насрии ӯ ҷой гирифтаанд ва ду намуна аз рубоиёти адибро муаллифи тазкираи «Маҷолис-ул-ушшоқ» овардааст.

Ин матолиб аз он дарак медиҳад, ки мероси адабиву ирфонии Насафӣ танҳо аз наср иборат набуда, намунаҳое аз ашъори вай низ боқӣ мондаанд ва бо дастрас шудани осори манзуми дигар барои фароҳам овардани маҷмӯи ашъори шоир имкон даст хоҳад дод **[4-М]**.

7. Баррасӣ ва тавзеҳи муҳимтарин рисолаҳои ирфониву фалсафии Азизуддини Насафӣ ин нуктаро мусаллам месозад, ки нависандаи онҳо яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони аҳди хеш ба шумор меравад, ки бо сабаби тасаллути комил ба масъалаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ аксари ин рисолаҳоро бо дархости аҳли тасаввуф ба қалам оварда ва худ дар осораш ба ин нукот ишорат фармудааст.

Бо он ки бар асари ҳамлаи муғул Насафӣ тарки Бухоро ва дар умум Фарорудон намуд, вале равшан мегардад, ки сарчашмаи фикрии вай аз тасаввуфи роиҷ дар ин минтақа берун омадааст, ки ин матолиб чӣ дар шеваи баён ва чӣ дар шарҳу тавзеҳи матолиб дар ҷараёни таълифи рисолаҳояш ба мушоҳида мерасад.

Дар канори ин, ҳарчанд теъдоде аз рисолаҳои Насафӣ ба дасти чоп расида ва ҳатто ба забонҳои дигар тарҷума шудаанд, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳанӯз нусхаҳои хаттии осори ба нашр нарасидаи вай дар китобхонаҳои олам зиёданд ва ҳамин ношинохтагӣ ё камтар таҳқиқ шудани мутуни осори адабиву ирфонии ин адиб рисолатеро ба ихтиёри

аҳли таҳқиқ вогузор мекунад, ки дар амри таҳия, тасҳеҳ ва нашри осори ӯ икдом намоянд, то мероси адабиву ирфонии ӯ дар қаламрави Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сатҳу салиқаи муносиб муаррифӣ ва интишор гарданд **[5-М]**.

8. Рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи рисолаҳои барҷастаи Азизуддини Насафӣ ба шумор рафта, фарогири муҳимтарин матлаб ва андешаҳои муаллиф роҷеъ ба сайру сулуки маънавӣ мебошад. Рисола ба ҳукми дастур барои соликони навроҳ ё ба истилоҳ мубтадӣ ба қалам омада, бо сабке махсус ва саршори истилоҳоту мафоҳими ирфониву фалсафӣ ба қалам омадааст.

Ҳарчанд дар баёноти Насафӣ корбурди мафоҳими хос, рамзҳои ирфонӣ ва фалсафӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо шеваи ҷаззоб ва содаву равони баёни ӯ то андозае мушкилот ва мураккабии сабки асарро аз миён бардошта, онро хонову муассир гардонидааст. Азизуддини Насафӣ дар ҷараёни нигориши хеш кӯшидааст, ки матлабҳои осори динӣ ва илмиро бо усули баёни хеш тавзеҳ дода, аз истифодаи муарработ даст кашад, ки ин ба сабки матини сухани нависанда бетаъсир намондааст **[5-М]**.

9. Насафӣ дар эҷоди асарҳои хеш аз силсилаи осори нависандагони сӯфӣ ва файласуфони гузашта ба ҳукми сарчашмаҳои муҳим истифода намудааст. Маълум аст, ки ӯ аз китобҳои нахустини тасаввуфӣ, чун «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрия, осор ва таълифоти Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Аҳмади Ғаззолӣ, инчунин ашъори Аттору Саноӣ, Мавлонои Балхӣ ва монанди ин суд ҷустааст.

Нуқтаи назаре ҳам мавҷуд аст, ки гӯё Азизуддини Насафӣ бо Мавлоно мулоқоте ҳам анҷом дода ва ҳатто бархе аз ашъори вайро аз забони худаш навиштааст, зеро онҳо ҳарду адибони ҳамаср будаанд. Насафӣ дар мавориди зарурӣ дар осораш барои шарҳу тафсири

матолиби ирфонӣ ашъори Мавлоно ва дигар шоиронро мавриди истифода қарор додааст **[9-М]**.

10. Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ дар шумори осори муътабари насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик қарор дорад, ки аз шеваи нигориши ҳакимонаву орифона бархӯрдор буда, ҳам дидгоҳҳои фалсафӣ ва ҳам ирфониро дар шинохти ҳақиқати офариниш, олам, инсон, кавну макон, ҳақиқати шаби қадр ва рӯзи қиёмат, меод, китоби Аллоҳ ва каломи Аллоҳ ва амсоли ин фаро мегирад.

Таваҷҷӯҳи муаллиф ба диди орифонаву ҳакимона дар мавриди ин масоили мубрами фалсафӣ ва ирфонӣ сабки таълифи асарро бо шеваи нигориши ҳам сӯфиёна ва ҳам фалсафӣ наздик сохтааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки насри ирфонии Азизуддини Насафӣ беҳтарин хусусиёти насри ирфонии даврро бо фарогирии мафоҳим ва истилоҳоти фалсафӣ дар худ таҷассум намуда, як равиши муттасил миёни насри фалсафӣ ва ирфонӣ эҷод кардааст **[3-М]**.

11. Баҳсу баррасии марбут ба масъалаҳои нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ баёнгари он аст, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нусхаҳои фаровони осори ин адиби суфӣ маҳфузанд, ки далели шуҳрати зиёд ва маъруфияти асарҳои насрии адиб ба шумор меояд. Дар канори ин, гунаҳои мухталифи матни осори вай низ ба чашм мерасанд, ки таҳлили қиёсии як матни форсӣ ва нашри дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» анҷомёфтаи рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ҳақиқати ин амрро бозгӯӣ мекунад.

Ихтилоф дар матни нусхаҳо худ баёнгари он аст, ки имрӯз зарурати таҳияи мутуни илмӣ – интиқодии осори Насафӣ бар асоси нусхаҳои хаттии дар ихтиёр мавҷуда ва нашрҳои хуби анҷомёфта дар Эрону кишварҳои дигар бояд сурат гирад, ки умедворем, дар фурсатҳои баъдӣ ин кори муфид ва босамар ба анҷом расонида шавад **[8-М]**.

12. Баррасии ҷойгоҳи истилоҳоти ирфонӣ дар осори Насафӣ маълум менамояд, ки ин нависандаи сӯфимашраб дар таълифоти хеш силсилаи истилоҳот ва мафоҳими ирфониро ба кор бурдааст, ки забони нигориши асарҳояшро ба вижагиҳои хоси насри сӯфиёна пайванд бахшидааст. Дар канори ин бархе аз ин истилоҳ ва мафоҳимро худ тавзеҳ медиҳад, ки дар ин замина дидгоҳҳои хоси ирфонии вай чунин рамз ва истилоҳ муқарррар мегарданд. Имконият дорад, ки дар заминаи осори насрии Насафӣ як фарҳангномаи хоси мафоҳим ва истилоҳоти ирфонии таълифоти ӯро мураттаб намуд **[7-М]**.

13. Ҳарчанд осори Насафӣ ба шарҳу тавзеҳи масоили ирфонӣ ихтисос дода шудаанд, аммо бо сабк ва шеваи матлубу равони илмӣ ба қалам омада, аз назокатҳои хосае бархӯрдоранд. Новобаста ба истифодаи истилоҳоти фалсафиву ирфонӣ, сабки нигориши мероси адабиву ирфонии Насафӣ содаву равон буда, дар он вожаҳои нодири форсии Форорудӣ фаровон ба кор рафтаанд.

Азизуддини Насафӣ бо он ки дар асари «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба эроди нисбатан сода ва ба ҳама мафҳум будани асари хеш аз ҷониби муқтазиён таъкид мекунад ва қайд менамояд, ки онро ба забони хосон мутобиқ гардонидааст. Дар саросари матн назокату равонӣ ва равшании матлабҳо тағаллуб дорад **[5-М]**.

14. Дар Тоҷикистон танҳо рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ба нашр расидааст, аммо мутолеаи осори фаровони вай ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки бояд мутуни илмӣ-интиқодии осори нависанда бар асоси дастрасӣ ба нусхаҳои хаттӣ тасҳеҳ ва нашр карда шавад **[5-М]**.

15. Осори насрии Насафӣ аз вижагиҳои муҳимми сабкӣ ва арзишҳои адабӣ бархӯрдор мебошанд. Нависанда аз саноеи бадеие чун ташбеҳ, истиора, тамсил, тазод, муқобола, такрор ва амсоли ин фаровон ва ҳунарварона ба кор гирифтааст, ки ин амр ба ташаккули ҷанбаҳои ҳунарӣ ва сабкии осори вай таъкид меварзад **[3-М]**.

16. Истифодаи ашъор, амсол ва ҳикоят дар таркиби осори насрии Азизуддини Насафӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нависанда барои тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии сабки нигориши хеш, инчунин ба хотири мустанад ва боз ҳам таҳким ёфтани афкори ирфонӣ ва фалсафии хеш аз ин аносири фасоҳатбахши калом истифода намудааст. Мутолиаи таълифоти насрии Азизуддини Насафӣ, хоса рисолаҳои «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил» ва «Мақсад-ул-ақсо» равшан мегардонанд, ки дар ҷараёни нигориши ин осор муаллиф аз ашъори суханварони гузаштаи адабиёти мо, чун Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Саноӣ, Аттор, Бобо Афзали Кошонӣ, Абусайиди Абулхайр ва дигарон намунаҳои ашъор истифода кардааст. Бар асоси мавҷудияти бархе намунаҳои шеърии мансуб ба қалами худи адиб ва зикри баъзе намунаҳои дигар дар тазкираҳои ирфонӣ метавон муқаррар намуд, ки Насафӣ завқи баланди маърифати шеър ва суханварӣ ҳам доштааст ва эҳтимолан намунаҳои зиёди шеърӣ низ сурудааст, ки танҳо қисмате аз онон тавассути китобҳои худи вай ва тазкираҳо то мо расидаанд.

Дар заминаи таҳқиқ дар ҷанбаҳои ҳунарии осори Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми вай дар насри ирфонии форсу тоҷик имрӯз зарурате ба миён меояд, ки дар заминаи ҷустуҷӯи ашъори бозмондаи ӯ пажуҳише ҷудогона дар заминаи сурудаҳои манзуми вай низ анҷом дода шавад, то ба таври куллӣ ҷойгоҳи суханвар дар адабиёти форсии Фароруд, чи дар назму чи дар наср муқаррар гардад **[1-М]**.

17. Истифодаи ашъор, зарбулмасал ва мақол, ҳикоёти тамсилӣ сабки таълифоти Насафиро ҳамчун нависандаи забардаст муаррифӣ мекунад. Сабки нигориши осори насрии Насафӣ аз муҳимтарин ҷанбаҳои адабиву бадеӣ бархӯрдор буда, ҳамин хусусиёти онҳо омил ба истиқболи рисолаҳояш дар замони зиндагонӣ ва баъд аз вай гардидаанд.

Дар баробари ин, истифодаи ашъор дар таркиби осори насрии ӯ имконият медиҳанд, ки мо насри навасандаро ҳамчун сарчашмаҳои

таъйини омори манзуми вай муқаррар карда, дар бораи мақоми ҳунарии вай чун шоири соҳибназар андешаронӣ кунем **[7-М]**.

18. Азизуддини Насафӣ дар баробари он ки мақоми хешро дар қаламрави фалсафа ва ирфон ҳамчун ориф ва файласуфи назарияпардоз муқаррар намуд, афзуда бар ин тавассути таълифи ин осор барои ривоҷи ҷанбаҳои мухталиф ва сабки иншои насри фалсафӣ ва ирфонӣ дар адабиёти форсу тоҷик нақш ва мақоми хешро пайдо намудааст. Бо назардошти он ки рисолаҳои Азизуддини Насафӣ барои мубтадиёни мактабҳои ирфонӣ ва фалсафӣ ба қалам омада, бо ҳадафи пуртаъсир ва зуд ба тафаккур ва андешаи соликони тариқат мақбул афтодан сабки содаву равон ва шеваи баёни шевоеро интихоб намудааст, ки осори ӯро аз дигар таълифоти ирфонӣ имтиёз мебахшанд **[1-М]**.

19. Вижагиҳои сабкии осори мансури Насафӣ бештар дар қолиб ва шеваҳои забони форсии Фарорудӣ ба қалам омада, дар он унсурҳои шевои забони мардумӣ, мақол ва зарбулмсалаҳои нодир мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамчунин, бо мақсади боз ҳам тақвият ёфтани арзишҳои адабӣ ва ҷанбаҳои бадеӣ нависанда гоҳо ба аҳодиси набавӣ, ҳикоёти тамсилӣ аз рӯзгори аҳли ирфон руҷӯъ намудааст, ё ин ки ёддоштҳое аз рӯзгори хешро нақл намудааст, ки ин шеваи кори ӯ низ ба сабки нигориш таъсири равшан гузоштааст.

Ин махсусияти сабки нависандагии Азизуддини Насафӣ омил бар он гардидаанд, ки ӯ дар ташаккули сабки насри фалсафӣ ва ирфонӣ, ки аз ҷумлаи анвои мутадовили насри классикии мо ба шумор меравconfigured, саҳми арзандаи худро гузошта, ҳамчун нависанда низ мавқеъ ва мақоми хосае касб намуда, мавриди эътирофи аҳли тазкира, таҳқиқ ва адибони пасованди хеш қарор бигирад **[3-М]**.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Хулосаҳо ва мулоҳизаҳои муаллифи диссертатсия метавонад дар такмилаи пажуҳишҳои марбут ба таърихи ташаккули забони форсӣ, хоса забони форсии мовароуннаҳрӣ, таърихи адабиёти тоҷик, хоса таърихи насри ирфонӣ хидмат кунад.

Дар баробари ин, дар оянда натиҷаҳои аз таҳқиқотро метавон барои анҷоми корҳои зерин истифода намуд:

1. Дар навбати аввал, зарур аст, ки мутуни рисолаҳои тасаввуфии Азизуддини Насафӣ таҳия ва ба нашр расонида шаванд, зеро то кунун ягон рисолаи ин нависандаи аҳли тасаввуф, ки дар инкишофи насри ирфонии форсу тоҷик нақши мунир доштааст, ба сурати китоби алоҳида дар Тоҷикистон чоп нашудааст.

Дар баробари ин, агарчӣ чанде аз ин рисолаҳо ба кӯшиши Мирбоқирии Фард дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба чоп расидаанд, ин маънои онро надорад, ки тамоми мероси адабиву ирфонии ӯ дар дасти чоп аст.

Ба таъкиди худи мураттиби рисолаҳо ҳанӯз бештар аз 27 рисолаҳои Азизуддини Насафӣ то кунун ба чоп нарасидаанд. Таҳқиқоти анҷомёфта барои муқаррар намудани заминаҳои аслии тасҳеҳ ва нашри мутуни комили осори нависанда бар асоси нусхаҳои хаттии дастрас заминаҳо фароҳам меоварад.

2.Барои таҳияи маводи назариву амалӣ ҷиҳати омӯзиш ва таълими курси таърихи адабиёти форсу тоҷик аз маводи рисола ба таври фаровон истифода намудан мумкин аст.

3.Барои таҳияи дастурҳо ва раҳнамои таълимӣ аз фанҳои «Таърихи адабиёти форсу тоҷик», хоса «Таърихи адабиёти тасаввуф» ва «Таърихи насри форсу тоҷик», «Таърихи фалсафаи Шарқ», «Сарчашмашиносӣ», «Таърихи тасаввуф», «Адабиёти сӯфия», «Семинарҳои махсус» аз фанни

«Таърихи адабиёт», инчунин «Матншиносии осори адабӣ» метавон ба кор гирифт. Хоса қисмати нусхашиносии осори Азизуддини Насафӣ барои таълими фанҳои нусхашиносӣ ва матншиносии осори насри классикӣ ба таври фаровон мусоидат мекунад.

4.Барои хондани курсҳои ҷудогона дар машғулиятҳои факултативӣ ва семинарҳои махсус дар факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳои олии Тоҷикистон оид ба насри классикӣ ва хусусиятҳои он аз рӯи осори Насафӣ истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

5.Барои баргузор намудани суҳбатҳо ва машваратҳои илмӣ, таълифи рисолаҳои хатму магистрӣ, анҷоми рисолаҳои номзадиву докторӣ дигар намуди корҳои илмӣ дар факултаҳои филология ва шарқшиносӣ маводи рисола кумак мекунад.

6. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта дар оянда имкон дорад, ки дар баробари осори насрии адиб маҷмуаи ашъори ӯ, ки дар дохили рисолаҳояш истифода шудаанд, таҳия гардад.

# РУИХАТИ АДАБИЁТ

## САРЧАШМАҲО:


1. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр [Матн] / Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Эҷод, 2006. - 356 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Илоҳинома [Матн] / Бо тасҳеҳи Фуоди Руҳонӣ. –Теҳрон: Заввор, 1339. Чопи ҳаштум, 1384. - 377 с.
3. Аттор, Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё [Матн] / Бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммади Истеъломӣ. - Теҳрон: Заввор, 1384. – 914 с.
4. Аттор, Фаридуддин. Мухторнома. Маҷмӯаи рубоиёт [Матн] / Тасҳеҳ, муқаддима, ҳавошӣ аз Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1358. - 373 с.
5. Афлокӣ, Шамсуддин Аҳмад. Маноқиб-ул-орифин [Матн] / Иборат аз ду ҷилд. Бо тасҳеҳот, ҳавошию таълиқот. Ба кӯшиши Таҳсини Ёзиҷӣ.- Теҳрон: Дунёи Китоб, 1362. - 651с.
6. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маҷолиси сабъ [Матн] / Тасҳеҳ ва тавзеҳи Тавфиқи Субҳонӣ. -Теҳрон: Кайҳон, чопи чаҳорум. 1390. - 240с.
7. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Мактубот ва Маҷолиси сабъа [Матн] / Бо муқаддимаи Ҷавод Салмосизода. – Теҳрон: Иқбол, 1379. – 320 с.
8. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. -Теҳрон: Замон, 2001. - 728 с.
9. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Заввор, 1386. – 353 с.
10. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ (ва пайвастҳои навёфта) [Матн] / Ба тасҳеҳи Тавфиқи Субҳонӣ. - Теҳрон: Китоби Порса, чопи дуввум, 1389, - 444 с.

11. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Тасҳеҳу шарҳ ва нақд аз Беҳруз Сарватиён. - Теҳрон: Маҳтоб, чопи аввал, 1389. – 500 с.
12. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Бо муқаддимаи Ҷавод Салмосизода. – Теҳрон: Иқбол, 1379. – 224 с.
13. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Мақолоти Мавлоно (Фиҳӣ мо фиҳӣ). Вироиши матн аз Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1376, - 236 с.
14. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Куллиёти Шамси Табрезӣ муштамил ба 42000 байти ашъори форсӣ ва арабию Мавламмаот, 3502 ғазал, қасида, муқаттаоту тарҷеот бо 1995 рубоӣ аз осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ [Матн] / Бо инзимоми шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Амири Кабир, чопи бисту якум, 1391. – 1570 с.
15. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Аҳволи дили гудохта, гӯзидаи «Мактубот”-и Мавлоно [Матн] / Интихоб, муқаддима ва тавзеҳоти Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. - Теҳрон: Сухан, 1392. – 384 с.
16. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Мунтахаби ғазалиёт [Матн] / Таҳияи Асрори Раҳмонфар ва Мубашшир Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2013. - 579 с.
17. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маҷолиси сабъа [Матн] / Баргардони Мақсудов Ҳ., Сафаров М., Турсунов Ғ., Эшонхонов А. Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Зиёев Х.М. – Душанбе: Дақиқӣ,2014.-135с.
18. Бойқаро, Султон Ҳусайн. Маҷолис – ул – ушшоқ»[Матн] / Нувалкишур, 1876. - 270 с.
19. Буқлӣ, Рӯзбеҳон. Шарҳи шатҳиёт [Матн] / Бо тасҳеҳу муқаддимаи фаронсавии Ҳенри Корбен. – Теҳрон: Анҷумани эроншиносии Фаронса дар Теҳрон, 1995, - 784 с.

20. Валӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ [Матн] / Девон. Бо муқаддимаи Саид Нафисӣ. – Теҳрон, Нигоҳ, 1391. – 836 с.
21. Кошонӣ, Бобо Афзал. Девони ашъор [Матн] / Баррасӣ, муқобила, тасҳеҳ аз Мустафо Файзӣ, Ҳасан Отифӣ, Аббос Беҳниё, Алӣ Шариф. – Кошон, Идораи фарҳанг ва ҳунар. 1372. – 312 с.
22. Кошонӣ, Бобо Афзал. Мусаннифот [Матн] / Ба тасҳеҳи Муҷтабо Минавӣ ва Яҳё Маҳдавӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1366. - 894 с.
23. Қушайрӣ. Рисолаи Қушайрия - Теҳрон. Нашри Фурӯзонфар, 1374. - 845 с.
24. Маҷмӯаи мусаннифоти форсии Шаҳобуддини Суҳравардӣ. Дар се ҷилд [Матн] / Тасҳеҳ ва таҳияи Саид Ҳусайни Наср. - Теҳрон, 1378. – 867 с.
25. Насафӣ, Азизуддин. Зубдат-ул-ҳақоиқ [Матн] / Тасҳеҳ, муқаддима, таълиқот аз Ҳақвардии Носирӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1363. – 163 с.
26. Насафӣ, Азизуддин. Инсони комил. Бо муқаддимаи Ҳенри Корбен. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Морижон Мавла [Матн] / Тарҷума, муқаддима аз доктор Саид Зиёуддини Ваҳшерӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1993. – 613 с.
27. Насафӣ, Азизуддин. Бист рисола [Матн] / Нусхаи хаттии китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломӣ. Шумораи нусха, 1879 соли китобат 862 ҳиҷрӣ. – 369 с.
28. Насафӣ, Азизуддин. Кашф-ул-ҳақоиқ [Матн] / Тасҳеҳ ва таълиқи Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард. – Теҳрон: Сухан, 1391. – 627 с.
29. Насафӣ, Азизуддин. Баён-ут-танзил Тасҳеҳ ва таълиқи Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард. – Теҳрон: Сухан, 1391. – 610 с.
30. Насафӣ, Азизуддин. Максад-ул-ақсо [Матн] / Нусхаи қаламии архиви миллии Ҷумҳурии исломии Афғонистон. - Кобул. №61/1.

31. Насафӣ, Азизуддин. Мақсад-ул-ақсо [Матн] / Ба кӯшиши Ҳомид Раббонӣ. Теҳрон: Ҳомидӣ, 1351. - 88 с.
32. Розӣ, Наҷмуддин. Мирсод-ул-ибод [Матн] / Ба эҳтимоми Муҳаммадамини Раёҳӣ. - Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, чопи панҷум, 1373. -798 с.
33. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон [Матн] / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - Душанбе: Бухоро, 2015. - 334с.
34. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Тасҳеҳи Муҳаммад Қазвинӣ. - Теҳрон: 1372. - 136 с.
35. Саноӣ, Ҳаким Абулмаҷд. Девон [Матн] / Бо саъю эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон: Саноӣ, бидуни соли нашр. – 1228 с.
36. Саноӣ, Ҳаким Абулмаҷд. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариату-т-тариқат [Матн] / Тасҳеҳи мударриси Разавӣ, муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳӣ, Теҳрон, 1377. – 875 с.
37. Сипаҳсолор, Фариддун ибни Аҳмад. Зиндагиномаи Мавлоно Ҷалолуддини Мавлавӣ [Матн] / Бо муқаддимаи Саид Нафисӣ: Техрон: Иқбол,1363. – 415 с.
38. Сипаҳсолор, Фариддун ибни Аҳмад. Рисола дар маноқиби Худовандгор [Матн] / Тасҳеҳ ва тавзеҳи Муҳаммадалии Муваҳҳид. - Теҳрон, 1391. – 412 с.
39. Султон, Валад. Интиҳоннома [Матн] / Чопи аввал ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Муваҳҳид ва Алиризо Ҳайдарӣ. - Теҳрон: Хоразмӣ, 1389ҳ.ш // 2011 м. – 408 с.
40. Суҳравардӣ, Шаҳобуддин. Қиссаҳои Шайхи Ишроқ [Матн] / Вироиши Ҷаъфар Муддариси Содиқӣ. Теҳрон, нашри Марказ. 1375 с.
41. Суҳравардӣ, Шаҳобуддин. Ақли Сурх [Матн] / - Теҳрон, - 400 с.

42. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома [Матн] / Иборат аз IX ҷилд. Ҷ. 1. // Бо сарсухани Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ. - Душанбе: Адиб, 1987. - 522с.
43. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома [Матн] / Иборат аз IX ҷилд. Ҷ. 3. - Душанбе: Адиб, 1993. - 528 с.
44. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома [Матн] / Иборат аз IX ҷилд. Ҷ. 9. - Душанбе: Адиб, 1991. - 496 с.
45. Хоқонӣ, Шарвонӣ. Девон [Матн] / Муқобалаю тасҳеҳ ва муқаддимаю таълиқоти Зиёуддини Саҷҷодӣ. - Теҳрон: Заввор, 1373. – 1086 с.
46. Хуҷандӣ, Камол. Девон [Матн] / Таҳияи Абдуҷаббори Суруш // Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 1292 с.
47. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ба кӯшиши Меҳралӣ, Гургонӣ. - Теҳрон: Маҳмудӣ, 1376. - 340 с.
48. Ҳилолӣ, Бадриддин. Девон [Матн] / Силсилаи Ахтарони адаб. – Душанбе: Адиб, 2016. – 480 с.
49. Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ул-қудс [Матн] / Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо Мӯътабар Оқилова, Баҳром Мирсаидов. – Душанбе: Пайванд, 2013. – 865 с.
50. Шабистарӣ, Шайх Маҳмуд. Гулшани Роз [Матн] / Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима ва мураттиби тавзеҳоту луғоту феҳристи оёту аҳодису ашъор Шарифҷон Тоҷибоев. - Хуҷанд, 2001. – 113 с.
51. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт [Матн] / Ҷ. 1. Қасоид, марсия. – Душанбе: Адиб, 1988. – 432 с.
52. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон. Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

# ОСОРИ ИЛМӢ

## А) БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ


53. Абулқосимӣ, Сайида Марям. Истилоҳот ва мафоҳими ирфонии «Девони Шамс» [Матн] / - Теҳрон, 1386. – 968 с.

54.Ҳодизода, Р., Бертельс, Е.Э. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII - XIV. Қисми якум / Р.Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1976. - 347 с.

55. Анварӣ, Ҳасан. Фарҳанги фишурдаи сухан [Матн] / А.Ҳасан.– Теҳрон: Сухан, 1382, иборат аз ду ҷилд. - 450 с.

56. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ [Матн] / М.Баҳор.- Ҷ.2.- Теҳрон:Заввор,1372. – 468 с.

57. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ [Матн] / – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

58. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ [Матн] / (зиндагӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо. Тарҷумаи Тавфиқи Субҳонӣ. – Теҳрон: Китоби порса, 1388. – 463 с.

59. Ғанӣ, Қосим. Таърихи тасаввуф дар ислом ва татаввуроту таҳаввулот [Матн] / Ҷ. 2 – Теҳрон: Заввор, 1321. – 724 с.

60. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.Б.Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, 1983. – Ҷ.1. - 701 с.

61. Деххудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн] / Ҷ. 43, ҳарфи м (бахши аввал). А.Духхудо.- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1352. – 678 с.

62. Замонӣ, Карим. Шарҳи комили Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / - Теҳрон: Интишороти Муин, чопи саввум, 1391. – 662 с.

63. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи Маснавии маънавӣ [Матн] / Ҷ. 1. – Теҳрон: Иттилоот, 1386. - 1139 с.

64. Занд, М.И. Шесть веков славы [Матн] / М.И.Занд.– Москва: Наука, 1964. – 251 с.

65. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз дафтари айём [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Илмӣ, 1374. – 391 с.
66. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб, чопи ёздаҳум [Матн] / А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1392. – 351 с.
67. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз чизҳои дигар (маҷмӯаи накд, ёддошт, баррасӣ ва намоишномаҳо) [Матн] / А. Зарринкӯб.– Теҳрон: Асотир, 1371. – 370 с.
68. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон чопи сенздаҳум [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1393. – 446 с.
69. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1376. – 412 с.
70. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони андеша (маҷмӯаи мақолаҳои адабӣ ва фалсафӣ) [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1369. – 426 с.
71. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1371. – 600 с.
72. Зеҳнӣ, Туракул. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007.– 400 с.
73. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн] / М.Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1389. – 732 с.
74. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / К. М.Шафеъӣ.–Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури ҶИЭ, 1368.– 576 с.
75. Кароматуллоева, Н. Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ - форсӣ (Китобхонаи Давлатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ) [Матн] / Н.Кароматуллоева. - Душанбе, 1978.–Ҷ. 2. – 208 с.
76. Қандаҳорӣ, Низомиддин Тиринӣ. Қавоид-ул-урафо ва одоб – уш - шуарои (фарҳанги истилоҳоти орифон ва шоирон) [Матн] / Бо эҳтимоми А. Муҷоҳид. – Теҳрон: Суруш, 1376. – 358 с.

77. Қумшаӣ, Ҳусайн Илоҳӣ, Гузидаи Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Баргардон, таҳия, тавзеҳот ва луғатнома аз Абдуллоҳ Муллобоқизодаи Шаваткӣ. -Душанбе: Пайванд, 2007. – 302 с.
78. Люзин, Лионард. Мероси тасаввуф // Тарҷумаи Маҷдуддини Каёнӣ. - Теҳрон: Нашри марказ, 1384. – 567 с.
79. Мақсудов, Бадриддин. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Б.Мақсудов. - Душанбе, 1994. - 163с.
80. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] / Чилди 1. А.Гулчин. - Теҳрон, 1363. - 765с.
81. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] / Чилди 2. А.Гулчин. - Теҳрон, 1363.-1006с.
82. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб: адабиётшиносӣ ва танқид [Матн] / Ҷ. 1. Н.Маъсумӣ. -Душанбе: Ирфон, 1977.- 363 с.
83. Мероси Оли Сомон [Матн] / Таҳияи Н.Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. - 552 с.
84. Меҳрубонӣ, Маҳдии Фидоӣ. Пайдоиши андешаҳои сиёсии ирфонӣ дар Эрон. Аз Азизи Насафӣ то Садруддини Шерозӣ [Матн] / М.Меҳрубонӣ.– Теҳрон: Най, 1377. - 340 с.
85. Минавӣ Муҷтабо. Фирдавсӣ ва шеъри ӯ [Матн] / М.Минавӣ.- Теҳрон: Чопхонаи Ҳайдарӣ, 1372. – 248 с.
86. Моликӣ, Умед. Фарҳанги форсии фарҳехта [Матн] / У.Моликӣ. – Теҳрон: Бадеҳа, 1381. – 1428 с.
87. Мирзоюнус, Матлуба. Сиришке дар лола [Матн] / М.Мирзоюнус. – Хуҷанд, 1997. - 158 с.
88. Мирзоюнус, Матлуба. Шукуфаи андӯҳ [Матн] / М.Мирзоюнус. - Хуҷанд, 1999. – 200 с.
89. Мирзоюнус, Матлуба .Шамъи тироз[Матн] / М.Мирзоюнус. -Хуҷанд, Ношир, 2001. – 324 с.

90. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сенздаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV- форсу тоҷик) [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 287 с.
91. Мирниё, Мансур. Фарҳангномаи киноя [Матн] / М. Мирниё. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378. – 1051 с.
92. Мударрисӣ, Ҳасан. Фарҳанги корбурдии авзони шеъри форсӣ [Матн] / Ҳ. Мударрисӣ. – Теҳрон: САМТ, 1384. – 417 с.
93. Муваҳҳид, Муҳаммадалӣ. Куҳантарин ривоят аз моҷарои Шамс ва Мавлоно [Матн] / М.Муҳаммадалӣ. - Теҳрон, 1387. – 308 с.
94. Муллоаҳмад, Мирзо. Инсон, адабиёт, фарҳанг: Маҷмӯаи мақолаҳо [Матн] / М.Мулоаҳмадов.- Душанбе: Адиб, 1998. - 336 с.
95. Саҷҷодӣ,Ҷаъфари. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / С.Ҷаъфарӣ. -Теҳрон, 1375.-814 с.
96. Мушайиирӣ, Маҳшид. Нахустин фарҳанги забони форсӣ [Матн] / М. Мушайиирӣ.- Теҳрон, 1371. – 1190 с.
97. Насриддин, Абдулманнон. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – 392 с.
98. Насриддинов, Абдуманон. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 212 с.
99. Насриддин, Абдуманнон. Чиҳил мақола [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: МИИ «Ганҷинаи сухан», 2007. – 578 с.
100. Насриддин, Абдулманнон. Бо корвони нур [Матн] / Мақолаҳо дар бораи зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ // А.Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2010. – 138 с.
101. Насриддинов, Абдуманнон. Сухани фаришта [Матн] / А. Насриддин.– Хуҷанд, 1992.– 195 с.
102. Насриддин, Абдулманнон. Фарҳанги мушкилоти адабиёт: номаи мухтасар [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2016. –132 с.

103. Насриддинов, Абдуманнон. Нависанда ва шореҳи осори адабӣ [Матн] / А. Насриддинов. – Хуҷанд, 1992. – 195 с.
104. Насриддинов, Фахриддин. Тафсири «Кашф-ул-асрор”-и Абулфазли Майбудӣ ва аҳамияти адабии он[Матн] / Ф.Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир. – 183 с.
105. Насриддинов, Фахриддин. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Ф.Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
106. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷ.1 [Матн] / С.Нафисӣ. – Теҳрон: Фуруғӣ, 1344. – 664 с.
107. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷ. 2. [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Фуруғӣ, 1344. – 666 С.
108. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеъру-л-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Гелонӣ [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Теҳрон, 1368. Ҷ. 1-2. – 564 с.
109. Оташин, Б. Донишномаи адаби форсӣ, адаби форсӣ дар Осиёи Миёна [Матн] / Б.Оташин. Бо кушиш ва сарпарастии Ҳасани Анӯша, ҷилди аввал. - Теҳрон, 1380. – 800 с.
110. Пурномдориён, Тақӣ. Дар сояи офтоб. Шеъри форсӣ ва сохтшиканӣ дар шеъри Мавлавӣ [Матн] / Т. Пурномдориён. –Теҳрон: Сухан, 1384. – 418 с.
111. Пурномдориён, Тақӣ. Ақли сурх. Шарҳ ва таъвили достонҳои рамзии Сухравардӣ [Матн] / Т.Пурномдориён.- Теҳрон, интишороти Сухан. 1390. – 600 с.
112. Раҳмонов, Абдуҷаббор. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX [Матн] / А. Раҳмонов.– Душанбе, 2006. – 216 с.
113. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Р.Раҳмон. – Душанбе: Эр - граф, 2016. – 364 с.

114. Раҳмонов, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён (Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн] / Э.Раҳмон. – Лондон: 1999. - 240 с.
115. Риҷвун, Луид. Азизи Насафӣ. Тарҷумаи доктор Маҷдуддини Кайвонӣ [Матн] / - Теҳрон: Марказ, 1378. - 372 с.
116. Салимов, Носирҷон. Маърифати бадеии таърих[Матн] / Н.Салимов.- Хуҷанд: 1997. - 173 с.
117. Салимов, Носирҷон. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX – XIII) [Матн] / Н.Салимов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 396 с.
118. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.
119. Сатторов, Абдунабӣ. Нуқтаи пайванд: Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.
120. Сафавӣ, Куруш. Аз забоншиносӣ ба адабиёт. Шеър [Матн] / К.Сафавӣ.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1394. Ҷ.2. –222 с.
121. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ. 5/ 1. [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 635 с.
122. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5 /2. [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 635 с.
123. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/3. [Матн] / З. Сафо.– Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 1421 с.
124. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.3. чопи понздаҳум [Матн] / З.Сафо. -Теҳрон: Дебо,1390. – 1463 с.
125. Саҷҷодӣ, Саидчаъфар. Фарҳанги истилоҳоти фалсафии Мулло Садро [Матн] / С.Саҷҷодӣ. – Теҳрон, интишороти созмони чоп ва интишот, 1379. - 535 с.

126. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ// Саидҷаъфари Саҷҷодӣ[Матн] / С.Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1370. – 824 с.
127. Саҷҷодӣ, Сайидалии Муҳаммад. Маснавии маънавӣ аз нигоҳи дигар [Матн] / С.М. Саҷҷодӣ. –Теҳрон: Муассисаи пажӯҳишии ҳикмат ва фалсафа, 1386, - 530 с.
128. Тоиров, Зиёратшоҳ. Тамсил дар «Фиҳи мо фиҳи» – и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Рисолаи номзадӣ [Матн] / З.Тоиров . - Душанбе, 2004.-155с.
129. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / иборат аз ду ҷилд дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. –Москва: Советская эниклопедия, 1969. Ҷ.1. – 955 с. –
130. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / иборат аз ду ҷилд ҳдар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – Москва: Советская эниклопедия, 1969. Ҷ.2. – 955 с.
131. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ [Матн] / Иборат аз се ҷилд. Душанбе, «Ирфон». 1977, - 584 с.
132. Фозилов, М. Ҳикояҳои зарбулмасал. Душанбе 1967, нашриёти «Ирфон». - 182 с.
133. Фозилов, М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ [Матн] /. - Душанбе. Интишороти «Дониш» 1976.
134. Фозилов, М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо[Матн] / М.Фозилов.-Душанбе, нашриёти «Ирфон”, 1973. - 160 с.
135. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно [Матн] / Бо кӯшиши Ҷ.Ранҷбар ва М.Миршоҳӣ, Б. Фурӯзонфар .– Душанбе: Китобхонаи устод Халилӣ, 2007. – 252 с.
136. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодиси Маснавӣ [Матн] /. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1334. – 290 с.

137. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Маъхази қисас ва тамсилоти Маснавӣ [Матн] /Б.Фурӯзонфар - Теҳрон, 1382, чопи сеюм. – 325 с.
138. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон [Матн] / Б.Фурузонфар. – Теҳрон: Заввор, 1392. - 718 с.
139. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Маҷмӯаи мақолот ва ашъор [Матн] / Ба кӯшиши И.Маҷидӣ,Б. Фурӯзонфар. Теҳрон: Деҳхудо, 1351. - 506 с.
140. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир [Матн] / М.Футуҳӣ. –Теҳрон: Сухан, 1375. – 461 с.
141. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ[Матн] / Ҳ.Хатибӣ.-Теҳрон, интишороти «Завор», 1375. - 637 с.
142. Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис ба адабиёти форсӣ [Матн] / А.А. Ҳалабӣ. – Теҳрон: Асотир, 1371. – 328 с.
143. Ҳақиқат, Абдурафеи Суҳравардӣ. Шаҳиди фарҳанги миллӣ [Матн] /. А. Суҳравардӣ.-Теҳрон, интишороти «Кумиш». 1378. – 345 с.
144. Ҳодизода, Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷики [Матн] / Р.Ҳодизода. –Душанбе: Адиб, 1999. – 187 с.
145. Ҳодизода, Расул. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик [Матн] / Р.Ҳодизода. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 143 с.
146. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ[Матн] / С.Шамисо. - Теҳрон, 1387. - 360 с.
147. Шамисо, Сирус. Куллиёти Сабкшиносӣ. [Матн] / С.Шамисо.-Теҳрон, муассисаи интишороти «Фирдавс” 1378, - 328 с.
148. Шафеӣ, Муҳаммад. Тафсири маъориф-ул-қуръон [Матн] / Мутарҷим М.Муҳаммад, Ю.Ҳусайнпур. - Мактабаи Форуқия. Ҷ. 6, 1389ҳ. - 772 с.
149. Шарифов, Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ //[Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
150. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 160 с.

## ДОНИШНОМАҲО


151. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 1. Абай–Калим [Матн] / Сармуҳаррир Ҷумъабой Азизқулов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии милии тоҷик, 1988. – 544 с.
152. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 2. Калим–Работ [Матн] / Сармуҳаррир Ҷумъабой Азизқулов. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедии советии тоҷик, 1989. – 560 с.
153. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 3. Равзана–Ҷӯраев [Матн] / Сармуҳаррир Азизқул Қурбонов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии милии тоҷик, 2004. – 524 с.


## Б) БО ЗАБОНИ РУСӢ


154. Баевский, С.И. Описание таджикских и персидских рукописей Института народов Азии [Матн] / С.И. Баевский. - Москва: ИВЛ, 1962. – Вып. 4. - 78 с.
155. Бахтин, Михаил Михайлович. Собрание сочинений. Т.6. Проблемы поэтики Достоевского, 1963; работы 1960 – х - 1970 х гг [Матн] / М. М.Бахтин. – Москва: Русскые словари, языки славянской культуры, 2002. – 505 с.
156. Бахтин, Михаил Михайлович. Эстетика словесного творчества /Михаил Михайлович Бахтин[Матн] / М. М.Бахтин. – Москва, 1979. – 423 с.
157. Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийкая литература [Матн] / Е.Э. Бертельс. - Москва: Наука,1965. -524 с.

158. Бертельс, Е.Э. История персидско–таджикской литературы [Матн] / Е.Э. Бертельс. - Москва: ИВЛ, 1960. - 554 с.
159. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литературы [Матн] / И.С. Брагинский. - Москва: Гл. ред. восточ. лит., 1972. – 524 с.
160. Каталог Восточных рукописей АН Таджикской ССР, под ред. А.Мирзоева и М.И. Занда.-Душанбе: Дониш, 1968. - Т.3. - 238 с.
161. Каталог Восточных рукописей Академии Наук Таджикской ССР, под ред. А.М. Мирзоева и А.Е. Бертельса. - Душанбе: Дониш, 1974. – Т. 5. - 448 с.
162. Одилов, Н. Мировоззрение Джалалуддин Руми [Матн] / Н. Одилов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 112 с.
163. Олимов, К. Мировоззрение Санои [Матн] / К.Олимов.–Душанбе: Ирфон, 1973. –136 с.
164. Поляков, М. Вопросы поэтики и художественной семантики[Матн] / М.Поляков.- Москва: Советский писатель, 1978. – 449 с.
165. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Матн] / Перевод Н.А. Кондрашова и П. А. Клейнер Ян Рипка. – Москва: Прогресс, 1970. – 440 с.
166. Саидҷаъфарова, Парвина. Мистические и философские взгляды Азизуддина Насафи [Матн] / Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. Душанбе: Дониш, 2012. - 29 с.
167. Словарь литературоведческих терминов [Матн] / Ред. сост.: Л. И. Тимофеев, С. В. Тураев. – Москва: Просвещение, 1974. – 509 с.
168. Тодоров, Цветан. Теория символа. Перевод с французкого Бориса Нарумова [Матн] / Ц.Тодоров.–Москва: Дом интелектуальной книги, 1998. – 408 с.

169. Шарифов, Исомиддин. Антрополгические проблемы в философии Азизуддини Насафи [Матн] / Автореферат на соискание ученой степени кандидата философских наук. – Душанбе: Дониш, 2011.-26 с.

## МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛАВУ МАҶМӮАҲО:

## А) БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

170. Акбарзод, Ҳодӣ. Аз ӯст, ончи дар ӯст, нигоҳе ба як тасҳеҳи ҷадиди Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / А.Ҳодӣ, Китоби моҳ (адабиёт) №58, 1390. саҳ 77-84.
171. Найирӣ, Муҳаммад Юсуф ва диг. Накд ва таҳлили сабкшиносии «Кашф-ул-ҳақоиқи Насафӣ» [Матн] / Фаслномаи тахассусии тафсир ва таҳлили мутуни забон ва адабиёти форсӣ. Н.М.Юсуф, шумораи 31. баҳори 1396. Саҳ. 11-54.
172. Насриддинов, А. Қадимтарин сарчашма дар шинохти Мавлоно [Матн] / А.Насриддинов // «Адабиёт ва санъат» № 1 (1504), 7-01-2010.
173. Нузҳат, Баҳман. Нигоҳе ба тасҳеҳи Фиҳӣ мо фиҳӣ бар асоси нусхаи Қуния [Матн] / Адабпажӯҳӣ №14, 1389, саҳ. 131 - 155.
174. Саидолимов Комилҷон. Султон Валад ва «Рубобнома»-и ӯ» [Матн] // Адаб, соли 2007, саҳ. 7 - 9
175. Султон, Ҳасан. Мухтасари зиндагиномаи Шамси Табрезӣ [Матн] / С.Ҳасан.-Тирози ҷаҳон. -№12-18. 10-17.02.2007.
176. Султонӣ, Тоҷибой. Аввалин шореҳи маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ[Матн] / Ҳусни маънӣ // (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ба ифтихори 70-солагии номзади илмҳои филология, дотсент Мавлудахон Файзуллоева. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 376 с.
177. Хоифӣ, Аббос. Шимо, Тақипур Кундурас. «Маҷолиси сабъа» оғозе бар «Маснавӣ» ва ғазалиёти Мавлоно [Матн] / Х.Аббос,

Ш.Т.Кундурас,- Баҳористони сухан (фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии адабиёти форсӣ) Соли панҷум, шумораи 22. 1392. – саҳ. 65-80.

178. Ҳасанов, Абдуҷамол. Мазмуну муҳтаво ва вижагиҳои забонии дафтари панҷуми «Маснавии маънавӣ”-и Румӣ [Матн] / Ҳ.Абдуҷамол.- Армуғони Ганҷи сухан. Ҷилди аввал. - Хуҷанд,2007. - саҳ. 48 - 61

179. Шарифов, Худоӣ. Накд ва наққодӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Х.Шарифов.- Хуҷанд. - 1997. - №10-11 (24-25). – саҳ. 34-43.

180. Шаҳидӣ, Саид Ҷаъфар. Аз дирӯз то имрӯз [Матн] // (маҷмӯи мақолаҳо ва сафарномаҳо).–Теҳрон, 1372. – 842 с.

### Б) БО ЗАБОНИ РУСӢ

181. Саидджафарова, Парвина. Человек и его место в учении Азизуддина Насафи [Матн] / П.Саиджафарова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия «Философия и право». - Душанбе, 2002.-№ 3-4. - Стр. 61-73

182. Саидджафарова, Парвина. Социально - политические воззреншые Азизуддина Насафи [Матн] / П.Саиджафарова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия «Философия и право».-Душанбе, 2009.-№4. - Стр. 58 - 63.

183. Саидджафарова, Парвина. Учение Азизуддина Насафи о свете и тьме арийская цивилизация и национальное самопознание [Матн] / П.Саиджафарова. - Душанбе, Деваштич, 2008. – Стр. 153-161.

184. Саидджафарова, Парвина. Теория эманации Азизуддина Насафи [Матн] / П.Саиджафарова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия «Философия и право». - Душанбе 2011, №4. Стр. 57-61.

185. Шарифов, Исомиддин. Угнетение и воля в природе человека с точки зрения Азизуддина Насафи [Матн] / И.Шарифов // Вестник

национального университета, Душанбе, 2006, №6, стр. 122-126. (На тадж. яз.)
186. Шарифов, Исомиддин. Проблема сущности человека в наследии Азиза Насафи [Матн] / И.Шарифов // Известия АН Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2010. №2. Стр. 61 - 64.
187. Шарифов, Исомиддин. Проблема природы человека в произведениях Азиза Насафи [Матн] / И.Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. Душанбе, 2010. №2 (58). Стр. 166 -71 (На тадж. яз.).
188. Шарифов, Исомиддин. Проблема познания свободы с точки зрения Азизуддина Насафи [Матн] / И.Шарифов // Единство. Государство. Президент. Выпуск 10. Душанбе 2010. Стр. 241-246.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:**

**[1-М].** Сатторов, Ҳ.Ҷ. Тавсифи мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – №5 (88). – С. 124-128. ISSN 2219-5408

**[2-М].** Сатторов, Ҳ.Ҷ. Шарҳи мухтасари зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – №6 (89). – С.182-184. ISSN 2219-5408

**[3-М].** Раҳмонзода, А.А., Сатторов Ҳ.Ҷ. Шеваи нигориши насри суфиёна ва таҷассуми он дар осори Насафӣ [Матн] / А.А. Раҳмонзода, Ҳ.Ҷ.Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. –№5 (100) – С. 203-207. ISSN 2219-5408

**[4-М].** Восиева, Р., Сатторов Ҳ.Ҷ. Таъсири афкори чеҳраҳои маъруфи ирфонӣ ба рушди шахсияти Насафӣ [Матн] / Р. Восиева, Ҳ.Ҷ. Сатторов // Суханшиносӣ. – Душанбе, Институти забон ва адабиѐти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2022. – №4. – С. 69-74. ISSN 2308-7420

**[5-М].**Сатторов, Ҳ. Сохтор ва муҳтавои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ [Матн] /Ҳ.Сатторов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. - № 4 (105). – С. 166-170. ISSN 2219-5408

## МАҚОЛАҲОИ МУАЛЛИФ ДАР МАҶМУАҲО ВА НАШРИЯҲОИ ДИГАРИ ИЛМӢ:

**[5-М].** Сатторов, Ҳ.Ҷ. Сохтори «Зубдат-ул-ҳақоиқ”-и шайх Азизуддини Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов // Маводи конференсияи

илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ-2021. – С. 223-227.

**[6-М].** Сатторов, Ҳ.А. Зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ ё худ пири Ҳамзаи сабзпӯш [Матн] Ҳ.Ҷ. Сатторов // «Анвори דониш» маҷмуаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - 2021. – С. 85-92.

**[7-М].** Сатторов, Ҳ. Ҷ. Шеваҳои истифодаи ашъор ва амсол дар осори насрии Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов // Маводи конфронси байналхалқии «Мероси хаттии Осиёи Марказӣ: масъалаҳои нусхашиносӣ, тарҷума, нақди мутуни адабӣ. Хуҷанд, 31 майи соли 2022. — Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 213-220.

**[8-М].** Сатторов, Ҳ.А. Нусхашиносӣ ва нашрҳои расолаҳои Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов // Маводи конфронси байналхалқии «Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ. Душанбе, 20-21 майи соли 2023. — Душанбе, 2023. – С. 210-212.

**[9-М].** Сатторов, Ҳ.А. Ашъори шоирони машҳур дар осори насрии Азизуддини Насафӣ [Матн] / Ҳ.Ҷ. Сатторов «Масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ. Душанбе, 24 майи соли 2023. — Душанбе, 2023. – С. 156-157.